АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН
АГЕНТИИ АМНИЯТИ ХИМИЯВӢ, БИОЛОГӢ, РАДИАТСИОНӢ ВА ЯДРОӢ

Агентии амнияти ХБРЯ
2003
Агентство по ХБРЯ безопасности
CBRN Safety & Security Agency

Маҷаллаи соҳавии иттилоотӣ ва таҳлилӣ
Информационно-аналитический журнал
Information and analytical journal

АМНИЯТИ ХБРЯ

№2, 2023

АГЕНТИИ АМНИЯТИ
ХБРЯ

АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН

АГЕНТИИ АМНИЯТИ ХИМИЯВӢ, БИОЛОГӢ, РАДИАТСИОНӢ ВА ЯДРОЙӢ

МАҚОМИ ТАНЗИМГАРИ ДАВЛАТӢ

АГЕНТИИ АМНИЯТИ ХБРЯ

НАВГОНИҲО

ДАР БОРАИ МО

«МАҚОМИ ВАКОЛАТДОРИ ДАВЛАТӢ ДАР СОҲАИ ТАЪМИНИ БЕХАТАРИИ РАДИАТСИОНӢ - АГЕНТИИ АМНИЯТИХИМИЯВӢ, БИОЛОГӢ, РАДИАТСИОНӢВА ЯДРОЙ АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН БУДА, МИНБАЪД МАҚОМИ ТАНЗИМГАР НОМИДА МЕШАВАД, КИ СИЁСАТИЯГОНАИ ДАВЛАТИРО ДАР САМТИ НОМБУРДА АМАЛӢ МЕНАМОЯД»

Аз 1 ноябри соли 2001 Ҷумҳурии Тоҷикистон узви Агентии Байналмилалии Неруи Атомӣ (АБНА) гардида, зарурати таъсиси сохтори танзимкунанда дар соҳаи бехатарии ядрой ва радиатсионӣ ба вуҷуд омад.

Дар асоси супоришии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти № 3594 (16.1-2) аз 18 сентябри соли 2002, дар сохтори Раёсати Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо номи Агентии энергияи атомӣ ва сипас дар заминаи Агентии амнияти ядроӣ ва радиатсионии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун воҳиди сохтории Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон (қарори Раёсати Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон № 112 аз 25.12.2002) таъсис дода шуд.

Мувофиқи қарори Раёсати Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон №117 аз 5 ноябри соли 2021 номи Агентии амнияти ядроӣ ва радиатсионии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ба Агентии амнияти химиёвӣ, биологӣ, радиатсионӣ ва ядроии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (минбаъд – Агентӣ) тағйир дода шуд.

САМТҲОИ АСОСИИ ФАЪОЛИЯТ:

Агентиӣ дар фаълияти худ Конституцсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла, “Дар бораи бехатарии радиотсионӣ”, “Дар бораи истифодаи энергияи атомӣ”, “Дар бораи иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият”, “Дар бораи санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор”, “Дар бораи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон”, “Дар бораи муомилот бо партовҳои радиоактивӣ”, “Дар бораи манияти биологӣ ва муҳофизати биологӣ”, фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Маҷлиси Олӣ, қарор ва дастурҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, “Тартиби танзими давлатӣ дар соҳаи таъмини бехатарии ядроӣ ва радиотсионӣ”, Низомнома дар бораи хусусиятҳои иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият, Низомномаи Шурои байниидоравӣ доир ба таъмини бахатраии радиотсионӣ, Оинномаи Агентӣ, санадҳои хусусии байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки фаъолияти Агентиро ба танзим медарорад, ба роҳбарӣ мегирад.

Агентӣ тибқи қонунгузории амалкунанда мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи таъмини бухатарии ядроӣ ва радиатсионӣ дар ҷумҳурӣ буда, сиёсати ягонаи давлатиро дар ин соҳа ҳамоҳанг месозад ва ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисоботи солона пешниҳод менамояд.

Агентӣ дар ассоси карорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №133 ва №134 аз 29 марти соли 2019 ҳамоҳангсози миллӣ оид ба амалинамоии Конвенсия дар бораи маъи коркард, истеҳсол, захорасозӣ ва истифодаи силоҳи химиявӣ ва нобудсозии онҳо ва амалинамоии Конвенсияи оид ба манъи коркард истеҳсол ва ҷамъ намудани захироҳои силоҳи бактериологӣ (биологӣ), токсинӣ ва нест кардани онҳо муайян карда шудааст.

Агентӣ таввасути шуъбаи илмӣ – таҳқиқотӣ ва хизматрасониҳои техникӣ пешкаш намудани хизматрасониҳо вобаста ба таҳлили радионуклидии намудҳои об, хок, ҳаво, хӯрока.ю масолеҳи сохтмон ва дигар мавод, гузаронидани дозиметрии ҷойҳои корӣ, назорати сифати дастгоҳҳои рентгенӣ, омӯзиш дар соҳаи беҳатарии ядроӣ ва радиатсионӣ, таҳлили криминалистикии ядроии мавод ва ғайраҳоро ба роҳ мандааст.

Барои оҷрои вазофаҳои ба зиммааш гузошташуда Агентӣ ҳамроҳ бо вазорату идораҳо ва муассисаҳои марбут оид ба риояи меъёрҳои ядроӣ, тибқи талаботи қонунгузорӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқукии байналмилалӣ чораҳои зарурӣ меандешад.

Агентӣ барои татбиқи равандҳои муҳофизати радиатсионӣ талаботҳои зеринро муқаррар намуда:

- дар ҳолатҳои шуоъхӯрии ба нақша гирифташуда, ҳар як ҷониб, ки масъулияти таъмини беҳатарии ядроӣ ва радиотсиониро ба ухда дорад, дар мавриди беасос риоя накардани талаботи дахлдор дахолат мекунад;
- дар ҳолатҳои шуоъхӯрии садамавӣ ва ҳолатҳои шуоъхӯрии мавҷуда, ҳар як ҷониб, ки маъсулияти беҳатарии ядроӣ ва радиотсиониро ба ухда дорад, дар мавриди асоснок накардани чораҳои муҳофизати ё тадбирҳои баркарорсозӣ ва тарзи амалисозии онҳо дахолат мекунад;
- дар ҳамаи ҳолатҳои шуоъхӯрии ҳар як ҷониб, ки маъсулияти таъмин беҳатарии ядроӣ ва радиатсиониро ба ухда дорад, ҳангоми таъмин накардани рафти муӣобиқгардонии (оптимазатсияи) беҳатарии ядроӣ ва радиатсионӣ дахолат мекунад;
- дар ҳолатҳои шуоъхӯрии ба нақша гирифташуда, ба ғайр аз шуоъхӯрии тиббӣ, ҳар як ҷониб, ки маъсулияти таъмини беҳатарии ядроӣ ва радиатсиониро ба ухда дорад, дар мавриди риоя накардани худудҳои дозаҳои муқарраркардашуда дахолат мекунад.

Агентӣ барои пешбарӣ, нигоҳдорӣ ва ҷустуҷуии ҳуҷҷатҳои ба дастгоҳҳо ва фаъолият дахлдошта, таъсис ва пешбурди феҳристхои зеринро ба роҳ мемонад:

- феҳристи давлатии баҳособгирӣ ва назорати маводи ядроию манбаъҳои афканишоти ионофар;
- феҳристи шуоъхӯрии касбии кормандоне, ки бо манбаъҳои афканишоти ионофар кор мекунад;
- маҳзани донишҳо дар соҳаи ҳастӣ;
- феҳристи гузоришҳо дар бораи ҳодисаҳои садамавии радиатсионӣ;
- феҳристи давлатии партовҳои радиоактивӣ ва сӯзишвории ҳастии истифодашуда;
- кадастри давлатии маҳфузгоҳҳои партовтовҳои радиоактивӣ.

I. ЧОРАБИНИҲОИ УМУМӢ

ҲИМОЯИ РИСОЛАИ НОМЗАДИИ МУМИНОВ САФАРАЛӢ ДАР ДОНИШГОҲИ ТЕХНИКИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ АКАДЕМИК МУҲАММАД ОСИМӢ

9–уми январӣ соли 2023 дар Шурои диссертатсиони 6Д.КОА-041 Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М. Осимӣ ҳамкори мо Муминов Сафаралӣ Валиевич рисолаи илмии худро дар мавзӯи Вазъи бехатарии радиатсионӣ ва мониторинги радон дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз рӯйи ихтисоси 03.02.08 – Экология (соҳаи илмҳои техникӣ) бомуваффақият ҳимоя намуд.

Бояд қайд кард, ки рисолаи диссертатсионии Муминов С.В. дар мавзӯи басо ҳам мубрам нигошта шудааст, ки ба омӯзиши паҳншавии изотопи техногении сезий-137 дар баъзе минтақаҳои ҷумҳурӣ, инчунин омӯзиши фаъолияти хоси умумии алфа - ва бета - зарраҳои обҳои нӯшокии шаҳру ноҳияҳои тобеи вилояти Хатлон, баҳодиҳии консентратсияи гази радон дар ҳуҷраҳои биноҳои истиқоматии аҳолӣ, муассисаҳои томактабӣ, муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии ҳудуди шаҳри Душанбею вилояти Хатлон, мониторинги радиоэкологии дараи Камароби ноҳияи Рашт, дараи Алмосии шаҳри Ҳисор, минтақаи Сари Хосори ноҳияи Балҷувон, минтақаи Канаски шаҳри Ваҳдат ва мавзеи зебоманзари Искандаркӯли водии Зарафшон,

баҳодиҳии вазъи радиатсионии мавзеъҳои атрофи партовгоҳҳои урандор дар қисмати шимоли Тоҷикистон иборат буд.

Лозим ба тазаккур аст, ки роҳбари илмии номбурда, доктори илмҳои техникӣ, дотсент, директори Агентии амнияти химиявӣ, биологӣ, радиатсионӣ ва ядроии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон - Илҳом Мирсаидзода буда, ҳадафи асосии таҳқиқот арзёбии вазъи бехатарии радиатсионӣ вамониторинги радон дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб меёбад.

Муқарризони расмӣ олимони шинохтаи кишварамон, аз қабили устодон Абдуллаев Сабур Фузайлович - доктори илмҳои физика ва математика, профессор, мудири озмоишгоҳи «Физикаи атмосфера»-и Институти физикаю техникаи ба номи Султон Умарови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ва Розиқов Зафар Абдуқаҳҳорович - доктори илмҳои техникӣ, профессори кафедраи “Экология”-и Донишкадаи кӯҳӣ - металлургии Тоҷикистон мебошанд.

Зимнан бояд иброз дошт, ки дар рафти баргузории ҷаласаи Шурои диссертатсионӣ, аъзоёни Шурои диссертатсионӣ ба кори илмии Муминов С.В. низ баҳои баланд доданд. Мутобиқи хулоса ва қарори ниҳоии онҳо кори диссертатсионии Муминов Сафаралӣ Валиевич мавзӯи мубраму тахассусии анҷомёфта ба ҳисоб рафта, ҳамзамон метавон гуфт, ки Муминов Сафаралӣ Валиевич барҳақ сазовори унвони илмии номзади илмҳои техникӣ мебошад.

Муваффақияти навбатӣ муборак, Сафаралии азиз!

ДИРЕКТОРИ АГЕНТИИ АМНИЯТИ ХБРЯ-И АМИТ ИЛҲОМ МИРСАИДЗОДА ҒОЛИБИ ОЗМУНИ ЭКОЛОГИИ МАҶЛИСИНАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ГАРДИД

20-уми январи соли 2023 дар толори маҷлисгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон озмунҳои ҷумҳуриявии матолиби беҳтарин дар мавзуъҳои «Маърифати экологӣ» ва «Мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим» ҷамъбаст ва ғолибон муайян гардиданд. Дар ин бора ба Агентии миллии иттилоотии Тоҷикистон «Ховар» котиби матбуоти Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Муҳаммадато Султонов иттилоъ дод.

Бояд қайд кард, ки ҳадафи асосӣ аз эълон ва баргузории озмуни мазкур пеш аз ҳама бо мақсади мусоидат ба ҳалли масъалаҳои экологӣ, инчунин ҷалби олимону мутахассисон, рӯзноманигорон, ҷомеаи шаҳрвандӣ, коршиносон, донишҷӯён, хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, таълимӣ ва томактабӣ, татбиқи сиёсати давлатӣ дар соҳаи ҳифзи муҳити зист, тақвияти маърифати экологии аҳолӣ ба ҳисоб рафта, Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Озмунҳои ҷумҳуриявии матолиби беҳтарин дар мавзӯъҳои «Маърифати экологӣ» ва «Мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим»-ро эълон намуда буданд, ки озмунҳои мазкур аз санаи 1-уми март то санаи 1-уми декабри соли 2022 баргузор ва дар таърихи 20-уми январи соли 2023 ҷамъбаст карда шуданд.

Ба унвони комиссияи экологии Озмуни ҷумҳуриявии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба матолиби беҳтарин дар мавзӯи «Маърифати экологӣ» дар маҷмуъ 57 нафар довталабон 115 мавод аз тамоми шаҳру навоҳӣ ва минтақаҳои ҷумҳурӣ пешниҳод намуда буданд.

Аз ҷумлаи иштирокчиёни озмун 26 нафар рӯзноманигорони касбӣ, 18 нафар олимони соҳаҳои гуногун, аз ҷумлаи онҳо 2 нафар докторҳои илм ва 9 нафар номзадҳои илм, 6 нафарашон бошанд унвонҷӯйёну аспирантон, 5 нафарашон магистрону донишҷӯёни муассисаҳои олӣ, 6 нафар омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва гимназияҳо, 8 нафар хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, гимназияву муассисаҳои таълимии хонандагони лаёқатманд ба шумор мерафтанд.

Ҳамин тариқ, дар номинаи «Мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим» ҷойи якум бо Дипломи дараҷаи I ва туҳфаи хотиравӣ ба коршиноси масоили экологӣ, корманди Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон барои нашри китоб (монография) таҳти унвони «НБО-и «Роғун» — намунае аз иқтисоди сабзи минтақа» - Ҳасан Асоев дода шуд.

Ҷойи дуюм бо Дипломи дараҷаи II ва туҳфаҳои хотиравӣ ба директори Агентии амнияти химиявӣ, биологӣ, радиатсионӣ ва ядроии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, мутахассиси самти таъмини амнияти химиявӣ, биологӣ, радиатсионӣ ва ядроӣ, доктори илмҳои техникӣ, дотсент Илҳом МИРСАИДЗОДА барои асарҳои илмӣ, ҳуҷҷатҳои меъёрӣ ва силсилаи мақолаҳо дар самти таъмини бехатарии экологӣ дода шуд.

Инчунин ҷойи дуюм бо Дипломи дараҷаи II ва туҳфаҳои хотиравӣ ба рӯзноманигор, мудири шуъбаи Агентии миллии иттилоотии Тоҷикистон (АМИТ) «Ховар» барои силсиламақолаҳо ва гузоришҳо дар самти ҳифзи табиат ва экология Марзия Саидова, ҷойи дуюм бо Дипломи дараҷаи II ва туҳфаҳои хотиравӣ ба номзади илмҳои техникӣ, муовини директор оид ба илм ва таълими Институти масъалаҳои об, гидроэнергетика ва экологияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон барои силсилаи асару мақолаҳо дар самти мутобиқшавӣ ва тағйирёбии иқлим ва масоили экологӣ ба Номвар Қурбонов, ҷойи сеюм бо Дипломи дараҷаи III ва туҳфаҳои хотиравӣ ба муҳаррири масъули «Телевизиони Тоҷикистон» Фарзона Одинаева барои нашри гузоришу барномаҳо дар «Телевизиони Тоҷикистон» дар мавзӯи тағйирёбии иқлим, ба муовини сардори шуъбаи Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Мирзоқодир Қодирзода барои силсилаи асару мақолаҳо дар самти ҳифзи муҳити зист ва экология, ҷойи сеюм бо Дипломи дараҷаи III ва туҳфаҳои хотиравӣ ба

рӯзноманигор, сармутахассиси нашрияи расмии Ҷумҳурии Тоҷикистон - рӯзномаи “Ҷумҳурият” барои силсилаи гузоришу мақолаҳо дар мавзӯи мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим ва маърифати экологӣ Оҳистамоҳ Гулбердиева ва инчунин дигарон низ сазовор дониста шуданд.

Сипас, муовини Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қодири ҚОСИМ, Раиси комиссияи экологии Маҷлиси намояндагони МО ҶТ Муҳаммадраҳим ЮСУФӢ дар маросими тантанавӣ ба ғолибони озмун туҳфаҳои хотиравиро супориданд.

Дар номинаи «Маърифати экологӣ» ҷойи якум бо Дипломи дараҷаи I ва туҳфаи хотиравӣ ба рӯзноманигор, муовини якуми директори «Телевизиони Тоҷикистон»-и Кумитаи давлатии телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Амрохон Тоҷов барои силсилаи намоишу барномаҳои телевизионӣ, ки дар мавзӯи маърифати экологӣ ва масоили иқлим пешниҳод шудаанд, дода шуд.

Ҷойи дуюмро бо Дипломи дараҷаи II ва туҳфаҳои хотиравӣ рӯзноманигор, муҳаррири шуъбаи муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбии рӯзномаи «Омӯзгор»-и Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳотам Ҳомидов (Ҳотами Ҳомид) барои силсилаи мақолаҳо дар мавзӯи маърифати экологӣ, ҷойи дуюмро бо Дипломи дараҷаи II ва туҳфаҳои хотиравӣ рӯзноманигор - эколог, сардори маркази ахбори экологии Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Гулрухсор Тиллоӣ барои барномаҳои телевизионӣ ва силсилаи барномаҳои телевизионии «Ахбори экологӣ» дар Телевизиони «Сафина» ва ҷойи дуюмро бо Дипломи дараҷаи II ва туҳфаҳои хотиравӣ мудири бахши ҳифзи муҳити зист дар ноҳияи Айнии вилояти Суғд Боқимуҳаммад Боқизода барои силсилаи мақолаҳо дар мавзӯи маърифати экологӣ сарфароз гардиданд.

Ҳамзамон ҷойи сеюм бо Дипломи дараҷаи III ва туҳфаҳои хотиравӣ ба рӯзноманигор, Аълочии матбуоти Ҷумҳурии Тоҷикистон, сардори Раёсати тарҷума ва нашри дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои эссеи хуби нигоштааш дар мавзӯи «Маърифати экологӣ» Камоли Қурбониён дода шуд. Инчунин ҷойи сеюмро бо Дипломи дараҷаи III ва туҳфаҳои хотиравӣ омӯзгори фанни биология, номзади илми биология, устоди калони кафедраи биологияи тиббӣ бо асосҳои генетикаи Донишгоҳи

давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино - Ойимнисо Шахсуфбекова барои силсилаи асару мақолаҳо дар мавзӯи маърифати экологӣ ва дигарон сазовор гардиданд.

Инчунин ҳамкори мо рӯзноманигори маъруф, сармутахассиси Шуъбаи табъу нашри Раёсати Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Мухбирҷон Кенҷаев ва писараш Ҷомӣ низ дар ин озмуни бонуфузи сатҳи ҷумҳуриявӣ бо Ифтихорнома ва мукофотои хотиравии Комиссияи экологии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон сарфароз гардонида шуданд, ки боиси ифтихори мо ҳамкорон аз Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон маҳсуб меёбад.

Ҳамин тариқ, дар маҷмуъ ба 115 нафар иштирокчиёни фаъоли озмуни мазкур туҳфаҳои хотиравӣ дар вазъияти мутантан супорида шуданд.

ЧОРАБИНИИ ВАРЗИШӢ БАХШИДА БА РӮЗИ АРТИШИ МИЛЛӢ

23 - юми феврали соли 2023 бахшида ба муносибати 30 - солагии таъсисёбии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар толори маҷлисгоҳи Агентии амнияти химияӣ, биологӣ, радиатсионӣ ва ядроии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон чорабинии мутантан бо иштироки аҳли кормандони Агентии мазкур баргузор гардид.

Дар оғози чорабинӣ директори Агентӣ, доктори илмҳои техникӣ, дотсент Илҳом Мирсаидзода аз таърихи таъсисёбӣ ва инчунин ташаккули Артиши миллии Ҷумҳурии соҳибистиқлоли Тоҷикистон ва ҳамзамон бунёди Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар заминаи сифр холӣ муфассал сухан ронда, саҳми махсуси ин ниҳоди заруриро дар таҳкими сулҳу Ваҳдати миллӣ ва инчунин таъмини пайвастаи амниятисартосарии ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон махсус қайд кард. Инчунин, дар давоми баромади пурмуҳтавои худ мавсуф бештар перомуни матонату маҳорат ва диловарии хизматчиёни ҳарбии Қувваҳои Мусаллаҳи мамлакат муфассал сухан ронда, кулли ҳозирин ва иштирокчиёни ҷамъомадро боин ҷашни бузурги муҳофизони Ватан ва мактаби далерию шуҷоату арсаи

меҳандӯстию кафили сулҳу суботу осоиштагии марзу буми аҷдодиамон самимона шодбош гуфт.

Бар замми ин дар ҷараёни баргузории ҷамъомад дар майдончаи Маркази омӯзишии минтақавии Агентӣ бо иштироки кулли кормандони ин ниҳод чорабиниҳои варзишӣ доир гардиданд.

Чорабинӣ аз рӯйи 10 намуди варзиш, аз ҷумла мусобиқаҳои варзишии бандкашӣ, дастхобонӣ, футболбозӣ ва дигар намуди мусобиқаҳо гузаронида шуданд.

Дар ҷамъбасти ниҳоии мусобиқа ғолибон бо туҳфаҳои арзишманд ва хотиравии маъмурияти Агентӣ сарфароз гардиданд.

Ҳадафи асосӣ аз баргузории чунин чорабиниҳои варзишӣ, пеш аз ҳама ин такмили маҳорат, обу тоби бадан, гузаронидани машқҳои ҷисмонӣ ва ҳамзамон тарғибу ташвиқи тарзи ҳаёти солим маҳсуб меёбанд.

Бояд зикр кард, ки дар Агентии мазкур ҳамин тариқ ин гуна чорабиниҳои муфиду варзишӣ ба таври мунтазам гузаронида мешаванд, ки айни замон ба ҳукми анъана даромадаанд.

ИФТИТОҲИ КОРҲОИ БАРҚАРОРСОЗӢ ДАР ПАРТОВГОҲИ ПАРТОВҲОИ САНОАТИ УРАН ДАР ШАҲРИ ИСТИҚЛОЛ

Хотиррасон менамоем, ки дар макони меросии маъдани уран, воқеъ дар ҳудуди шаҳри Истиқлол (собиқ Табошар), ки аз соли 1945 то соли 1965 барои коркарди маъдани уран ташкил шуда буд, ҳудуди 16 миллион тонна партовҳои саноати уран ҷамъ карда шудааст.

Аз нуқтаи назари бехатарии радиатсионӣ, макони меросии уран ба шаҳрак хеле наздик аст. Мушкилоти асосии ҳифзи радиатсионии маҳаллӣ бо истифода аз об аз минтақаи № 6 ва чоҳи кушод, ҷойгиршавии Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии № 5 (дорои 170 нафар хонандагон) дар даромадгоҳи мавзеъ, бо истифодаи зуд-зуд аз ҷониби аҳолии маҳаллӣ ҳамчун макони парвариши ҳайвоноти хонагӣ, инчунин бо мушкилоти ҷойгиршавии хоҷагиҳои хурд, боғу токзорҳо мебошанд.

Дар давраи гузаштаи истихроҷ ва коркарди уран дар Ҷумҳурии Тоҷикистон беш аз 170 миллион тонна сангҳои партов ва партовгоҳҳои дорои садҳо ТВq радионуклидҳо ҷамъ шудаанд. Қисми зиёди маъдани урани дар кишвар коркардшуда аз ҷумҳуриҳои ҳамсояи Қирғизистон, Ӯзбекистон, Қазоқистон ва инчунин аз кишвари Аврупои Шарқӣ ворид карда мешуданд.

Тамоми партовҳои истихроҷ ва коркард дар мавзеи Табошар дар поёноби кон ҷойгир шудаанд. Дар ҷануб, партовгоҳҳо ба ҳавзи нигоҳдории Арчасой пайвастанд. Дар ғарб иншоот то водии Сарим- Саҳлӣ-сой тӯл мекашад, ки берун аз он шаҳри Истиқлол (собиқ Табошар) ҷойгир аст. Дар самти шарқ ин мавзеъ бо деҳаи Табошари куҳна, рост дар поёни партовҳои сангҳои партов ҷойгир аст. Масоҳати Табошар зиёда аз 400 гектар буда, хеле мураккаб аст.

Арчасой як кони калони кушод, галереяи истихроҷи маъданҳои партофташуда, ҳафт партовгоҳ, сохтор ва силосҳои як корхонаи коркарди маъданҳои пастсифат, партовгоҳи маъдани пастсифат (теппаи зард) ва якчанд партовгоҳҳои дар марҳалаҳои мухталифи коркарди маъдан ҷамъшударо дар

бар мегирад, ки аз он ҷумла ҷараёни гидрометаллургии истихроҷи уран ва миқдори радиатсияи гамма дар партовгоҳҳо зиёда аз 0,62 мкЗв/соат аст.

Як партовгоҳи бузурге, ки тақрибан 2,4 миллион тонна маъдани урани пастсифатро дар бар мегирад, аз боқимондаҳои маъдани дараҷаи паст иборат аст, ки барои шусташавӣ бо кислотаи сулфат дар зарфҳои бетонӣ омода карда шудаанд. Дар сатҳи вайроннашудаи кон, чун қоида, ченкунӣ суръати вояи шуоъҳои гамма-ро аз 0,6 мкЗв/соат то 1,5 мкЗв/соат нишон медиҳад. Аммо, дар ҷойҳое, ки дар болои чоҳҳо кушода шудаанд, арзишҳо аз 2,2 мкЗв/соат то 3,5 мкЗв/соат сабт шудаанд [6-8].

Дар асоси натиҷаҳои арзёбии хатарҳо ва таҳдид ба муҳити зист ва саломатии аҳолӣ бо супориши Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Консепсияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба барқарорсозии партовҳои коркарди маъдани уран барои солҳои 2014-2024» (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти № 505 аз санаи 08.01.2014) таҳия карда шуд, ки дар он мавзеъҳои Деҳмой ва Табошар (ҳоло Истиқлол) барои корҳои барқароркунӣ авлавияти бештар доранд.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва роҳбарияти кишварҳои ҳамсояи Осиёи Марказӣ барои ҳалли мушкилоти марбут ба партовгоҳҳои уран аз созмонҳои байналмилалӣ даъват кардаанд, ки дар барқарорсозии онҳо ҳамаҷиҳата мусоидат кунанд.

Айни замон, барои анҷоми корҳои барқарорсозӣ дар партовгоҳи Табошари шаҳри Истиқлол тарҳҳои байналмилалӣ амалӣ мешаванд. Яке аз ин лоиҳаҳо Барномаи мақсадноки байнидавлатии «Барқарорсозии қаламрави кишварҳои узви ЕврАзЭС, ки аз истихроҷи уран зарар дидаанд» мебошад, ки бо қарори Шурои байнидавлатии Иттиҳоди Иқтисодии Авруосиё аз санаи 5-уми апрели соли 2012 таҳти рақами 602 тасдиқ шудааст.

Ҳадафҳои асосии барнома аслан гирем инҳоянд:

- кам кардани хатари ҳолатҳои фавқулода бо оқибатҳои радиоэкологӣ дар қаламрави давлатҳои иштирокчиёни барнома, ки аз саноати истихроҷ ва коркарди уран зарар дидаанд;
- таҳияи воситаҳо ва технологияҳои корҳои барқарорсозӣ;
- таъмини шароити бехавфи зиндагӣ ва офиятбахшии иҷтимоии аҳолӣ дар ин минтақаҳо.

Мутобиқи барнома Ҷамъияти саҳомии Маркази федералии амнияти ҳастаӣ ва радиатсионии Корпоратсияи давлатии «Росатом»-и Федератсияи Россия дар майдони саноатии Табошар корҳои муҳандисиро ҳамаҷониба анҷом дода, шароити геологӣ ва гидрологии мавзеъро боз ҳам такмил ва ҳамзамон корҳои заруриро анҷом доданд. Таҳқиқоти топографию геодезӣ дар доираи таҳқиқоти экологӣ дар ин мавзеъҳо, таҳқиқоти эманатсия ва гамма гирифтани намунаи хок ва наботот гузаронида шуд.

Дар марҳалаи баргузории корҳои илмӣ - таҳқиқотӣ дар якҷоягӣ бо мутахассисони Агентии федералии тиббию биологии Корпоратсияи давлатии «Росатом»-и Федератсияи Россия ва Хадамоти санитарию эпидемиологии Ҷумҳурии Тоҷикистон баҳодиҳии таъсири иншооти барнома ба вазъияти нигаҳдории тандурустии аҳолӣ Барномаи назорати иҷтимоию беҳдоштӣ тартиб дода шуд.

Аз моҳи октябри соли 2022 корҳои барқарорсозӣ дар мавзеъҳои меросии уран дар шаҳри Истиқлол оғоз шуда, интизор меравад, ки то интиҳои соли 2023 анҷом дода шаванд. Корҳои барқарорсозиро асосан Корпоратсияи давлатии «Росатом» -и Федератсияи Россия анҷом дода, пудратчӣ ҶДММ Ширкати сохтмону истеҳсолии «Файз» мебошад, ки бевосита ба корҳои барқарорсозӣ ҳусни оғоз бахшидааст.

Агентии амнияти химиявӣ, биологӣ, радиатсионӣ ва ядроии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ҳамчун мақоми танзимкунанда дар соҳаи таъмини амнияти ҳастаӣ ва радиатсионӣ аз болои иҷрои талаботи бехатарӣ ҳангоми гузаронидани корҳои барқарорсозӣ мунтазам назорати амалӣ менамояд.

Анҷоми корҳои барқарорсозӣ то охири соли 2023 ба нақша гирифта шудааст.

Бозсозии боқимондаи корҳои барқарорсозӣ дар партовгоҳи партовҳои саноати уран дар мавзеи Табошари шаҳри Истиқлол солҳои 2024- 2025 пешбинӣ шудааст.





Партовгоҳи «Фабрикаи маъдани камбизоат (ФМК)»-и мавзеи Табошари шаҳри Истиқлол (пеш аз барқарорсозӣ).

Нақшаи «Фабрикаи маъдани камбизоат (ФМК)» ва раванди рӯйизаминӣ (моҳи декабри соли 2022).

Раванди пӯшонидани сатҳи партовҳои «Фабрикаи маъдани камбизоат (ФМК)» бо хоки бетараф (моҳи январи соли 2023).

Баъди ба охир расидани корҳои барқароркунӣ дар ҳудуди партовҳо сатҳи «Фабрикаи маъдани камбизоат (ФМК)» бояд чунин бошад.

АГЕНТИИ АМНИЯТИ
ХБРЯ

НАВГОНИҲО



Партовгоҳи «Фабрикаи маъдани камбизоат (ФМК)» пас аз барқарорсозӣ (тибқи лоиҳа).

Анҷоми корҳои барқарорсозӣ то охири соли 2023 ба нақша гирифта шудааст. Бозсозии боқимондаи мавзеи Табошар дар шаҳри Истиқлол солҳои 2024 - 2025 пешбинӣ шудааст.

БОЗДИДИ МАКТАББАЧАГОНИ ГИМНАЗИЯИ № 1 БАРОИ КӮДАКОНИ ЛАЁҚАТМАНДИ ШАҲРИ ДУШАНБЕ АЗ ОЗМОИШГОҲИ ИЛМИИ АГЕНТИИ АМНИЯТИ ХИМИЯВӢ, БИОЛОГӢ, РАДИАТСИОНӢ ВА ЯДРОИИ АКАДЕМИЯИМИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН

17-уми майи соли 2023 гурӯҳи мактаббачагони Гимназияи №1 барои кӯдакони лаёқатманди шаҳри Душанбе аз Озмоишгоҳи илмии Агентии амнияти химиявӣ, биологӣ, радиатсионӣ ва ядроии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, ки бо масъалаҳои химиявӣ, биологӣ, радиатсионӣ ва амнияти ядрой машғул аст, боздид ба амал оварданд. Зимни боздид мактаббачагон имконият пайдо карданд, ки бо технологияҳои пешқадами соҳаи илму техника аз наздик шинос шаванд, инчунин дар бораи он, ки дар соҳаи мазкур чӣ гуна корҳои илмӣ - таҳқиқотӣ бурда мешаванд, огоҳӣ пайдо намоянд.

Боздид аз озмоишгоҳи мазкур бо як муаррифинамоии (презентатсияи интерактивӣ) шуруъ гардид, ки ба толибилмон маълумот дар бораи он, ки чӣ тавр илм ба амнияти сайёраи мо кӯмак менамояд, тасаввуроти зарурӣ пайдо карданд.

Сипас, мактаббачагон дар рафти баргузории экскурсия бо фаъолияти касбии кормандони озмоишгоҳ ва ҳамзамон намунаҳои таҳқиқоти илмӣ-конструкторӣ дар соҳаи бехатарии химиявӣ, биологӣ, радиатсионӣ ва ядрой аз наздик шинос гардиданд, ки бо онҳо ходимони озмоишгоҳи махсусгардонидашуда аз наздик суҳбатҳо гузаронидaнд.

Толибилмони Гимназияи рақами 1 барои кӯдакони лаёқатманди шаҳри Душанбе ҷиҳати боздид аз Озмоишгоҳи Агентии амнияти химиявӣ, биологӣ, радиатсионӣ ва ядроии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ба роҳбарият

ва инчунин кулли ходимони илмии он изҳори сипоси худро баён намуда, аз он ҷумла чунин гуфтанд:

“Мо хеле хушҳолем, ки мо тавонистем аз ин озмоишгоҳи муосир боздид намоем ва дар бораи илм, рушди технологияҳои муосиру пешрафта ва нақши

онҳо дар ҳифзи сайёра маълумоти бештар гирем.

Чунки ин боздиди нахустини мо мактаббачагон як сафари хубу муфид ва таълимӣ буд, ки мо барои ин гуна имконият фароҳам овардан пеш аз ҳама ба масъулини озмоишгоҳ ва инчунин ба маъмурияти Агентии амнияти химиявӣ, биологӣ, радиатсионӣ ва ядроии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон

барои додани ин гуна имконияти муфид як ҷаҳон ташаккур мегӯем” - иброз дошт, яке аз толибилмони Гимназияи рақами 1 барои кӯдакони лаёқатманди шаҳри Душанбе - Фархунда Ҳамидова дар анҷоми боздиди гурӯҳӣ ва фаромӯшнопазиру хотирмон бо ҳамсинфонаш.

Ҳамин тариқ, метавон қайд намуд, ки ташрифи мактаббачагон аз озмоишгоҳи Агентӣ оид ба амнияти химиявӣ, биологӣ, радиатсионӣ ва ядроии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон дар доираи барномаи таълимии аз ҷониби Агентӣ ва инчунин курси таълимии худ оид ба омӯзиши илм ва технология ташкил карда шудааст, ки бо мақсади он, ки чорабинии мазкур барои боз ҳам баланд бардоштани таваҷҷуҳи мактаббачагон дар соҳаи илм ва пешрафти илму технология ва ҳамзамон татбиқи ҳамаҷонибаи “Бистсолаи омӯзиш ва рушди илмҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар давраи солҳои 2020-2040” ҳамаҷониба мусоидат намояд.

Зеро амалисозии ин барнома муҳимтарин рукни ҷаҳонбинии дунявӣ ва муассиртарин воситаи тарбияи шахсияти соҳибназар арзёбӣ мешаванд.

ФОРУМИ МИЛЛИИ «ҲАМКОРӢ БО ҶОНИБҲОИ МАНФИАТДОР ОИД БА БАРҚАРОРСОЗИИ МАВЗЕЪҲОИ МЕРОСИ УРАНИУМ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН»

Аз 3-юми август то 5-уми августи соли 2023 дар Маркази таълимии Бонки миллии Тоҷикистон (воқеъ дар шаҳри Гулистони вилояти Суғд) Форуми миллӣ таҳти унвони «Ҳамкорӣ бо ҷонибҳои манфиатдор оид ба барқарорсозии мавзеъҳои мероси ураниум дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» баргузор гардид.

Ин ҳамоиш бо иштироки зиёда аз 100 нафар намояндагони шарикони миллӣ ва байналмилалӣ, инчунин созмонҳои ҷамъиятию намояндагони васоити ахбори омма, гурӯҳҳои кории техникӣ, мутахассисони амнияти радиатсионӣ ва дигарон аз манотиқи мавриди ҳадафи вилояти Суғд ташкил карда шуд.

Дар ҳамоиш фаъолияти гурӯҳҳои корӣ оид ба нақшаи чорабиниҳои шаҳри Истиқлол, ноҳияи Бобоҷон Ғафуров, Ҷамоати деҳоти Ғозиён ва деҳаи Адрасмон, ки онҳо низ имкон доштанд, ки таҷрибаи худро оид ба

огоҳонидани аҳолӣ пеш аз оғози корҳои мелиоративӣ дар мавзеъҳои мероси уран дар ин минтақаҳои мавриди ҳадафи вилояти Суғд баргузор намоянд, ҷамъбаст карда шуд

Директори Агентии амнияти химиявӣ, биологӣ, радиатсионӣ ва ядроии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон - Илҳом Мирсаидзода зимнан қайд кард, ки чорабинии мазкур дар доираи лоиҳаи минтақавии «Ҷалби ҷонибҳои манфиатдор дар барқарорсозии мавзеъҳои мероси ураниум дар Осиёи Марказӣ (марҳалаи II) барои солҳои 2022-2023» баргузор гардид. Кормандони Агентӣ ҳамзамон як қатор чорабиниҳои дигарро ҷиҳати боз ҳам баланд бардоштани сатҳи огоҳонии аҳолӣ оид ба бехатарии радиатсионӣ дар ин минтақаҳои мавриди ҳадафи вилояти Суғд гузарониданд.

Ҳамин тариқ, баргузории ин гуна ҳамоиш имкон дод, ки намояндагони шаҳри Истиқлол, ноҳияи Бобоҷон Ғафуров, Ҷамоати деҳоти Ғозиёнва сокинони деҳаи Адрасмон дар рафти баргузории ҳамоиш ибрози андеша намуда, ҳамзамон иброз доштанд, ки онҳо низ дар самти корҳои фаҳмондадиҳӣ бо аҳолӣ саҳми муносиби худро мегузоранд.

Мавриди зикр аст, ки чорабинии мазкур аз ҷониби Дафтари Барномаҳои САҲА дар Душанбе дар доираи лоиҳаи муштараки минтақавии САҲА ва БРСММ таҳти унвони «Ҷалби ҷонибҳои манфиатдор дар барқарорсозии мавзеъҳои мероси уран дар Осиёи Марказӣ» (марҳалаи II) бо дастгирии Комиссияи Аврупо ташкил карда шуд.

КОНФРОНСИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ИЛМӢ - АМАЛИИ “АМНИЯТИ ХИМИЯВӢ, БИОЛОГӢ, РАДИАТСИОНӢ ВА ЯДРОӢ: ДАСТОВАРДҲО, МУШКИЛОТ ВА ДУРНАМО” БАХШИДА БА 20-СОЛАГИИ ТАЪСИСЁБИИ АГЕНТИИАМНИЯТИ ХБРЯ-И АМИТ

Рӯзҳои 4-6 августи соли 2023 дар шаҳри Гулистони вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида ба 20-умин солгарди таъсисёбии Агентии амнияти химиявӣ, биологӣ, радиатсионӣ ва ядроии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (ААХБРЯ АМИТ) Конфронси байналмилалии илмӣ-амалӣ таҳти унвони «Амнияти химиявӣ, биологӣ, радиатсионӣ ва ядроӣ: дастовардҳо, мушкилот ва дурнамо» баргузор гардид.

Дар ҷараёни баргузории конфронс зиёда аз 100 нафар намояндагони созмонҳои байналмилалӣ ва ҷамъиятӣ фаъолона ширкат варзида, инчунин теъдоди зиёди коршиносон роҷеъ ба ин масъала ба таври виртуалӣ низ ба конфронс ҳамроҳ шуданд.

Конфронсро директори Агентии амнияти химиявӣ, биологӣ, радиатсионӣ ва ядроии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, доктори илмҳои техникӣ Илҳом Мирсаидзода оғоз намуд.

Мавсуф иштирокчиёнро оид ба самтҳо ва пешрафтҳои асосии илмӣ, инчунин дастовардҳо ва роҳҳои татбиқи онҳо, аз ҷумла корҳои таҳкими заминаи меъёрии ҳуқуқӣ, ки аз ҷониби Агентии амнияти химиявӣ, биологӣ, радиатсионӣ ва ядроии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон дар давоми 20 соли фаъолияти пурсамар амалӣ карда шудааст, ба таври мухтасар маълумот дод.

Сипас, Сергей Катсенеленбоген - намояндаи AdSTM, ИМА, Олга Герман - котиби илмии CGULS, МАГАТЭ, Электра Тсигаридас - намояндаи Иттиҳоди

Аврупо, Рати Ҷапаридзе - иҷрокунандаи вазифаи роҳбари намояндагии Дафтари барномаҳои САҲА дар Душанбе, Тамара Жунусова - намояндаи Идораи муҳофизати радиатсионии Норвегия, Дамир Зарединов - намояндаи Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Ӯзбекистон бо суханҳои табрикотӣ назди аҳли ҳузор баромад намуданд.

Зимни суханрониҳои худ меҳмонон махсусан қайд карданд, ки ҳамкориро дар самти амнияти химиявӣ, биологӣ, радиатсионӣ ва ядроӣ бо Агентии амнияти химиявӣ, биологӣ, радиатсионӣ ва ядроии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон дар оянда низ боз ҳам мустаҳкам намудаву инчунин онро вусъат хоҳанд дод.

Инчунин дар ҷараёни баргузории конфронс намояндагони шаҳру навоҳие, ки онҳо дар наздикии партовгоҳҳои уран ҷойгиранд (аз он ҷумла, намояндагони деҳоти Адрасмон ва Ғозиёни шаҳри Истиқлолу инчунин ноҳияи Бобоҷон Ғафурови вилояти Суғд) иштирок доштанд.

Пас аз суханони табрикотӣ ва муҳокимаи муваффақиятҳои Агентии амнияти химиявӣ, биологӣ, радиатсионӣ ва ядроии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон кори конфронс дар шакли чанд сексияи алоҳида идома ёфт:

Иҷлосияи 1. Масъалаҳои амнияти химиявӣ ва биологӣ.

Иҷлосияи 2. Ҷалби ҷонибҳои манфиатдор дар ҳалли мушкилот оид ба

партовҳои уран.

Кори иҷлосияи 1-умро дар доираи конфронс муовини директори Агентии амнияти химиявӣ, биологӣ, радиатсионӣ ва ядроии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон - Матин Ахмедов ифтитоҳ бахшида, дар маърӯзаихуд оид ба фаъолияти ташкилӣ ва илмӣ дар соҳаи бехатарии биологӣ дар

Ҷумҳурии Тоҷикистон назди ҳозирин мухтасар суханронӣ намуд.

Сипас, кормандимасъули Агентии амнияти химиявӣ, биологӣ, радиатсионӣ ва ядроии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Алимаҳмад Сӯфиев доир

ба ҳалли мушкилоти бехатарии биологӣдар (дар мисоли иҷрои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъмини амнияти биологӣ ва ҳифзи биологӣ») бахшида шуда буд, маърӯзаи пурмуҳтаво намуд. Инчунин дар рафти баргузории ҷамъомад маърӯза аз тарафи Лела Баканидзе - намояндаи Котиботи минтақавии ташаббуси ЕС – Маркази пешрафтаи фаъол оид ба кам кардани хатари ХБРЯ барои Осиёи Марказӣ низ муаррифӣ гардид.

Иштирокчиёни иҷлосия ба масъалаҳои муҳокимашаванда мароқи калон зоҳир намуданд, ки гувоҳи он миқдори зиёди саволҳо марбут ба масоили бехатарии биологӣ буд, ки боиси мубодилаи муфиди афкор гардид.

Дар рафти баргузории кори иҷлосияи 2-юм, аз он ҷумла чунин маърӯзаҳо шунида шуданд: «Ҷалби ҷонибҳои манфиатдор дар барқарорсозии мавзеъҳои мероси уран дар Осиёи Марказӣ. Марҳалаи II» - Дмитрий Прудских – мушовири лоиҳаи САҲА;

«Огоҳии баланди маълумотнокӣ ва таҷрибаи табодули донишҳо оид ба бехатарии радиатсионӣ дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар байни аҳолии маҳаллӣ» - Дамир Зарединов - намояндаи Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Ӯзбекистон;

«Пешрафти миллӣ дар идоракунии мероси урани Ҷумҳурии Тоҷикистон»- Бахтиёр Баротов – мудири шуъбаи хизматрасониҳои илмию техникии Агентии амнияти ХБРЯ –и АМИТ; «Кор бо ҷавонон оид ба масъалаҳои бехатарии экологӣ» - Икромӣ Мамадов - раиси Ташкилоти ҷамъиятии «Гурӯҳи ҷавонони ҳифзи муҳити зисти Тоҷикистон».

Лозим ба тазаккур аст, ки мавзӯи мазкур яке аз мушкилоти актуалии аҳолии истиқоматкунандаи ҳудудҳои наздики партовгоҳи шимолии Тоҷикистон мебошад. Аз ин лиҳоз, намояндагони деҳоти Адрасмон ва Ғозиёни шаҳри Истиқлол ва инчунин ноҳияи Бобоҷон Ғафурови вилояти

НАВГОНИҲО

Суғд, ки меҳмонони конфронс буданд, ба масъулин саволҳои зиёдедоданд, ки ҳамзамон ба ҳар як саволи иштирокчиёни ҷамъомад намояндагони Агентии амнияти химиявӣ, биологӣ, радиатсионӣ ва ядроии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ҷавобҳои муфассал доданд.

Ҳамин тариқ, конфронс аз уҳдадории Агентии амнияти химиявӣ, биологӣ, радиатсионӣ ва ядроии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон оид ба таъсиси минтақаи аз ҷиҳати экологӣ тоза дар ҳудудҳои мероси уран, рушди ҳамкориҳои байналмилалӣ дар ин масъала бо истифода аз технологияҳои пешрафтаи барқарорсозии партовгоҳҳо нишон дод.

Натиҷаҳои конфронс ба огоҳии аҳолии муқимии наздики партовгоҳҳо, инчунин ҷиҳати боз ҳам баланд бардоштани сатҳи фарҳангии онҳо дар масъалаҳои бехатарии радиатсионӣ ва ҳамзамон бо мақсади рушди устувори ин ҳудудҳо ҳамаҷониба мусоидат хоҳад намуд.

Матолиби конфронс бо истиноди зерин дастрас аст:

https://www.cbrn.tj/books/

Маълумоти иловагӣ дар истиноди зерин дастрас аст:

www.conf.cbrn.tj

ҶАЛАСАИ ИДОНА БА ИФТИХОРИ 32-юмин СОЛГАРДИ ИСТИҚЛОЛИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

7 - уми сентябри соли 2023 дар толори маҷлисгоҳи Агентии амнияти химиявӣ, биологӣ, радиатсионӣ ва ядроии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон бахшида ба муносибати 32 -солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва инчунин дар доираи иҷрои Нақшаи чорабиниҳои Кумитаи ибтидоии Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон "Афканишот" бо иштироки кормандони ин ниҳод ҷамъомад доир гардид.

Чорабинии идонаро бо суханони ифтитоҳӣ ва пурмуҳтаво директори Агентии амнияти химиявӣ, биологӣ, радиатсионӣ ва ядроии АМИТ, раиси Кумитаи ибтидоии ҲХДТ "Афканишот" - Илҳом Мирсаидзода оғоз намуд.

Дар рафти суханронии худ мавсуф ҳозиринро бо 32-юмин солгарди Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон самимона шодбош гуфта, хотирнишон сохт, ки ҳар яки мо бояд ба қадри ободию осоиштагии кишвар, инчунин дастовардҳои назарраси даврони Истиқлол, ки ҳамаи онҳо маҳз тавассути заҳмату бедорхобиҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва мардуми шарифи кишвари соҳибиқболу соҳибистиқлоламон ба даст омадааст расем.

Зеро Истиқлоли давлатӣ неъмати бебаҳо ва роҳи расидан ба сулҳу Ваҳдати миллии сартосарӣ, бунёдсози ҷомеаи адолатпарвару демократӣ, таъмингари фазои ягонаи ҳуқуқӣ ва дастоварди бузурги миллат маҳсуб меёбад, ки ҳамзамон рушди босуботи миллиамонро ҳам барои имрӯз ва ҳам барои садсолаҳои баъдӣ ҳамаҷиҳата таъмин месозад. Нотиқ зимни суханронии худ қайд кард, ки Истиқлоли давлатӣ барои ҳамаи мову Шумо неъмати муқаддас ва бузург ба ҳисоб меравад. Аз ин рӯ, ҳифз ва арҷ гузоштан ба он, вазифаи

АГЕНТИИ АМНИЯТИ
ХБРЯ

НАВГОНИҲО

ҷонии ҳар як фарди ватандӯст мебошад.

Аз ин лиҳоз, бо итминони комил метавон гуфт, ки афзуд мавсуф, рушди бомароми давлатдории навину Истиқлоли воқеии кишварамон, Ваҳдати миллии сартосарӣ, якпорчагию таҳкими сулҳу суботи устувор дар сарзамини бостониамон ҳар яки моро водор месозанд, ки баҳри ободии Ватани азизамон ҳамеша талош варзем ва ин ду неъмати беназир Истиқлолу Ваҳдату миллиро чун гавҳараки чашм ҳифз намоем.

Месароям маснади волои Истиқлол,
Медамад хуршед аз фардои Истиқлол!

Ҳамзамон Илҳом Мирсаидзода аз ҷавонон, ки қариб 70 фоизи кормандонро ташкил медиҳанд, даъват ба амал овард, ки вақти холии хешро ба беҳудагӣ нагузаронда, пеш аз ҳама бештар ба мутолиаи китобҳои тахассусӣ, ҳамзамон азхуд кардани илмҳо ва технологияи замони муосир, омӯхтани забонҳои хориҷӣ камари ҳиммат банданд.

Дар интиҳои маҷлиси тантанавӣ котиби илмии Агентӣ - Меҳрангез Муминова бо маърӯзаи пурмуҳтавои худ, таҳти унвони “Зодаи даврони Истиқлол” роҷеъ ба фаъолияти пурсамар ва инчунин дастовардҳои назарраси ду даҳсолаи охири Агентии амнияти химиявӣ, биологӣ, радиатсионӣ ва ядроии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон дар даврони соҳибистиқлолии кишварамон муфассал сухан ронд.

ИШТИРОҚ ДАР 67-УМИН ҶАЛАСАИ КОНФРОНСИ УМУМИИ АГЕНТИИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ НЕРУИ АТОМӢ (АБНА)

Аз 25 то 29 сентябри соли 2023 дар шаҳри Венаи Ҷумҳурии Австрия 67-умин ҷаласаи Конфронси умумии Агентии Байналмилалии Неруи Атомӣ (АБНА) доир гардида истодааст.

Дар ҷаласа роҳбари ҳайати Тоҷикистон дар бораи сатҳи ҳамкориҳои дуҷониба бо ниҳоди мазкур дар соҳаҳои мухталиф, аз ҷумла истифодаи сулҳҷӯёнаи технологияҳои ядроӣ дар доираи барномаҳои АБНА, лоиҳаҳои мубрами ҳамкорӣ дар соҳаи тандурустӣ, ҳифзи муҳити зист, бахусус ҳифзи пиряхҳо дар доираи ташаббуси панҷуми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон роҷеъ ба эълон гардидани соли 2025 ҳамчун “Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо” баромад намуд.

Инчунин аҳаммияти безараргардонии ҳудудҳои аз истеҳсолоти уран зараргардидаи кишварҳои Осиёи Марказӣ, корҳои анҷомшудаи солимгардонӣ, мушкилоти ҷойдошта ва татбиқи иқдомҳои баъдӣ таъкид карда шуд.

Дар ҳошияи чорабинӣ мулоқоти алоҳидаи ҳайати кишвар бо намояндагони кишварҳои хориҷӣ ҷиҳати баррасии самтҳои ҳамкорӣ ва ҳамзамон татбиқи муштараки Нақшаи стратегии умумии АБНА доир ба солимгардонии партовгоҳҳои радиоактивӣ дар кишварҳои Осиёи Марказӣ сурат гирифт.

НАВГОНИҲО

АГЕНТИИ АМНИЯТИ
ХБРЯ

ИҚДОМИ ФАРҲАНГӢ БАХШИДА БА РӮЗИ ЗАБОНИ МОДАРӢ

Ба муносибати Рӯзи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва арҷ гузоштан ба арзиши миллӣ – забони модарӣ санаи 5-уми октябри соли 2023 дар Агентии амнияти химиявӣ, биологӣ, радиатсионӣ ва ядроии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон таҳти унвони “Лафзи ширини тоҷикӣ” аз ҷониби раиси ҷавонони Агентӣ ва Ташкилоти ибтидоии “Афканишот”–и КИИ “Хирадмандон”- и Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар АМИТ иқдоми фарҳангӣ гузаронида шуд.

Дар рафти баргузории иқдоми фарҳангӣ тамоми кормандони Агентӣ ба таври фаъолона ширкат варзиданд, ки бо забони ширини тоҷикӣ шеръхониҳо, тезгӯяку ҳикояҳо қироат намуданд. Ба иштирокчиёни фаъоле, ки бо нутқи бурро ва маҳорати баланд назди аҳли ҳузор шеърхонӣ намуданд, китобҳо тақдим карда шуд.

ТАҶЛИЛИ РӮЗИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР АГЕНТИИ АМНИЯТИ ХБРЯ АМИТ

16-уми ноябри соли 2023 дар толори маҷлисгоҳи Агентии амнияти химиявӣ, биологӣ, радиатсионӣ ва ядроии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон тибқи нақша - чорабиниҳои Ташкилоти ибтидоии “Афканишот”-и Кумитаи иҷроияи ибтидоии “Хирадмандон”-и ҲХДТ дар назди АМИТ чорабинии сиёсӣ – фарҳангӣ бахшида ба 16-уми ноябр - Рӯзи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид.

Раиси Ташкилоти ибтидоии “Афканишот”-и Кумитаи иҷроияи ибтидоии “Хирадмандон”-и ҲХДТ дар назди АМИТ Илҳом Мирсаидзода роҷеъ ба таърихи баргузории Иҷлосияи XVI Шурои Олӣ суханронӣ намуда, доир ба корнамоиҳои беназири Пешвои муаззами миллат, Қаҳрамони Тоҷикистон

муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар он рӯзҳои вазнину тақдирсоз, ки ноумедӣ ва хушунат саросари ҷомеаро фаро гирифта буд ва ҳар як шаҳрванди Тоҷикистон дар ҷустуҷӯйи макони амн ва оромию паноҳандагӣ эҳтиёҷ дошт, муфассал сухан ронд.

Лозим ба тазаккур аст, ки дар чунин вазъияти душвор миллати тоҷик ба Пешвои хирадманд ва инсондӯст эҳтиёҷ дошт. Маҳз дар чунин вазъияти ҳассосу тақдирсози миллат Роҳбари давлат ҳамчун шахсияти дилсӯзи Ватан ва марди далеру шуҷоъ тавонист, ки миллати парокандаро ба ҳам ҷамъ оварад ва ҳамзамон баҳри пойдории сулҳу Ваҳдати миллӣ дар сарзамини аҷдодии худ мубориза барад.

Сипас, кормандони Агентии мазкур бо як ҳисси баланди ватандӯстӣ баромад намуда, перомуни хидматҳои арзандаи Пешвои муаззами миллат, Ҷаноби Олӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон муфассал сухан ронданд.

Дар фарҷоми ҷамъомад аҳли кормандони Агентӣ ба таври дастаҷамъона филми мустанади “Марди роҳ”-ро тамошо карданд.

ТАҶЛИЛИ РӮЗИ ПАРЧАМИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР МАРКАЗИМИНТАҚАВИИ ТАЪЛИМӢ ВА ОМӮЗИШӢ ДАР СОҲАИ АМНИЯТИ ХБРЯ ВА МУҚОВИМАТ БО ТЕРРОРИЗМ БО ИСТИФОДА АЗ СИЛОҲИ ҚАТЛИ ОМ

24-уми ноябри соли 2023 ба ифтихори Рӯзи Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷониби аъзои фаъоли Клуби “Атом” дар Маркази омӯзишии Агентии амнияти химиявӣ, биологӣ, радиатсионӣ ва ядроии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон чорабиниҳои варзишию фарҳангӣ баргузор гардиданд.

Дар оғоз аъзои клуби мазкур сари мизи мудаввар перомуни таърихи пайдоиши Парчами давлатӣ муфассал сухан ронда, аз замони “Дирафши Ковиёнӣ” то ба даврони муосир ҳамчун нахустин рамзи давлати соҳибистиқ-лоли тоҷикон қабул гардидани он бозиҳои интелектуалӣ гузарониданд. Ҳар як иштирокчии мизи мудаввар бо як ҳувияти баланди ватандорӣ аз муҳиммияти Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар роҳи таъмини сулҳу суботи пойдор, оромию осоиштагӣ ва Ваҳдати миллӣ, ҷиҳати расидан ба ҳадафҳои умумимиллӣ ба хусус барои ҷавонон, назди ҳозирини ҷамъомад баромад намуданд. Сипас, дар майдони варзишии Маркази омӯзишии Агентӣ бахшида ба ин муносибат якчанд бозиҳои варзишӣ низ ташкил карда шуданд.

АГЕНТИИ АМНИЯТИ ХБРЯ

НАВГОНИҲО

ТАМОШОИ ДАСТАҶАМЪОНАИ ПАХШИ МУСТАҚИМИ ПАЁМИ АСОСГУЗОРИ СУЛҲУ ВАҲДАТИ МИЛЛӢ – ПЕШВОИ МИЛЛАТ, ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ЭМОМАЛӢ РАҲМОН «ДАР БОРАИ САМТҲОИ АСОСИИ СИЁСАТИ ДОХИЛӢ ВА ХОРИҶИИ ҶУМҲУРӢ»

28-уми декабри соли 2023 дар толори маҷлисгоҳи Агентии амнияти химиявӣ, биологӣ, радиатсионӣ ва ядрои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон тамошои дастаҷамъонаи пахши мустақими Паёми Асосгузори сулҳу вахдати миллӣ – Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» тавассути шабакаҳои телевизионӣ баргузор гардид.

Дар Паёми имсолаи худ Пешвои муаззами миллат бештар атрофи мушкилиҳо ва инчунин тағйирёбии иқлим дар ҷаҳон, норасоии кадрҳои баландихтисос ва мутахассисони ҳирфавӣ дар ҳама соҳаҳои мамлакат, аз ҷумла дар соҳаи илмҳои дақиқ, риёзӣ ва табиӣ ва инчунин тарбия ва омодасозии олимону ихтироъкоронро мавриди баррасӣ қарор доданд.

Лозим ба тазаккур аст, ки ҳар як Паёми Президенти мамлакат, ки ҳамасола ба Маҷлиси Олӣ ироа мегардад, бо хусусиятҳои ба худ хос, ҷанбаҳои амиқу таҳлили натиҷагирӣ ва ояндабинӣ, пешниҳодҳои тоза ва тарҳу барномасозиҳои дурбинона фарқият дошта, собитгари он аст, ки ин ҳуҷҷати фарогир ва муҳимтарин суханронии сол заминасози фатҳи зинаҳои боз ҳам баландтари пирӯзӣ, тавсеаву равнақи иқтисодӣ ва муваффақият буда, ҳамагуна дастоварду комёбӣ аз мазмуну муҳтавои ин ҳидоятномаи мукаммали раҳнамо ибтидо мегиранд.

Кулли кормандони муассисаи мазкур Паёми Президенти мамлакатро «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» ба хушнудӣ пазируфтанд ва ҳамаи дастуру пешниҳодҳои муфиди Сарвари давлатро дар рафти фаъолияташон дар амал ҳамаҷиҳата татбиқ хоҳанд намуд.

ҶАЛАСАИ ҶАМЪБАСТИИ НАТИҶАҲОИ СОЛИ 2023

29-уми декабри соли 2023 дар толори маҷлисгоҳи Маркази минтақавиибехатарӣ вакафолати химиявӣ, биологӣ, радиатсионӣ ва ядроии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ҷаласаи ҷамъбастии солона бо иштироки ҷомеаи меҳнатии кормандони Агентии амнияти химиявӣ, биологӣ, радиатсионӣ ва ядроии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон баргузор гардид.

Ҷамъомадро ба ин муносибат директори Агентии амнияти химиявӣ, биологӣ, радиатсионӣ ва ядроии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон - Илҳом Мирсаидзода оғоз бахшида оид ба натиҷаю дастовардҳо дар соли сипаригардидаи 2023, ки яке аз муҳимтарин рӯйдод ин таҷлили ҷашни 20-умин солгарди таъсисёбии Агентии амнияти Агентии амнияти химиявӣ, биологӣ, радиатсионӣ ва ядроии АМИТ буд ва ҳамзамон доир ба нақшаю дурнамоҳои Агентии мазкур дар соли нави мелодии 2024 муфассал суханронӣ намуд.

Сипас, директори Агентӣ дар рафти ҷамъомад аз суханрониҳои пурмуҳтавои Пешвои муаззами миллат муҳтарам Ҷаноби Олӣ, Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми навбатӣ, ки доир ба ҷараёни корҳои созандагию ободонии кишвар, амалигардонидани нақшаву стратегияҳо, барномаҳо ва таъмини рушди устувори иқтисоди миллӣ, баландбардории сатҳи зиндагии мардум ва инчунин баланд бардоштани сатҳу сифати таълим ва рушди соҳаҳои илму маориф сухан ронданд, иқтибосҳои зиёд оварда, ҳамзамон дар ин асос аз ҷавонон даъват

ба амал овард, ки онҳо бояд вақти хешро беҳуда нагузаронанд ва мудом ба омӯхтани илму дониш ва технологияҳои замонавӣ кӯшишу ғайрат ба харҷ диҳанд.

Дар фарҷоми суханрониҳои пурмуҳтавои худ, директори Агентӣ Илҳом Мирсаидзода ҳамаи иштирокчиёни ҷамъомад ва ҳозиринро бо ҷамъбастисоли пур аз дастоварду комёбиҳо самимона шодбош гуфта, иброз дошт, ки танҳо фазои осоиштаю табъи болидаи корӣ ва сулҳу ваҳдату ҳамдигарфаҳмӣ дар коллектив метавонад, ки ҳамаи моро боз ба фатҳи қуллаҳои баланди муваффақиятҳо расонад.

Дар рафти ҷамъомад сардорони шуъбаю секторҳои Агентӣ бо ҳисоботи солона дар назди иштирокчиён баромад намуда, муфассал аз натиҷаҳои фаъолияти кориашон сухан ронданд.

II. КОРҲОИ ИЛМӢ – ТАҲҚИҚОТӢ

ДАР СОЛИ 2023 АГЕНТӢ ФАЪОЛИЯТИ ИЛМИИ ХУДРО ДАР АСОСИ МАВЗӮЪҲОИ ИЛМИИ ЗЕРИН БА РОҲ МОНДААСТ:

Асосҳои физикию химиявии ҷудо намудани консентратҳои уранӣ аз маъданҳо ва партовҳо (роҳбари лоиҳа д.и.т., профессор Назаров Х.М., қайди давлатии № 0120 TJ 01030).

Дар рафти омӯзиш равандҳои бо кислотаи сулфат таҷзия намудани маъданҳои урандори Тоҷикистон ва равандҳои кинетикии таҷзия ин маъданҳо омӯхта ва ҷамъбаст карда шуданд. Каҷхаттаҳои кинетикии ҷудошавии урандар ҳарорати 303—353 К омӯхта шуда, энергияи фаъолшавии (Е фаъол.) равандҳо ҳисоб карда шудааст ва вобастагии суръати реаксия аз ҳароратва давомнокии раванд муайян карда шуданд. Қимматҳои ададии энергияи фаъолшавӣ аз он шаҳодат медиҳанд, раванди таҷзия дар ҳудуди диффузионӣмегузарад.

Барои муайян намудани энергияи фаъолшавӣ ва дақиқтар муайян намудани ҳудуди раванди таҷзияи маъданҳо, графики вобастагии логарифмаи қимматҳои миёнаи константаҳои суръати реаксия аз ҳарорати мутлақи мутақобила тартиб дода шуд. Қимматҳои энергияи фаъолшавии равандҳо аз рӯйи тангенси кунҷи нишебӣ ҳисоб карда шуд, (расми 1). маъданҳои урандори Тоҷикистон.



Расми 1. - Вобастагии lgK аз ҳарорати мутлақи баръакси таҷзияи

Дар ҷадвали 1 ва расми 2 натиҷаи таҷзияи маъданҳои урандори Тоҷикистон, инчунин параметрҳои раванд ва шароитҳои мувофиқи гузариши уран ба маҳлул оварда шудаанд.

Ҷадвали 1. - Параметрҳои кинетикии раванди таҷзияи маъданҳои уран дар Тоҷикистон

Кони маъданҳои урандор	Миқдори кислотаи сулфат, кг/т	Ҳарорати мувофиқ	Давомнокии раванд, соат	Энергияи фаъолшавии таҷрибавӣ, Ҷ/мол	Дараҷаи гузариши уран ба маҳлул, %
«Тоҷикистони Марказӣ»	150	333	3	4.8	91.5
«Тоҷикистони Ғарбӣ»	350	353	1	14.4	96.2
«Тоҷикистони шимолӣ»	600	348	6	5.7	93.3
«Октябр»	300	363	1	15.37	85.0



Расми 2 – Баҳодиҳии муқоисавии дараҷаи ҷудошавии уран аз маъданҳои конҳои гуногуни Тоҷикистон:

1 - кони “Тоҷикистони Марказӣ”;

2 - кони “Тоҷикистони Ғарбӣ”;

3 - кони “Тоҷикистони Шимолӣ”;

4 - кони “Октябр”.

Ҳамин тариқ, таҳқиқотои гузаронидашуда имкон доданд, ки механизми таҷзияи маъданҳои урандори Тоҷикистон бо кислотаи сулфат ошкор карда шаванд. Қиматҳои хусусиятҳои кинетикӣ имкон медиҳанд, ки низоми оқилонаи амалисозии раванди таҷзияи маъдан бо кислотаи сулфат интихоб карда шавад.

Барои сорбсияи уран аз обҳои зеризаминӣ (кон) микрогел, ки дар асоси полисахаридҳои пектинӣ аз нӯги офтобпараст ба даст оварда шудааст, ҳамчун сорбенти фаъол буда, андозаи заррачааш то +0,4 мм-ро ташкил медиҳад, истифода шудааст. Усули мазкур дар якҷоягӣ бо Институти химияи ба номи В.И. Никитини АМИТ таҳия гардидааст.

Сорбсия ба таври зайл гузаронда шудааст: ба массаи муайяни (1 г) сорбенти (микрогел) заррачааш то 0,4 мм барои васеъ шудани ҳаҷми он об илова карда шуд. Сорбенти варамшуда дар колоннаи сорбсионӣ ҷойгир карда мешавад. Сипас, ба калонаи сорбсионӣ ҳаҷми муайян (V=0,2 мл/дақиқ) маҳлули урандори дорои консентратсияи муайян гузаронида мешавад. Намунаҳоро дар ҳаҷми 5 мл аз маҳлули ҷорӣ гирифта, сипас таркиби уран муайянкарда мешавад.

Пас аз раванди сорбсия, ки аз рӯйи миқдори уран дар моеъ назорат карда мешавад, дар тафдони муфелӣ сорбенти бо уран сершуда барои пурра гудохтандар ҳарорати 250-350 °С месӯзонанд. Хокистари уранро бо кислотаи сулфат бо илова кардани моддаҳои оксидкунанда (кислотаи азот ва оҳани севалента) ишқорронӣ мекунанд. Сипас, консентрати уран (U_3O_8) аз рӯйи усули машҳуре,ки дар Агентии амнияти ХБРЯ-и Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон таҳия гардидааст, ҷудо карда шуд.

Дар ҳолати оморӣ таҳлили муқоисавии сорбсияи уран аз маҳлулҳобо сорбентҳои гуногун гузаронида шуд. Натиҷаҳои муқоисаи сорбсия дар ҷадвали 2 оварда шудаанд.

Ҷадвали 2 - Таҳлили муқоисавии сорбсияи уран аз маҳлулҳо аз ҷониби сорбентҳои гуногун дар ҳолати оморӣ

Сорбент	Миқдори сорбент, г	Миқдори маҳлул, мл	Вақти нигоҳдорӣ, соат	Дараҷаи сорбсия, %
АМ 25	3	20	24	50,35
АМП 100	3	20	24	37,53
Ангишт, бо гармӣ коркардшуда	3	20	24	63,20
Сорбент К	3	20	24	62,52
Микрогел	1	20	24	52,52

Ҳамин тавр, маълум гардид, ки сорбенти дар асоси микрогел асосёфта, мисли дигар сорбентҳои анъанавӣ уранро нағзтар сорбсия мекунад.

Инчунин таҳлили рентгении фазавӣ ва таҳлили таҷзиявии ҳароратии маъданҳои уран ва партовҳои радиоактивӣ омӯхта шуданд. Дар расми 3 таҳлили рентгении фазавии партовҳои радиоактивии Адрасмон нишон дода шудааст. Таркиби минералогии партовҳо бо роҳи таҳлили фазаҳои рентгенӣ бо истифода аз дастгохи ДРОН-3 (модернизатсияшуда) бо коркарди рақами дар аноди мис (35 кВ ва 20 мА) ва филтри никел муайян карда шуд. Таркиби минералии ин партовҳо аз квартс, албит, ортоклаз, слюдаҳои уран иборат мебошанд.



Расми 3 - Рентгенограммаи партовҳои радиоактивии маҳфузгоҳи Адрасмон.

Бо дарназардошти карбонатӣ будани партовҳо барои коркарди онҳо усули ишқориро тавсия кардан мумкин аст.

Инчунин, барои омӯзиши таркиби минералӣ ва химиявии маъданҳои урани кони Тоҷикистони Шимолӣ-2 дар дастгоҳи спектрометри вакууми “AxiosmAXAdvanced” ва бо истифода аз дифрактометри рентгении ДРОН-3 бо коркарди рақамӣ дар аноди мис (35 кВ ва 20 мА) ва филтри никелӣ муайян карда шуд. Дар расми 4 рентгенограммаи маъдани кони ТоҷикистониШимолӣ-2 нишон дода шудааст. Маъданҳои асосии кон квартс, албит, орто-клаз ва слюдаҳои уранӣ мебошанд.



Расми 4 - Рентгенограммаи маъдани кони Тоҷикистони Шимолӣ-2.

Бо дарназардошти силикатӣ будани маъдан барои коркарди онҳо усули коркарди кислотаи сулфатро тавсия кардан мумкин аст.

Барои гузарондани таҳлили дифференсиалии термикии маъдани урани кони Точикистони Шимолӣ-2 дерватографи “Labsys Evo-1600” аз Ширкати “Сетарам” истифода шуд. LabSys Evo дерватографи муосир (анализатори гармидиҳии синхронӣ) мебошад. Он ҳамзамон гузаронидани термогравиметрия ва калориметрияи дифференсиалии сканерро (TGA-DTA/DSC, TG-DTA/DSC) муттаҳид мекунад ва беҳтарин ҳассосият ва дақиқии таҳлилро дорад. LabSys Evo як дериватограф бо тавозуни 0,01 мг TG ва сенсори гармии 3D (Calvet) DSC ва тафдони бо об хунуккунанда, ки то 1600

° С тафсон мешавад. Ҳассосияти сенсори 3D 0,5 мВ/мВт ва суръати баланди гармкунӣ / хунуккунии тафдон 100 °С/дақиқа (ҳадди ақал 0,1 °С/дақиқа) аст, дақиқии андозагирии Ср дар тамоми диапазони ҳарорат ба 2% мерасад. Сенсори 3D Ср (Calvet) аз 10 термопарае иборат аст, ки намунаро пурра иҳота мекунанд. Дар муҳити муҳталифи газнок (ҳаво, нитроген, оксиген, гелий, аргон, гидроген ва ғайра ё омехтаҳои онҳо) тигли корунд ва платинаро, ки ҳаҷмаш 0,1 мл аст, истифода бурдан мумкин аст. Суръати гармкунии намуна 10 ° С / дақиқа буд.

Дар расми 5 таҳлили дифференсиалии термикӣ (ДТА) намунаи маъдани урани кони Тоҷикистони Шимолӣ-2 нишон дода шудааст, ки дар он хатҳои каҷои ДТА ва инчунин маъданҳои уран оварда шудаанд. Дар ин термограмма мо эндоэффектро дар ҳарорати 450—550°С мушоҳида мекунем, ки бо табдиликаолинит алоқаманд аст.

Дар маъданҳои урани кони «Тоҷикистони Шимолӣ-2» α- ва β-гузариши квартс мушохида намешавад ва таҳлил низ набудани пайвастагиҳои карбонатиро нишон медихад.



Расми 5. Таҳлили дифференсиалии термикии (ДТА) намунаи маъдани урани кони Тоҷикистони Шимолӣ-2 («Октябрский»).

Барои маъданҳои урани кони «Тоҷикистони Шимолӣ-2» тарзҳои коркарди ашёи хом бо истифода аз моддаҳои оксидкунанда дар раванди коркарди усуликислотаи сулфат пешниҳод карда мешавад.

1. Таҳқиқоти радиоэкологӣ дар иншооти радионуклиддор (роҳбари лоиҳа д.и.т. И. Мирсаидзода, рақами қайди давлатии № 0120 TJ 01031).

Мониторинги партовҳои (маҳфузгоҳҳо) урандори шимоли Тоҷикистон ва маҳаллаҳои наздиктарин (Истиқлол, Бӯстон, маҳаллаи Ғозиён, Адрасмон ва ғайраҳо) гузаронида шуд. Нишон дода шудааст, ки суръати миёнаи эквиваленти доза дар сатҳи партовгоҳҳо ба 10-30 мкЗв/соат мерасад ва консентратсияи ҳаҷми радон дар ҳавои атмосферӣ дар минтақаҳои гуногун аз 200 то 1000 Бк/м2 мебошад. Муайян карда шуд, ки фаъолияти хоси радионуклидҳо дар маводои думдор аз 1000 то 7000 Бк/кг аст.

Бо дарназардошти омилҳои гуногуни радиатсионӣ, вояи солонаи таъсири аҳолӣ, ки дар маҳалҳои аҳолинишини назди партовгоҳ зиндагӣ мекунанд, ҳисоб карда шуд.

Инчунин мониторинги радон дар ҳавои биноҳои муассисаҳои таълимии томактабӣ ва мактабҳои шаҳри Истиқлол низ гузаронида шуд.

Муайян карда шуд, ки қиммати миёнаи ҳаҷмӣ фаъолнокии (ОА) радон дар ҳавои дохили биноҳо ба 93 Бк/м2 мерасад. Ин параметрҳо аз меъёри 200 Бк/м2 (барои биноҳои куҳна), ки дар меъёрҳои бехатарии радиатсионӣ муқаррар шудаанд (МБР-06 СП 2.6.1.001-06) зиёд нестанд.

Мониторинги миқдори сезий-137 дар ноҳияҳои шимолии Тоҷикистон нишон дод, ки миқдори изотопи сезий-137 дар ин минтақаҳо нисбат ба ноҳияҳои ҷанубӣ хеле кам аст.

Дар давраи ҳисоботӣ хавфи эҳтимолии радиатсионӣ дар партовгоҳи Адрасмон низ омухта шуд. Партовҳои радиоактивии маҳфузгоҳи Адрасмон масоҳати 3,2 гектарро дар бар гирифта, ҳаҷми умумии партовҳои уран 400 ҳазор тонна ва фаъолнокиаш $5,92*10^{12}$ Бк мебошад. Муҳити партовҳо туршӣ-ишқорӣ, pH=6-8 аст. Сарбанди маҳфузгоҳ аз заминҳои харобу чӯбу тахта дар ҳолати намнок иборат аст. Дар сатҳи маҳфузгоҳ тавоноии дозаи гамма-афканишот 0,85-1,25 мкЗв/соат мебошад. Дар бадани маҳфузгоҳ тавоноии дозаи гамма-афканишот 0,50-15,00 мкЗв/соатро ташкил медиҳад.

Барои муайян кардани сатҳи вазъи радиатсионӣ дар ҳудуди таҳқиқшуда ченкунии фони табии умумии радиатсионии минтақа гузаронида шуда бо натиҷаҳои мониторинги радиатсионии қаламрави вилояти Суғди Тоҷикистон муқоиса карда шуданд.

Ченкунии тавоноии дозаи гамма - афканишот тавассути дозиметрҳои ДКС-96 Доза (Россия), ДКС-АТ1123 Атомтех (Беларус), МКС-АТ6130 Атомтех (Беларус) ва PackEye FHT-1377 «Thermo» (Германия) анҷом дода шуданд.

Мониторинги радон ҳам бо усули ченкунии интегралӣ ва ҳам бо тарзҳои фаврӣ гузаронида шуд. Ченкунии фаврии фаъолнокии ҳаҷмии радон бо истифода аз радиометри радонӣ РРА-01М-03 гузаронида шуд. Ҳисобкунии зичии ҷараёнҳои радон аз рӯйи усули ченкунии фаврӣ гузаронида шуд.

Фони радиатсионии табиӣ дар майдони маҳфузгоҳи №2 аз 0,25-0,40 мкЗв/соат барои гранит-порфирҳо ва дигар навъҳои ҷинсҳо то 0,24-0,28 мкЗв/соат барои порфирҳои андезитӣ ва андезитӣ-датситӣ тағйир меёбад. Қимати миёнаи фони радиатсионии табиӣ, ки бо 80 ченкунӣ муайян карда шудааст, барои минтақаи партовгоҳ 0,38-0,32 мкЗв/соатро ташкил медиҳад. Қимати баландтарини фони радиатсионии табиӣ 0,42 мкЗв/соат аст. Қимати ҳадди дозаи шуоъхӯрии гамма-афканишот, ки ба воситаи он минтақаи олудашавии радиоактивӣ муайян карда мешавад, 0,62 мкЗв/соат аст.

Тазаккур аст, ки солҳои охир дар натиҷаи боришоти шадид як қисми сатҳи рӯйпӯши маҳфузгоҳ шуста шуда, минтақаи кушоди маводи партовгоҳ ба вуҷуд омадааст (расми 6), ки барои аҳолии дар наздикии партовгоҳ зиндагӣ мекунанд ва ба муҳити зист хатари ҷиддӣ дорад. Гузаронидани тадбирҳои фаврӣ ва пешгирикунанда барои пӯшондани майдони кушод яке вазифаи аввалиндараҷа мебошад.

Расми 6. Минтақаи кушоди маҳфузгоҳи Адрасмон.

III. ҲАМКОРИҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ

ТАТБИҚИ ЛОИҲАИ МИЛЛИИ АБНА БО МАРКАЗИ МИЛЛИИ ТАШХИСИ АМНИЯТИ ОЗУҚАВОРИИ КУМИТАИ БЕХАТАРИИ ОЗУҚАВОРИИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

18-уми январи соли 2024 дар Маркази миллии ташхиси Кумитаи бехатарии озуқавории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба татбиқи лоиҳаи миллии Агентии Байналмилалии Неруи Атомӣ (АБНА) TAD7003 «Таҳкими иқтидор оид ба мониторинги радионуклидҳо дар хӯрокворӣ, маводи ғизоӣ ва об» мулоқот доир гардид.

Зимни баргузории мулоқот аз номи Агентии Байналмилалии Неруи Атомӣ (АБНА) ба сифати ёрдамчиёни ҳамоҳангсози миллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муовини директори Агентии амнияти химиявӣ, биологӣ, радиатсионӣ ва ядроии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон – Матин Ахмедов ва инчунин мудири шуъбаи муносибатҳои байналмилалӣ ва робита бо ҷомеаи Агентӣ - Олимҷон Азизов иштирок намуданд.

Дар рафти баргузории мулоқот бо роҳбарият ва мутахассисони маркази мазкур масъалаҳои марбут ба таҷҳизонидани озмоишгоҳ ва таҳкими иқтидори он мавриди баррасии ҷонибҳо қарор гирифт.

Бояд қайд кард, ки лоиҳаи мазкур аз соли 2018 инҷониб амалӣ карда мешавад ва то имрӯз ҳамаи чорабиниҳо татбиқ карда шудаанд. Асбобҳои баландтехнологӣ харидорӣ карда шуда, ҳамзамон озмоишгоҳи радиометрикӣ таъсис дода шуд, ки айни замон тамоми таҷҳизоти зарурии озмоишгоҳӣ (лабораторӣ), ба монанди яхдонҳо барои нигоҳ доштани намунаҳо, оташдони муфелӣ, ҷевонҳои хушккунӣ, сентрифуга, рн-метр, ҷевони истихроҷ, тарозуи таҳлилии синфҳои мухталиф, инчунин зарфҳои озмоишгоҳӣ, маводи истиноді ва истеъмолӣ дорад.

Барои иҷрои вазифаҳои таҳқиқоти радиометрикӣ дар маҳсулоти хӯрокворӣ тибқи талаботи стандартҳои миллӣ ва байналмилалӣ, аз ҷумла асбобҳои зерин харидорӣ карда шуданд: Гамма-спектрометри Nai (Tl) Scintillation Detector System, спектрометри алфа - бета (liquid Scintillation Counting System).

Дар ҷараёни татбиқи лоиҳаи мазкур ҳамаи таҷҳизоти зарурии озмоишгоҳӣ саривақт дастрас гардида, ҳамзамон насб карда шуданд.

Дар доираи иҷроиши лоиҳа, инчунин мутахассисони Маркази миллии ташхиси амнияти озуқавории Кумитаи бехатарии озуқавории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Институти илмӣ - таҳқиқотии умумирусиягии радиология ва агроэкологияи шаҳри Обнински Федератсияи Русия ва Институти физикаи ядроии шаҳри Алмаатои Ҷумҳурии Қазоқистон таҳсил карданд. Дар ҷараёни таълим мутахассисон бо парки асбобҳои институтҳо, роҳу усулҳо ва ҳуҷҷатҳои меъёрии ҳуқуқӣ шинос шуданд. Пас аз хатми таҳсил ба онҳо сертификатҳои дахлдор супорида шуданд.

Ҳамин тариқ, мутахассисони омӯзонидашуда намунаҳоро бо усулҳои гамма - спектрометрӣ ва бета - спектрометрӣ дар таҷҳизоти харидашуда дар доираи лоиҳаи миллӣ таҳқиқ мекунанд.

Бояд қайд кард, ки миқдори ифлоскунандаҳои химиявӣ ва радионуклидҳо дар ашёи хоми озуқаворӣ ва ғизо бояд назорат карда шаванд.

Феълан дар маркази мазкур фаъолнокии тсезий-137 ва стронтсий-90 дар хӯрок ва ашёи хом, ки дар ҷумҳурӣ ворид ва ё худ истеҳсол мегарданд, ба таври дақиқ чен карда мешаванд.

Лозим ба тазаккур аст, ки баргузории чунин ҳамкориҳои судманд бо шарикони байналмилалӣ, аз ҷумла бо Агентии Байналмилалии Неруи Атомӣ бо дастгирии Агентии амнияти химиявӣ, биологӣ, радиатсионӣ ва ядроии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ба Кумитаи амнияти озуқаворӣ ҷиҳати расидан ба вазифаҳои дар соҳаи таъмини амнияти маҳсулоти озуқаворӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон гузошташуда кӯмак мерасонанд.

МАРОСИМИ СУПОРИДАНИ ТАҶҲИЗОТ БА МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ ИЛМИИ “МАРКАЗИ ОМӮЗИШИ ПИРЯХҲОИ АМИТ”ДАР ДОИРАИ ҲАМКОРИҲОИ ТЕХНИКИИ АБНА

19-уми январи соли 2023 дар озмоишгоҳи сифати об, изотопҳо ва санитарияи Муассисаи давлатии илмии “Маркази омӯзиши пиряхҳои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон” бо иштироки директори Агентии амнияти химиявӣ, биологӣ, радиатсионӣ ва ядроии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Илҳом МИРСАИДЗОДА маросими расмии супоридани таҷҳизоти озмоишӣ сурат гирифт.

Озмоишгоҳи сифати об, изотопҳо ва санитарияи Муассисаи давлатии илмии “Маркази омӯзиши пиряхҳои АМИТ” дар ҳамкорӣ бо Агентии Байналмилалии Неруи Атомӣ (АБНА) ва Агентии амнияти химиявӣ, биологӣ, радиатсионӣ ва ядроии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон бо мақсади ба

роҳ мондани ҳамкорӣ дар бахши омӯзиши изотопии пиряхҳо ва қабати барф, мушоҳида ва назорати ҳолати коҳишёбии онҳо ва инчунин муайян намудани таркиби изотопӣ ва гидрологии оби пиряху кӯлҳо ва ҳавзҳои пиряхӣ таъсис дода шудааст.

Бояд қайд кард, ки дар маросими ба кор омода намудани таҷҳизоти лазерии “Пикаро” дар озмоишгоҳи сифати об, изотопҳо ва санитарияи Муассисаи давлатии илмии “Маркази омӯзиши пиряхҳои АМИТ” байни Агентии амнияти химиявӣ, биологӣ, радиатсионӣ ва ядроии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ва инчунин муассисаи мазкур Созишномаи ҳамкорӣ ба имзо расида, барои минбаъд боз ҳам вусъат бахшидани ҳамкориҳои муфиду судманд ибрози андеша намуданд.

Зимни баромади худ директори Агентии амнияти химиявӣ, биологӣ, радиатсионӣ ва ядроии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, доктори илмҳои техникӣ, дотсент Илҳом МИРСАИДЗОДА аз ташаббусҳои наҷибу бунёдкоронаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон доир ба ҳифз ва нигоҳдории пиряхҳо ёдовар шуда, ҳамзамон аҳаммияти эълон гардидани соли 2025-ро ҳамчун “Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо” муфассал шарҳ дода, зикр кард, ки ташаббуси мазкур барои ҷалби бештари таваҷҷуҳи ҷомеаи

ҷаҳонӣ ба ҳалли масоили обу иқлим ва обшавии пиряхҳо мусоидат хоҳад намуд.

Сипас, дар ҷараёни чорабинӣ директори Муассисаи давлатии илмии “Маркази омӯзиши пиряхҳои АМИТ”, профессор Абдулҳамид ҚАЮМОВ иброз намуд, ки озмоишгоҳи мазкур баҳри амалӣ намудани ташаббуси 5-уми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон оид ба эълон намудани соли 2025 “Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо” ташкил гардида, дар самти рушд ва таҳвияти илми пиряхшиносӣ дар ҷумҳурӣ такони нав хоҳад бахшид.

Инчунин зимни суханронии худ мавсуф қайд кард, ки бо дастгирии Шуъбаи ҳамкориҳои техникии АБНА таҷҳизоти лазерии “Пикаро” дар озмоишгоҳи сифати об, изотопҳо ва санитарияи марказ фаъол гардида, имконият медиҳад, ки минбаъд омӯзиши изотопии пиряхҳо ва қабати барф бо тарзҳои инноватсионӣ ба роҳ монда шавад.

Дар доираи лоиҳаи мазкур кормандони шуъбаи озмоишгоҳи сифати об, изотопҳо ва санитарияи марказ ба муддати як моҳ дар Донишгоҳи Инсбруки Ҷумҳурии Австрия ҷиҳати аз худ кардани тарзҳои таҳқиқоти изотопии пиряхҳо таҷриба омӯхтанд.

Ҳамин тариқ, метавон хулоса намуд, ки чунин тарзи ба роҳ мондани омӯзиши пиряхҳо дар сатҳи ҷаҳонӣ ниҳоят камназир буда, ба роҳ мондани он дар марказ як навъ навоварӣ ва ҳамзамон боиси пешрафти илми пиряхшиносӣ (глятсиология) ва инчунин тарзҳои нави ба роҳ мондани таҳқиқоти пиряхҳо ба шумор меравад, ки он ҳам бошад бо сиёсат ва иқдоми имрӯзаи пешгирифтаи роҳбарияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти омӯзиш ва нигоҳдории пиряхҳо амалӣ шудааст.

МАРОСИМИ СУПОРИДАНИ ЛАВОЗИМОТ БА КДАМ ҶТ

8-уми феврали соли 2023 маросими расмии супоридани лавозимоти ҳарбӣ ба масъулини Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи татбиқи Нақшаи миллии амалиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иҷрои Қатъномаи Шурои амнияти Созмони Милали Муттаҳид таҳти рақами 1540 баргузор гардид.

Дар рафти баргузории чорабиниӣ, директори Агентии амнияти химиявӣ, биологӣ, радиатсионӣ ва ҳастаӣ Илҳом Мирсаидзода ба ҳайси ҳамоҳангсози миллӣ лавозимоти ҷангиро барои истифода аз ҷониби кормандони Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз номи Вазорати энергетикаи ИМА интиқол дод.

Лозим ба тазаккур аст, ки кӯмаки техникӣ дар доираи иҷроиши лоиҳаи амнияти сарҳадҳои сабз, ки ба таҳкими инфрасохтори мақомоти ҳифзи ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сарҳади Афғонистон нигаронида шудааст, расонида мешавад.

Ҳамзамон бояд қайд кард, ки татбиқи лоиҳаи мазкур тибқи интиқоли махсус ба нақша гирифта шудааст, ки он аз либос, зиреҳи бадан, таҷҳизот барои амалиёт дар минтақаҳои кӯҳӣ, шаклҳои махсуси муҳофизатӣ ҷиҳати поксозӣ, асбобҳои биниши шабонарӯзӣ, дурбин, монокулярҳо, дастгоҳҳои қабул ва мухобиравӣ (радиостансияҳо), мошинҳои махсуси ҳарбӣ, инчунин мошинҳое, ки дар онҳо таҷҳизоти ҳассос бо мақсади муайян кардани трафики ғайриқонунии маводи ҳастаӣ ва радиоактивӣ ҷиҳозонида шудаанд, иборат мебошад.

МАРОСИМИ РАСМИИ СУПОРИДАНИ ДЕТЕКТОРҲОИ МАХСУС БАРОИ КАШФИ МАВОДИ ЯДРОЙ ВА РАДИОАКТИВӢ ДАР ФУРУДГОҲИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ХУҶАНД

27-уми феврали соли 2023 дар Фурудгоҳи байналмилалии Хуҷанд маросими расмии супоридани детекторҳои махсус барои кашфи маводи ядроӣ ва радиоактивӣ, бо мақсади муқовимат ба терроризм бо истифода аз силоҳи қатли ом дар доираи татбиқи Нақшаи миллии амали Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иҷрои Қатъномаи 1540 Шурои амнияти Созмони Милали Муттаҳид баргузор гардид.

Дар маросим директори генералии Фурудгоҳи байналмилалии Хуҷанд - Қурбони Алимардон, сардори Раёсати минтақавии гумрук дар вилояти Суғд, генерал - майори Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон - Зафар Маҳмадиев, директори Агентии амнияти химиявӣ, биологӣ, радиатсионӣ ва ядроии АМИТ - Илҳом Мирсаидзода, намояндаи Вазорати корҳои хориҷӣ - Фарҳод Қиёмиддинов, гурӯҳи намояндагон аз Барномаи миллии амнияти ядроии Вазорати энергетикаи ИМА ва дигарон низ иштирок карданд.

Тазаккур аст, ки ҳадаф аз насби чунин детекторҳои махсус ин

АГЕНТИИ АМНИЯТИ
ХБРЯ

НАВГОНИҲО

муқовимат ба терроризм бо истифода аз силоҳи қатли ом ва гардиши ғайриқонунии маводи ядроӣ ва радиоактивӣ тавассути сарҳадҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Насби чунин таҷҳизот дар фурудгоҳ иқдоми навбатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мубориза бо ҳама гуна силоҳи қатли ом, пешгирӣ ва гардиши ғайриқонунии он мебошад.

Бояд қайд намуд, ки дар тӯли солҳои охир чунин детекторҳои кашфи маводи ядроӣ ва радиоактивӣ дар гузаргоҳҳои гумрукии «Дӯстӣ», «Панҷи поён», «Фотеҳобод», «Гулистон», «Саразм» ва Фурудгоҳи байналмилалии Душанбе насб шудаанд.

Дар доираи амалинамоии Қатъномаи 1540, насби чунин детекторҳо дар фурудгоҳҳои байналмилалии шаҳри Кӯлоб ва Бохтар низ пешбинӣ шудааст.

Дар доираи лоиҳаи мазкур таъмини таҷҳизоти дастӣ ва омӯзиши кормандони Хадамоти гумрук бо мақсади пешгирии гардиши ғайриқонунии маводи ядроӣ ва радиоактивӣ низ дар давоми рӯзҳои наздик ба нақша гирифта шудааст.

ҶАЛАСАИ СЕРӮЗАИ МИНТАҚАВИИ ҲАМОҲАНГСОЗӢ

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва маъмурияти Агентии амнияти химиявӣ, биологӣ, радиатсионӣ ва ядроии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ҷаласаи серӯзаи минтақавии ҳамоҳангсозиро дар ҳамкории қавӣ бо Агентии Байналмилалии Неруи Атомӣ (АБНА) баргузор намуданд.

Лозим ба тазаккур аст, ки ҳадафи асосӣ аз баргузории чорабинӣ баррасии дастовардҳо, инчунин муҳокимаи фаъолиятҳои минбаъда дар доираи иҷрои лоиҳаи “RER 2020003 – дастгирии таҳлили роҳҳои камкарбон ба бахши энергетикаи сертакаббури декарбонизатсияшуда то соли 2050” мебошад.

Ин чорабинии муҳим 18 нафар коршиносони соҳаи энергетика ва тағйирёбии иқлимро аз кишварҳои Аврупо ва Осиёи Марказӣ, ки дар таҳия ва бознигарии саҳми миллии муайяншуда ва Нақшаҳои миллии соҳаҳои энергетика ва иқлим қаблан ба таври фаъолона ширкат варзида буданд, сари мизи мудаввар бо ҳам ҷамъ овард.

Бояд қайд кард, ки чорабинии мазкурро Илҳом Мирсаидзода - директори Агентии амнияти химиявӣ, биологӣ, радиатсионӣ ва ядроии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ва инчунин Сорбон Холмуҳаммадзода - муовини вазири энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон ифтитоҳ намуданд.

Сипас, Умархон Мадвалиев - роҳбари Ассотсиатсияи манбаъҳои барқароршавандаи энергияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин намояндагони расмии Агентии Байналмилалии Неруи Атомӣ (АБНА) перомуни ин масъала назди ҳозирин ва иштирокчиёни ҷамъомад баромад ва суханронӣ карданд.

Дар рафти вохӯрии ҳамоҳангсозии минтақавӣ, иштирокчиёни чорабинӣ ҳамзамон вазъи ҳозира ва инчунин дурнамои муосири арзёбии энергетикиро дар сатҳи кишвар муаррифӣ намуда, нақшаи кории лоиҳаро бо таваҷҷуҳ барои ҳарчи зудтар ташкил намудани курсҳои омӯзишии минтақавӣ, семинарҳо ва миссияҳои коршиносӣ, ки барои фаъолияти корӣ ва инчунин бо мақсади боз ҳам баланд бардоштани иқтидор зарурият доранд, мавриди баррасӣ ва муҳокима қарор доданд.

НИШАСТИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ҲАМОҲАНГСОЗОНИ МИЛЛИИ ИРТИБОТИИ АБНА ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Аз 23-юми май то 26-уми майи соли 2023 дар шаҳри Душанбе, бо обтикори маъмурияти Агентии амнияти химиявӣ, биологӣ, радиатсионӣ ва ядроии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (Агентии ХБРЯ-и АМИТ) дар ҳамкорӣ бо Агентии Байналмилалии Неруи Атомӣ (АБНА) бо мақсади густариши барномаҳои ҳамкории техникии АБНА нишасти ҳамоҳангсозони миллии иртиботии АБНА дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор мегардад гардид.

Дар нишасти мазкур намояндагони зиёда аз 30 давлати аъзои Аврупо ва Осиёи Марказӣ ба таври ҳузурӣ иштирок карда, ҳамзамон беш аз 35 давлатиаъзои АБНА тариқи маҷозӣ ба ҳамоиш пайваст шуданд. Ҳамоиши мазкур азҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бори нахуст ташкил карда шуд.

Сипас, директори Агентии ХБРЯ-и АМИТ Илҳом Мирсаидзода, қайд намуд, ки дар ҳамоиши мазкур мутахассисони лоиҳаҳои марбут ба солимгардонии партовҳои коркарди маъдани уран, амнияти ядроӣ ва радиатсионӣ, соҳаи ҳифзи тандурустӣ, таҷҳизонидани марказҳои саратоншиносӣ бо воситаҳои техникии муосир бо мақсади пешгирӣ кардани бемориҳои саратон, ҳамзамон масъалаҳои марбут ба ҳифзи пиряхҳо ва истифодаи радионуклидҳо ва технологияҳои радиатсионӣ ҷиҳати муайян кардани синну соли дақиқи пиряхҳо, ҳифзи ин пиряхҳо, инчунин рафти иҷроиши лоиҳаҳои байналмилалӣ, минтақавӣ ва миллӣ мавриди баррасӣ қарор мегиранд.

«Ҷаласаи солонаи ҳамоҳангсозони миллии робитаҳо ба такмил ва пешбурди лоиҳаҳои ҳамкории техникии АБНА бахшида шуда, барои мамлакатҳои аъзо платформаи муҳим ҷиҳати ҳамкорӣ ва табодули афкор, таҷрибаи пешқадамдар татбиқи барномаҳои ҳамкории техникии АБНА мебошад», - изҳор дошт, зимни суханронии худ директори Агентии ХБРЯ-и АМИТ Илҳом Мирсаидзода.

Ҳамин тариқ, зикр гардид, ки ин ҳамоиш ба намояндагони кишварҳои аъзои минтақаи Аврупо ва Осиёи Марказӣ имкон медиҳад, ки самаранокӣ ва таъсири лоиҳаҳои ҷориро арзёбӣ кунанд ва ҳамзамон роҳҳои инноватсионии ҳалли мушкилоти пайдошударо омӯзанд ва доир ба масъалаҳои муҳимми ҳамкории техникӣ бо мақсаду ҳадафҳои осоишта истифода бурдани илм ва техникаи ядроӣ маърӯза намуданд.

Дар фарҷоми ҷамъомад иштирокчиён зимни баргузории ҷаласаҳои интерактивӣ, семинарҳо ва форумҳо бо ҳам мубодилаи афкор намуда, барномаҳои ҳамкории техникии АБНА ва инчунин мувофиқати онҳоро бо мақсади ноил шудан ба Ҳадафҳои Рушди Устувор мавриди баррасӣ қарор доданд.

Натиҷаҳои вохӯрӣ барои ташаккули стратегияҳо, сиёсатҳо ва ташаббусҳои оянда, ки ба рушди осоишта ва устувори давлатҳои аъзо, аз ҷумла Аврупо ва Осиёи Марказӣ тавассути татбиқи илм ва технологияи ядроӣ мусоидат мекунад, басо ҳам муфид хоҳад буд.

МАРОСИМИ РАСМИИ СУПОРИДАНИ АВТОМАШИНАҲО БА КУМИТАИ ДАВЛАТИИ АМНИЯТИ МИЛЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ДОИРАИ ҚАТЪНОМАИ 1540 ШУРОИ АМНИЯТИ СММ

12-уми сентябри соли 2023 бо мақсади татбиқи Нақшаи чорабиниҳои миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи қатъномаи 1540 Шурои амнияти Созмони Милали Муттаҳид маросими расмии супоридани автомашинаҳои тамғаи “Toyota Hilux“ ба ихтиёри Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид.

Сипас, директори Агентии амнияти химиявӣ, биологӣ, радиатсионӣ ва ядроӣ, доктори илмҳои техникӣ - Илҳом МИРСАИДЗОДА ҳамчун ҳамоҳангсози миллӣ аз номи Вазорати энергетикаи Иёлоти Муттаҳидаи Амрико мошинҳоро барои истифодаи хизматӣ ба кормандони масъули Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон туҳфа намуд.

Лозим ба тазаккур аст, ки ин кӯмаки фаннӣ дар чаҳорчӯбаи тарҳи “Амнияти сарҳади сабз” ироа мешавад, ки ҳадафи асосиаш таҳкими зерсохтори ниҳодҳои қудратии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марз бо кишвари Афғонистони ҳамсоя мебошад.

Бояд қайд кард, ки дар доираи татбиқи лоиҳаи мазкур ҳамзамон интиқоли либосҳои махсус, аз ҷумлаи зиреҳҳои бадан, таҷҳизот барои гузаронидани амалиёт дар минтақаҳои кӯҳӣ, маводи ядроӣ, радиоактивӣ ва ҳоказои дигари зарурӣ, инчунин либосҳои махсуси муҳофизатӣ барои поксозии минаҳо, дастгоҳҳои биниши шабона, дурбинҳо, моноклу радиоприёмникҳо (радиоҳо), мошинҳои махсуси ҳарбӣ, автомобилҳо, микроавтобусҳое, ки дар онҳо таҷҳизоти ҳассос ҷиҳати ошкор кардани ҳаракати ғайриқонунӣ насб карда шудаанд, ба инобат гирифта шудааст.

МАРОСИМИ РАСМИИ СУПОРИДАНИ АСБОБУ ТАҶҲИЗОТ БА ИНСТИТУТИ БОТАНИКА, ФИЗИОЛОГИЯ ВА ГЕНЕТИКАИ РАСТАНИИ АМИТ

14-уми сентябри соли 2023 маросими расмии супоридани асбобу таҷҳизоти зарурӣ ба маъмурияти Институти ботаника, физиология ва генетикаи растании Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон дар доираи татбиқи лоиҳаи ҳамкории минтақавии техникии АБНА RER5024 «Беҳтар намудани технологияи ҳосилнокӣ ва устувории иқлими зироатҳои асосии ғизоӣ дар Аврупо ва Осиёи Марказӣ» баргузор гардид.

Зимни баргузории ҷамъомад директори Агентии амнияти химиявӣ, биологӣ, радиатсионӣ ва ядроии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, доктори илмҳои техникӣ Илҳом МИРСАИДЗОДА ба ҳайси ҳамоҳангсози миллӣ аз номи маъмурияти Агентии Байналмилалии Неруи Атомӣ ба директори Институти ботаника, физиология ва генетикаи растании Академияи миллии Тоҷикистон Бақохӯҷа БОБОЗОДА як қатор асбобу

таҷҳизоти таҳқиқотиро ҷиҳати боз ҳам баланд бардоштани ҳосилнокии зироатҳои асосии ғизоӣ ҳадя намуд.

Лозим ба тазаккур аст, ки дар доираи татбиқи лоиҳаи ҳамкориҳои минтақавии техникии АБНА RER5024 бо мақсади боз ҳам «Беҳтар кардани ҳосилнокӣ ва устувории иқлими зироатҳои асосии ғизоӣ дар Аврупо ва Осиёи Марказӣ» асбобҳои махсус ба монанди санҷишгари намнокии хок, ченкунаки pH-метри рӯйимизӣ, таҷҳизоти хурдҳаҷми тамғаи УФ ва инчунин спектрофотометри ултрабунафш бо

диапазони ченкунии дарозии мавҷҳо бо иқтидори аз 190 нм то 850 нм, яхдони озмоишгоҳӣ, ҳисобкунаки худкори тухмипошӣ бо идоранамоии компютери хурдҳаҷм бо мақсади гузаронидани таҳқиқоту санҷишҳо ва инчунин дигар номгӯй асбобҳои махсуси корӣ барои таҳлили ДНК ва санҷиши таҷҳизоти зарурӣ супорида шуданд.

МАРОСИМИ СУПОРИДАНИ ВОСИТАҲОИ НАҚЛИЁТ БА ҚӮШУНҲОИ САРҲАДИИ КДАМ ҶТ ДАР ДОИРАИ ТАТБИҚИ БАРНОМАИ МИЛЛИИ ЧОРАБИНИҲОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

15-уми сентябри соли 2023 дар доираи татбиқи Барномаи миллии чорабиниҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон маросими супоридани автомашинаҳои тамғаи «Toyota Hilux» ба Қӯшунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи Қатъномаи 1540 Шурои Амнияти Созмони Милали Муттаҳид баргузор гардид.

Директори Агентии амнияти химиявӣ, биологӣ, радиатсионӣ ва ядроии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Илҳом МИРСАИДЗОДА ҳамчун ҳамоҳангсози миллӣ мошинҳои мазкурро барои истифодаи хизматӣ аз ҷониби кормандони Қӯшунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз номи Департаменти энергетикаи Иёлоти Муттаҳидаи Амрико супорид.

Бояд қайд намуд, ки ин кӯмаки фаннӣ дар чаҳорчӯбаи амалисозии тарҳи амнияти марзии сабз, ки ба таҳкими зерсохтҳои ниҳодҳои қудратии

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марз бо кишвари Афғонистони ҳамсоя нигаронида шудааст, ироа мешавад.

Лозим ба тазаккур аст, ки дар чаҳорчӯбаи иҷроиши тарҳи мазкур инчунин интиқоли либос, зиреҳи тан, таҷҳизот барои гузаронидани амалиёт дар шароитҳои кӯҳӣ, шаклҳои махсуси муҳофизатӣ барои безараргардонӣ аз минаҳо, дастгоҳҳои биниши шабона, дурбинҳо, моноклҳо, дастгоҳҳои мухобиравӣ (радиомухобиравӣ), мошинҳои махсуси ҳарбӣ, воситаҳои нақлиёту автобусҳое, ки бо таҷҳизоти ҳассос барои муайян кардани ҳаракати ғайриқонунии маводи ядроӣ ва радиоактивию ҳоказои дигар муҷаҳҳаз шудаанд дар мадди назар аст.

МАРОСИМИ РАСМИИ СУПОРИДАНИ ТАҶҲИЗОТИ ТАШХИСӢ ВА ТАБОБАТӢ БА МАРКАЗИ ҶУМҲУРИЯВИИ ИЛМИИ САРАТОНШИНОСИИ ВТҲИА ҶТ

15-уми ноябри соли 2023 маросими расмии супоридани таҷҳизоти ташхисӣ (ултрасадо) ва табобатӣ (рентгенотерапия) ба маъмурияти Маркази ҷумҳуриявии илмии саратоншиносии Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи татбиқи лоиҳаи миллии Агентии Байналмилалии Неруи Атомӣ (АБНА) TAD6007 - таҚвияти марказҳои саратоншиносӣ ва TAD6008 - рушди хизмат-расониҳои ташхисии марказҳои саратоншиносӣ сурат гирифт.

Зимни баргузории ҷамъомад, Матин Ахмедов муовини директор ва Олимҷон Азизов мудири шуъбаи муносибатҳои байналмилалӣ ва робита бо ҷомеаи Агентии амнияти химиявӣ, биологӣ, радиатсионӣ ва ядроии

АМИТ – ҳамчун ёрдамчиёни ҳамоҳангсози миллӣ ба сардухтури Маркази ҷумҳуриявии илмии саратоншиносӣ, Ҳусейнзода Зафар Ҳабибулло таҷҳизоти ташхисӣ (ултрасадо) ва табобатӣ (рентгенотерапия) ҷиҳати сари вақт ташхис ва пешгирӣ намудани беморихои саратоншиносӣ дар ҷумҳурӣ ва минтақаҳои тобеи он аз номи Агентии Байналмилалии Неруи Атомӣ (АБНА) ҳадя намуданд.

Қайд кардан ба маврид аст, ки дар доираи лоиҳаҳои мазкур се нафар кормандони Маркази ҷумҳуриявии илмии саратоншиносӣ дар давлатҳои Федератсияи Русия, Озарбойҷон ва Арманистон дар самтҳои ташхиси нурӣ, тамографияи резонанси магнитӣ (МРТ) ва табобати нурӣ омӯзиш гирифтанд.

Ҳадафи асосӣ аз татбиқи лоиҳаҳои мазкур ин сари вақт муайян ва пешгирӣ намудани беморихои гуногуни саратоншиносӣ дар ҷумҳурӣ ва ноҳияҳои тобеи марказ мебошад.

Дар солҳои оянда дар доираи лоиҳаҳои мазкур хариди дигар таҷҳизоти ташхисию табобатӣ ва ҳамзамон омӯзонидани кормандони касбии Маркази ҷумҳуриявии илмии саратоншиносӣ аз ҷониби Агентии Байналмилалии Неруи Атомӣ (АБНА) ба нақша гирифта шудааст.

МАРОСИМИ РАСМИИ СУПОРИДАНИ ТАҶҲИЗОТИ ТАШХИСӢ БА МАРКАЗИ ВИЛОЯТИИ САРАТОНШИНОСӢ ДАР ШАҲРИ КӮЛОБ

17-уми ноябри соли 2023 маросими расмии супоридани таҷҳизоти ташхиси тиббӣ ба маъмурияти Маркази вилоятии саратоншиносӣ дар шаҳри Кӯлоби вилояти Хатлон дардоираи татбиқи лоиҳаи миллии Агентии Байналмилалии Неруи Атомӣ (АБНА) TAD6009 - “Такмили имкониятҳои ташхисӣ дар Маркази вилоятии саратоншиносии шаҳри Кӯлоб” баргузор гардид.

Дар рафти баргузории ин вохӯрии муфид Матин Ахмедов, мӯовини директори Агентӣ ва Олимҷон Азизов - мудири шуъбаи муносибатҳои байналмилалӣ ва робита бо ҷомеаи Агентии амнияти химиявӣ, биологӣ,

радиатсионӣ ва ядроии АМИТ ҳамчун ёрдамчиёни ҳамоҳангсози миллӣ ба мудири Маркази вилоятии саратоншиносӣ дар шаҳри Кӯлоб Наврӯзҷон ХОЛМАТОВ таҷҳизоти ташхисии ултрасадоро аз номи Агентии Байналмилалии Неруи Атомӣ (АБНА) ҳадя намуданд.

Бояд қайд кард, ки ҳадафи асосии татбиқи лоиҳа ин сари вақт муайян ва ҳамзамон пешгирӣ намудани беморихои гуногуни саратоншиносӣ дар вилояти номбурда ва инчунин минтақаҳои ба он наздик мебошад.

Лозим ба тазаккур аст, ки татбиқи чунин лоиҳаҳо сатҳу сифати хизматрасониҳои ташхисию табобатии беморихои саратоншиносиро дар вилоят ва ҳудуди ба он наздик бударо боз ҳам баланд хоҳад бардошт.

Дар солҳои наздик дар доираи татбиқи лоиҳаи мазкур хариди дигар таҷҳизот ва омӯзонидани кормандони касбии Маркази вилоятии саратоншиносӣ аз ҷониби Агентии Байналмилалии Неруи Атомӣ (АБНА) ба нақша гирифта шудааст.

МАРОСИМИ РАСМИИ СУПОРИДАНИ ХРОМАТОГРАФИ ИОНӢ БА МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ ИЛМИИ “МАРКАЗИ ОМӮЗИШИПИРЯХҲОИ АМИТ”

28-уми ноябри соли 2023 маросими расмии супоридани хроматографи ионӣ ба озмоишгоҳи сифати об, изотопҳо ва санитарияи Муассисаи давлатии илмии «Маркази омӯзиши пиряхҳои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон» дар доираи татбиқи лоиҳаи миллии Агентии Байналмилалии Неруи Атомӣ (АБНА) TAD7004 - «Ташаккули иқтидори миллӣ барои арзёбии ҳолати пиряхҳо ва қабати барф дар шароити тағйирёбандаи иқлим» баргузор гардид.

Дар маросими супоридани ин дастгоҳ директори Агентии амнияти химиявӣ, биологӣ, радиатсионӣ ва ядроии Академияи миллии Тоҷикистон Илҳом Мирсаидзода ба ҳайси ҳамоҳангсози миллӣ ва мудири шуъбаи муносибатҳои байналмилалӣ ва робита бо ҷомеаи Агентӣ Олимҷон Азизов ба ҳайси ёрдамчии ҳамоҳангсози миллӣ ширкат варзиданд.

Аз номи Агентии Байналмилалии Неруи Атомӣ (АБНА) ба директори Муассисаи давлатии илмии «Маркази омӯзиши пиряхҳои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон», профессор Абдулҳамид Қаюмов хроматографи муосири ионӣ супорида шуд, ки ходимони озмоишгоҳ дар минбаъда обро хушсифат ва ба таври дақиқ таҳлил намоянд.

Лозим ба тазаккур аст, ки ҳадафи асосии лоиҳаи TAD 7004 омӯзиш, арзёбӣ ва инчунин муайян кардани равандҳои гидрологии таназзули пиряхҳо дар

Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб меёбад. Лоиҳаи мазкур ба афзалиятҳои миллӣ оид ба самти пешбурди устувории экологӣ ва идоракунии бомароми захираҳои обӣ, ки дар “Стратегияи миллии рушд то соли 2030” зикр шудаанд, ҳамаҷониба мувофиқат мекунад.

Лозим ба тазаккур аст, ки татбиқи чунин лоиҳаҳо ва истифодаи технологияҳои нави таҳлил ва мониторинги таназзули пиряхҳо барои чен кардани ҷараёни об дар дарёҳо ва пиряхҳои Тоҷикистон, инчунин барои моделсозӣ, пешгӯйӣ ва андешидани тадбирҳо оид ба коҳиш додани таъсири иқлим басо ҳам зарур аст.

Бояд қайд кард, ки дар солҳои оянда Агентии Байналмилалии Неруи Атомӣ (АБНА) тасмим гирифтааст, ки дар доираи татбиқи Лоиҳаи TAD 7004 омодасозии кадрҳои Муассисаи давлатии илмии «Маркази омӯзиши пиряхҳои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон» -ро низ идома дода, ба ин васила иқтидори миллии илмиро ба вуҷуд орад, ки онҳо омӯзиши пиряхҳо ва қабати барфро дар шароити тағйирёбии иқлим арзёбӣ намоянд.

МАРОСИМИ СУПОРИДАНИ ТАҶҲИЗОТВА ТАТБИҚИ ЛОИҲАИ АБНА ДАР ИНСТИТУТИ ТИББИ ВЕТЕРИНАРИИ АКАДЕМИЯИ ИЛМҲОИ КИШОВАРЗИИ ТОҶИКИСТОН

9 - уми декабри соли 2023 бо дастгирии Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ ва Агентии Байналмилалии Неруи Атомӣ (АБНА) дар доираи лоиҳаи миллии TAD5006 – “Татбиқи усулҳои ядроӣ ва молекулярӣ барои ташхис ва назорати беморихои фаромарзии ҳайвонот” ба Институти тибби ветеринарии Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон як қатор таҷҳизот ва лавозимоти муосир ворид гардид.

Дар маросими расмии супоридани таҷҳизот муовини директори Агентии амнияти химиявӣ, биологӣ, радиатсионӣ ва ядроии Академияи миллии Тоҷикистон Матин Ахмедов ва инчунин мудири Шуъбаи муносибатҳои байналмилалӣ ва робита бо ҷомеаи Агентии амнияти ХБРЯ - Олимҷон Азизов ба ҳайси ёрдамчиёни ҳамоҳангози миллӣ ширкат варзиданд.

НАВГОНИҲО

АГЕНТИИ АМНИЯТИ
ХБРЯ

Онҳо аз номи Агентии Байналмилалии Неруи Атомӣ (АБНА) ба роҳбарияти Институти тибби ветеринарии Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон-Раҷабмурод Атовуллозода як қатор таҷҳизот ва лавозимоти муосир, аз қабили боксҳои биологӣ барои ташхисҳои молекулярӣ (ПЦР), таҷҳизот барои ташхисҳо бо усули таҳлили иммуноферменӣ (ИФА), яхдонҳои пастҳарорат барои нигоҳдории намунаҳои амрозӣ ва ҳайли микроорганизмҳои касалиовар, автоклавҳо, термостатҳо, сентрифугаҳо, химреактивҳо ва ғайраҳо супориданд.

Мақсади татбиқи лоиҳаи мазкур ин ташхис, тафриқасозӣ, муайян





намудани вариантҳои зардобавӣ ва ҷудосозии ҳайли микроорганизмҳои касалиовар, ки дар хоҷагиҳои чорводорӣ ва парандапарварии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шуда,ки онҳо зарари калони иқтисодӣ мерасонанд, ба ҳисоб меравад.

Ҳамин тариқ, метавон қайд кард, ки воридоти таҷҳизотимазкурбаолимонвамутахассисонисоҳаи мазкур имконият фароҳам меорад, ки мониторинги беморихои сироятӣ, бахусус зоонозҳо ва инчунин таҳти назорат гирифтани вазъи эпизоотӣ дар байни ҳайвоноти ваҳшӣ ва хонагӣ амалӣ карда шавад, ки дар ҳалли барномаҳои давлатӣ ва стратегияҳои миллӣ, аз ҷумла таъмини амнияти озуқавории кишвар нақши муҳим мебозад.

Қайд намудан ба маврид аст, бо мақсади боз ҳам беҳтар намудани раванди корҳои илмӣ - таҳқиқотӣ ва ҳамзамон истифодаи таҷҳизоти воридгардида, як қатор олимони институт дар кишварҳои хориҷӣ, аз ҷумла Федератсияи Русия, Ҷумҳурии Австрия, Македонияи Шимолӣ ва

Туркия аз таҷрибаомӯзӣ ва ташрифи илмӣ гузашта, соҳиби сертификатҳои байналмилалӣ гардидаанд.

Мавриди зикр аст, ки дар доираи татбиқи лоиҳаи мазкур дар Институт панели офтобӣ низ насб карда шуд, ки барои устувор нигоҳ доштани фаъолияти таҷҳизоти озмоишгоҳӣ дар ҳама ҳолат шароит фароҳам меорад. Ҳамзамон дар доираи татбиқи лоиҳаи мазкур таҷҳизоти муосири озмоишӣ барои амалисозии ташхисҳои молекулярӣ ҷиҳати муайян ва типизатсияи барангезандагони беморихои махсусан хавфноки чорвою паранда ва зоонозҳо нақши муҳим дорад, ворид ва насб гардида шудааст.

Айни замон, ба Институти мазкур таҷҳизот оид ба ташхисҳои серологӣ, бактериологӣ ва вирусологӣ, ки барои ҷудосозии вирусҳо, бактерияҳо ва инчунин муайян намудани навъҳои онҳо муҳим аст, ворид гардидааст, ки онҳо дар муҳлатҳои наздик аз ҷониби коршиносони масоили байналмилалӣ ба нақша гирифта шудааст.

Чунин ҳамкории доимӣ бо ниҳодҳои байналмилалӣ ба иқтидори техникӣ ва зеҳнии Пажӯҳишгоҳи илмӣ таъсири мусбӣ мерасонад ва дар ин замина Институти тибби ветеринарӣ нақша дорад, ки тавассути татбиқи лоиҳаҳои техникӣ ҳамкориҳоро бо дастгирии Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ ва Агентии Байналмилалии Неруи Атомӣ барои тақвият бахшидани роҳҳои муосири ташхис ва пешгирии беморихои сироятӣ, аз он ҷумла зоонозҳо, ки хавфи калони сироятёбиро дар байни ҳайвонот ва одамон ба вуҷуд меоранд барои боз ҳам баланд бардоштани савияи дониши касбии олимони соҳа ҳамкориҳоро дар ин самт боз идома бахш.

МУЛОҚОТ БО МУТАХАССИСОНИ МАРКАЗИ САРАТОНШИНОСИИ ВИЛОЯТИ СУҒД, КИ ДАР ДОИРАИ ҲАМКОРИҲО БО АБНА ДАР ХОРИҶИ КИШВАР АЗ ТАҶРИБАОМӮЗӢ ГУЗАШТААНД

20-уми декабри соли 2023 бо дастгирии доимии ҳамоҳангсози миллӣ - Агентии амнияти химиявӣ, биологӣ, радиатсионӣ ва ядроии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон дар доираи ҳамкории Агентии Байналмилалии Неруи Атомӣ (АБНА) бо Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар ҳамкорӣ бо маъмурияти Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии илмии саратоншиносӣ» ВТҲИА ҶТ дар Маркази вилоятии саратоншиносии вилояти Суғд вохӯрӣ бо мутахассисони соҳаи саратоншиносӣ дар самти табобати нурӣ, ки дар марказҳои илмии пешрафтаи саратоншиносии кишварҳои хориҷӣ вобаста ба самтҳои радиологияи тиббӣ, муолиҷаи нурӣ ва ташхис дар доираи татбиқи лоиҳаҳои миллии Агентии Байналмилалии Неруи Атомӣ (АБНА) TAD6007 - таҳкими марказҳои саратоншиносӣ ва TAD6008 - рушди хизматрасониҳои ташхисӣ дар марказҳои саратоншиносӣ доир гардид.

Зимни вохӯрӣ Матин Ахмедов, муовини директор ва Олимҷон Азизов - мудири шуъбаи муносибатҳои байналмилалӣ ва робита бо ҷомеаи Агентии амнияти химиявӣ, биологӣ, радиатсионӣ ва ядроии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ба ҳайси ёрдамчиёни ҳамоҳангсози миллии Агентии Байналмилалии Неруи Атомӣ (АБНА) бо роҳбариМаркази саратоншиносии минтақавӣ дар вилояти Суғд- Бахтиёр ОРИФОВ ва мутахассисоне, ки дар доираи татбиқи лоиҳаҳои номбурда аз таҷрибаомӯзӣ гузаштаанд, мулоқот оростанд.

Лозим ба ёдоварист, ки айни замон дар Маркази саратоншиносии вилояти

Суғд табибоне, ки дар кишварҳои хориҷӣ таҳсил кардаанд, ба ҳайси мутахассисони варзида кору фаъолият доранд. Бар замми ин, аз 1-уми ноябри соли 2023 инҷониб яке аз табибони шуъбаиташхиси ин марказ дар Маркази саратоншиносии Ҷумҳурии Озарбойҷон, дар самти ташхиси муосир ва пешгирии беморихои саратоншиносӣ дар таҷрибаомӯзии дарозмуҳлат қарор дорад.

Ҳамзамон, мутахассисони маркази мазкур бо мақсади табодули таҷриба ва расонидани хизмати босифат ба аҳолӣ дар чорабиниҳои мухталифи минтақавӣ ва байналмилалӣ ба таври маҷозӣ (онлайнӣ) иштирок менамоянд.

Бояд кайд кард, ки аз соли 2019 инҷониб дар доираи ҳамкорӣ бо Агентии

Байналмилалии Неруи Атомӣ (АБНА) ба Маркази саратоншиносии вилояти Суғд таҷҳизоти замонавӣ барои банақшагирӣ ва муолиҷаи нурӣ насб карда шуд ва шуъбаи радиологӣ фаъолияташро оғоз намуд. Солҳои қаблӣ, беморон барои табобат гирифтан ба марказ ва ё берун аз кишвар сафар мекарданд. Феълан, таҷҳизоти замонавӣ барои банақшагирӣ ва муолиҷаи нурӣ дар вилояти Суғд васеъ истифода бурда мешавад.

Қайд намудан ба маврид аст, ки бештари лоиҳаҳои назарраси Агентии Байналмилалии Неруи Атомӣ (АБНА) ба самти рушд ва пешниҳоди хизматрасонии баландсифат дар марказҳои саратоншиносии Ҷумҳурии Тоҷикистон равона гардидаанд.

Бо дастгирии доимии ҳамоҳангсози миллӣ - Агентии амнияти химиявӣ, биологӣ, радиатсионӣ ва ядроии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ҳамкориҳои Агентии Байналмилалии Неруи Атомӣ (АБНА) бо марказҳои саратоншиносии Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи татбиқи лоиҳаҳои миллӣ оид ба масъалаҳои муҷаҳҳаз гардонидан бо таҷҳизоти муосир ва ҳамзамон бо мақсади боз ҳам баланд бардоштани имкониятҳои табибони баландихтисоси соҳавӣ дар солҳои наздик банақша гирифта шудааст.

МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ ИЛМИИ “МАРКАЗИ ОМӮЗИШИ ПИРЯХҲОИ АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН” АЗ МАГАТЭ ДАСТГОҲИ НАВИ ОМӮЗИШИ ПИРЯХҲОРО ДАР ШАРОИТИ САҲРО ДАСТРАС НАМУД

Ба шарофати ташаббусҳои наҷиби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба эълон гардидани соли 2025 ҳамчун Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо ва ҳамасола таҷлил намудани 21-уми март ҳамчун Рӯзи умумиҷаҳонии пиряхҳо, инчунин таъсиси Фонди мақсадноки байналмилалӣ оид ба масъалаҳои ҳифзи пиряхҳо, рушди ҳамкориҳои байналмилалӣ имкон медиҳанд, ки дар доираи корҳои илмию таҳқиқотӣ оид ба омӯзиши пиряхҳо васеъ ва ҳамзамон ба сатҳи байналмилалӣ ва ба талаботи стандартҳои байналмилалӣ ба таври пурра мувофиқат кунанд.

Ба шарофати ташаббусҳои нақиби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба эълон гардидани “Соли 2025 - ҳамчун Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо” ва ҳамасола таҷлил намудани 21-уми март ҳамчун Рӯзи умумиҷаҳонии пиряхҳо, инчунин таъсиси Фонди мақсадноки байналмилалӣ оид ба масъалаҳои ҳифзи пиряхҳо, рушди ҳамкориҳои байналмилалӣ имкон медиҳанд, ки дар доираи корҳои илмию таҳқиқотӣ оид ба омӯзиши пиряхҳо васеъ ва ҳамзамон ба сатҳи байналмилалӣ ҷавобгӯ буда ва ба талаботи стандартҳои байналмилалӣ ба таври пурра мувофиқат кунанд.

Дар доираи татбиқи лоиҳаи миллии МАГАТЭ TAD 7004 - «Ташаккули иқтидори миллӣ оид ба арзёбии ҳолати пиряхҳо ва қабати барф дар шароити тағйирёбандаи иқлим» ҳамоҳангсози миллии Агентии Байналмилалии Неруи Атомӣ (АБНА) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон - директори Агентии амнияти химиявӣ, биологӣ, радиатсионӣ ва ядроии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон - Илҳом МИРСАИДЗОДА дар як маросими тантанавӣ ду маҷмӯи асбобҳои рақамии бисёрпараметраи «MultiLine Multi 3630»-ро ба профессор Абдулҳамид ҚАЮМОВ - директори Муассисаи давлатии илмии «Маркази омӯзиши пиряхҳои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон» супорид.

Дар маросими супоридани таҷҳизоти муосир ёвари ҳамоҳангсози миллӣ, мудири шуъбаи муносибатҳои байналмилалӣ ва робита бо ҷомеаи Агентии мазкур - Олимҷон АЗИЗОВ ва директори Муассисаи давлатии илмии «Маркази омӯзиши пиряхҳои АМИТ» профессор Абдулҳамид Қаюмов ва инчунин дигар кормандони маркази мутазаккир ширкат варзиданд.

Бояд гуфт, ки қабл аз ин Маркази омӯзиши пиряхҳо дар чаҳорчӯбаи рушди мактаби пиряхшиносон ва пешбурди илми тоҷик аз МАГАТЭ барои таҳқиқоти густурда ва бунёдӣ таҷҳизот дарёфт карда буд. Таҳлилгари лазерии

«PICARRO» таркиби устувори изотопии пиряхҳо, қабати барф ва пиряхҳои обшударо ба таври дақиқ муайян мекунад. Марказ инчунин хроматографи муосири иониро барои таҳлили сифатии намунаҳо аз пиряхҳо, қабати барф ва пиряхҳои обшуда дастрас намуд. Хроматографияи ионӣ низ имкон медиҳад, ки пиряхҳо ва захираҳои обии Тоҷикистон дар сатҳи сифатан нав омӯхта шаванд.

Бояд қайд намуд, ки бо дастгирии АБНА озмоишгоҳи «Сифати об, изотопҳо ва санитария», ки бо таҷҳизоти замонавӣ муҷаҳҳаз гардонида шудааст, имкон медиҳад, ки равандҳои гидрологие, ки дар пиряхҳо ва қабати барф ба амал меоянд, инчунин механизмҳои таназзули пиряхҳо барои таҳияи минбаъдаи тадбирҳои мутобиқшавӣ барои нигоҳ доштани пиряхҳо ба таври дақиқ омӯхта шаванд.

Омӯхтани пиряхҳо дар қисматҳои дурдасти баландкӯҳҳо таҳқиқоти экспедитсионӣ - саҳроиро тақозо менамояд ва аз ин рӯ, дар ин самт асбобҳои саҳроӣ ба ҳайси ёрдамчиён ба ҳисоб мераванд.

Дар доираи иҷроиши лоиҳаи мазкур инчунин ду маҷмӯи асбобҳои рақамии бисёрпараметраи тамғаи «MultiLine Multi 3630» харидорӣ карда шуданд, ки дар онҳо бо як дастгоҳ якчанд параметрҳоро чен кардан мумкин аст.

Дар шароити саҳроӣ барои асбоби универсалии ченкунӣ ҳамзамон чунин нишондиҳандаҳо пешбинӣ шудаанд:

- ☑ РН,
- ☑ Потенсиали редокс,
- ☑ Оксигени гудохташуда,
- ☑ Гузаронандагӣ,
- ☑ Абрнокӣ.

Лозим ба тазаккур аст, ки айни замон дар озмоишгоҳи мазкур се гурӯҳҳои корӣ ташкил карда шудаанд, ки ҳар яке аз ин гурӯҳҳо ҳадафҳо ва вазифаҳои муайяну мушаххаси худро доранд:

1. Гурӯҳи шабакавӣ барои ҷамъоварии намунаҳо аз ҳавзаҳои дарёҳои асосӣ ва таҳшинҳои дарёҳо.
2. Гурӯҳи экспедитсионӣ, ки аз пиряхҳо, қабати барф, кӯлҳои пиряхӣ ва обҳои пиряхҳо намуна ҷамъоварӣ мекунанд.
3. Статсионарӣ (озмоишгоҳӣ), ки кори доимӣ, таҳлил ва омӯхтани намунаҳоро саривақт таъмин менамояд.

АГЕНТИИ АМНИЯТИ
ХБРЯ

НАВГОНИҲО

МАРОСИМИ РАСМИИ СУПОРИДАНИ МОШИНҲО БА РАЁСАТИ ВОҲИДҲОИ ТАЪИНОТИ МАХСУСИ ВАЗОРАТИ КОРҲОИДОХИЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАРДОИРАИ ТАТБИҚИ ЧОРАБИНИҲОИ МИЛЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ОИДБА ҚАТЪНОМАИ 1540 ШУРОИ АМНИЯТИ СОЗМОНИ МИЛАЛИ МУТТАҲИД

27-уми декабри соли 2023 маросими расмии супоридани автомашинаҳои махсуси тамғаи «Toyota Hilux», ки бо детекторҳои кашфи маводи ядроӣ ва радиоактивӣ муҷаҳҳаз гардида ба Раёсати воҳидҳои таъиноти махсуси Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи татбиқи чорабиниҳои миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба Қатъномаи 1540 Шурои амнияти Созмони Милали Муттаҳид доир гардид.

Директори Агентии амнияти химиявӣ, биологӣ, радиатсионӣ ва ядроии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон - Илҳом Мирсаидзода ҳамчун ҳамоҳангсози миллӣ аз номи донорҳои байналмилалӣ барои истифодаи хизматӣ ба кормандони Раёсати воҳидҳои таъиноти махсуси Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон автомашинаҳои хидматиро туҳфа намуд.

Лозим ба тазаккур аст, ки ин кӯмаки фаннӣ дар чаҳорчӯбаи тарҳи “Амнияти сарҳади сабз” ироа мешавад, ки ҳадафаш таҳкими зерсохтори ниҳодҳои қудратии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марз бо кишвари ҳаммарзи Афғонистон мебошад.

Дар доираи татбиқи ин лоиҳа интиқоли махсус ба нақша гирифта шудааст, ки аз ҷумлаи либос, зиреҳҳои бадан, таҷҳизот барои амалиёт дар минтақаҳои кӯҳӣ, либоси махсуси муҳофизатӣ барои поксозии минаҳо, дастгоҳҳои биниши шабона, дурбинҳо, монокл, радиоприёмникҳо (радиомухобираҳо), мошинҳои махсусгардонидашудаи ҳарбӣ, автомобилҳо, микроавтобусҳое, ки дар онҳо таҷҳизоти ҳассос барои ошкор кардани ҳаракати ғайриқонунӣ, инчунин маводи ядроӣ ва радиоактивӣ ва ҳоказои дигар насб кардашуда, мебошанд.

IV. БАХШИ МИЛЛИИ ХОНУМИ ЯДРОЙ

БАРОМАДИ АЪЗОИ БАХШИ МИЛЛИИ «ХОНУМИ ЯДРОЙ» АЗ ТАРИҚИ РАДИОИ FM «ХОВАР »

13-уми январи соли 2023 дар шаҳри Душанбе, аз тариқи Радиои FM «Ховар» Агентии миллии иттилоотии Тоҷикистон «Ховар» суҳбат бо аъзои Бахши миллии “Хонуми ядроӣ”-и назди Агентии амнияти химиявӣ, биологӣ, радиатсионӣ ва ядроии Академияи миллии илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, аълочии маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дорандаи медали тиллоии Созмони умумиҷаҳонии моликияти зеҳнӣ, номзади илмҳои химия, дотсенти Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ - Ғайбуллоева Зумрат Ҳабибовна дар барномаи “Занва зиндагӣ” дар мавзӯи “Нақши бонувон дар рушди илмҳои дақиқ”, мусоҳибаи радиои гузаронида шуд.

Зимни баргузор суҳбат дар бораи кору фаъолияти Бахши миллии “Хонуми ядроӣ”-и назди “Агентии амнияти химиявӣ, биологӣ, радиатсионӣ ва ядроӣ”, ки дар таърихи 8-уми марти соли 2020 ташкил ёфтааст, суханронӣ намуданд. Хусусан, дар бораи мақсад ва вазифаҳои Бахши миллии “Хонуми ядроӣ”,

дар бораи фаъолиятҳои назарраси аъзоён, ташкил ва гузаронидани чорабиниҳои фарҳангӣ, тарғиби арзишҳои миллии оилавӣ, тарзи ҳаёти солим, тарбияи маънавӣ, ахлоқӣ ва ватандӯстӣ, гузаронидани озмунҳои мухталиф байни ҷавондухтарон ва наврасон, ташкили мизҳои мудаввар ва семинарҳо, конференсияҳои илмӣ-амалии байналмилалӣ, гузаронидани чорабиниҳои хайриявӣ, сухан рафт.

Зимни суҳбат, оид ба кори Конференсияи байналмилалии илмӣ- амалии “Нақши занони-олим дар пешрафти илм, инноватсия ва технология”, ки соли 2022 дар шаҳри Гулистон баргузор гардид, сухан ронданд. Дар кориконференсия олимон - бонувони тоҷик аз соҳаҳои мухталиф иштирок намуданд.Меҳмонон аз кишварҳои Россия, Ӯзбекистон, Қазоқистон, Қирғизистон, Арманистон, Иёлоти Муттаҳидаи Амрико, Покистон ва дигарон бо натиҷаҳои корҳои илмӣ ва амалии худ фаъолона иштирок намуданд. Занон дар ин чорабинӣ бо ҳаёт ва фаъолияти якдигар аз наздик шинос шуда, ҳамзамон нақшаҳои ҳамкориҳои ояндаро дар якҷоягӣ баррасӣ намуданд. Инчунин чорабиниҳо барои пешрафти занон дар ҷомеъа, ҷалб намудан ба корҳои илмиву техникӣ, шиносоӣ бо технологияҳо ва таҷҳизоти муосир, роҳҳои таъсиррасонӣ барои боз ҳам хубу беҳтар гардидани

солимии занон ва ҳамзамон ба мақсади баланд бардоштани шароити зиндагии онҳо таъсири мусбӣ мерасонад, зимни сӯҳбат қайд гардиданд.

Дар рафти баргузории чорабинӣ, дар бораи перомуни амалӣ гардидани Барномаи “Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф барои солҳои 2020-2040” ва саҳми Бахши миллии “Хонуми ядроӣ” қайд намуданд, ки зани тоҷик дар баробари модар, тарбиятгар, кадбону, завҷа будан, имрӯз, омӯзгор, олима, ходими илмӣ, арбоби илму фарҳанг, ходими намоёни давлату ҷамъиятӣ, сиёсатмадор аст.

Яке аз масъалаҳои асосии Бахши миллии “Хонуми ядроӣ” дар ҷодаи илм низ ҷалби ҷавондухтарон ба таҳсил ва зиёд намудани фарогирии онҳо ба илму маърифат мебошад. Ҳамин тариқ, бо ин мақсад, чораҳои назаррас амалӣ шуда истодаанд, ки баҳри манфиати занону духтарони тоҷик дар соҳаи илму маориф имкониятҳои нав ба навро амалӣ хоҳад намуд.

Дар фарҷоми ҷамъомад, Зумрат Ғайбуллоева зимни суҳбат, оид ба корҳои илмии худ ва ихтироотҳо дар самти коркарди маъданҳо бо тарзҳои аз ҷиҳати энергетикӣ каммасраф ва аз нигоҳи экологӣ тоза, иштирок дар намоишгоҳҳоиихтироъкорон дар шаҳри Сеули Корея ва мушараф гардидан бо медали тилло, иштирок дар кори Созмони умуми ҷаҳонии “Илм ва тандурустӣ” дар Ҷумҳурии Ҳиндустон ва мушарраф гардидан ба Ҷоизаи “Олими беҳтарин дар самти химия ва металлургия”, гирифтани медали тилло аз ҷониби Созмони умумиҷаҳониимоликияти зеҳнӣ дар соли 2022 ва ҳамзамон бо муваффақият дифоъ намудани рисолаи доктории худ дар мавзӯи “Асосҳои технологии ҳосил намудани пайвастагиҳои металлҳои электротехникӣ”, суханронӣ намуданд.

ДАРСҲОИ РОҲНАМОИИ КАСБ БАРОИ ТАЛАБАГОНИ МАКТАБҲОИ МИЁНА

Мувофиқи нақшаи кории Бахши миллии “Хонуми ядрой” корҳои ташвиқу тарғиботӣ байни хатмкунандагони мактабҳои миёна ва ҷалби ҷавондухтарон ба омӯхтани касбу ҳунар ва давом додани таҳсил дар мактабҳои олӣ аз 7-уми то 10 феврали соли 2023 гузаронида шуд.

Аъзои бахши миллии “Хонуми ядрой” Ғайбуллоева З.Ҳ. дар мактабҳои миёнаи ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе дар маҳаллаҳои Сомон, Дарёобод, Қаҳрамон, Шайнак, Обчакорон ва Гулбутта бо хатмкунандагон ва алалхусусбо духтарон вохӯрӣ намуда, оид ба ихтисосҳои мактабҳои олӣ, шароити имрӯзаи касбомӯзӣ, барномаҳои нави муосири таҳсил дар мактабҳои олӣ корҳои фаҳмондадиҳӣ гузаронид.

Ҷавондухтарон барои идома бахшидани таҳсил дар мактабҳои олӣ шавқу рағбати зиёд зоҳир намуданд. Дар вохӯрӣ саволҳои зиёд доир ба касбуҳунар ва ихтисосҳои донишгоҳ, шароити таҳсил, давомнокии таҳсил,

муҷаҳҳазгардонии озмоишгоҳҳо бо асбобҳои муосир, ташкили таҷрибаомӯзӣ дар корхонаҳои истеҳсолӣ ва инчунин бо кор таъмин шудан пас аз хатми мактаби олӣ ва ҳамзамон дигар саволҳо дода шуданд.

Дар фарҷом Ғайбуллоева З.Ҳ. ба саволҳои иштирокчиёни чорабинӣ ҷавобҳои мушаххас дода, моҳияти идома додани таҳсил, ҳамзамон аҳаммияти касбият дар ҳаёти занон ва накши онҳо дар ҷомеа, пайдоиши шароити мусоид барои иштирок дар соҳаҳои мухталифи илмва фарҳанг ва инчунин дастгирии ҳамеша Роҳбарияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон корҳои фаҳмондадиҳӣ гузаронид.

РӮЗИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ЗАНОН ВА ДУХТАРОН ДАР ИЛМ

Ҳамасола санаи 11-уми феврал дар саросари ҷаҳон ҳамчун “Рӯзи байналмилалии занон ва духтарон дар илм» таҷлил мегардад, ки аз ҷониби Ассамблеяи Генералии Созмони Милали Маттаҳид бо мақсади таъми-ни дастрасии комил ва баробари иштироки занон ва духтарон дар илм қабул шудааст.

9-уми феврали соли ҷорӣ аз ҷониби ноибони президенти Бахши миллии «Хонуми ядроӣ», - Қаюмова Дилором Абдулҳамидовна (н.и.т.), масъули оммавигардонии илм дар байни ҷавондухтарон ва Шарофова Миҷгона Умедҷоновна (д.и.т.) бахшида ба «Рӯзи байналмилалии занонва духтарон дар илм» мизи мудаввар барпо гардид.

Зеро тавассути табодули таҷриба ва оммавӣ гардонидани илм дар байни занону духтарон яке аз хадафҳои асосии баргузории ин мизи мудаввар мебошад.

Ҷомеаи ҷаҳонӣ низ тайи чанд соли охир барои ташвиқ ва ҷалби занону духтарон ба илм талошҳои зиёд ба харҷ дода истодааст.

Иштироки ҳаматарафа ва баробари занону духтарон дар корҳои илмӣ – таҳқиқотӣ барои таъмини таҳқиқоти соҳаи мухталифи илм, васеъ намудани доираи таҳқиқотчиёни боистеъдод ва ҳамзамон баҳри ба вуҷуд овардани имкониятҳои нав нақши асосиро мебозад.

Дар рафти баргузоримизи мудаввар дар асоси доираи ҳамкориҳо байни Бахши миллии «Хонуми ядроӣ»-и Агентии амниятии ХБРЯ-и АМИТ бо Анҷумани «Занони пиряхшинос»-и назди Муассисаи давлатии илмии «Маркази омӯзиши пиряхҳои АМИТ», намояндаҳои ду ҷониб иштирок намуданд.

Дар раванди баргузори мизи мудаввар маърӯзаҳои илмӣ ва презентатсияҳои олимони соҳаҳои фаъолияташон гуногун шунида ва муҳокима шуданд.

Маълум аст, ки занон дар бисёр соҳаҳои илм нисбатан кам намояндагӣ мекунанд ва соҳаи бехатарии ядроӣ ва радиатсионӣ истисно нест. Ҳамин тавр, мудири сектори назорати шуоъхурии касбии Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ н.и.т. Шосафарова Шоира Гулмаҳмадовна бомаърӯзаи перомуни масъалаи саҳми занон дар таъмини амнияти ядроӣ ва радиатсионӣва оид ба масоили фаъолияти асосии Агентии амниятӣ ХБРЯ-и АМИТ баромад намуд.

Оид ба дастовардҳои асосии соҳаи пиряхшиносӣ намояндагон Анҷумани «Занони пиряхшинос» дар баромадҳои ҷолибу шавқовари худ равшанӣ андохтанд.

Аз таҷриба ва комёбиҳои хеш дар соҳаи илм - Шарофова Мичгона Умедҷоновна низ мухтасар нақл карда, ба ҳамаи ҳозирон дар чунин роҳи душвору пурпечутоби илм комёбиҳои нав ба нав орзу намуданд.

Дар анҷоми чорабини қайд карда шуд, ки занону духтарон ҳамчунон пешсафони таҳқиқоти навоварона ва пешқадам ҳастанд ва ҳамеша ва дар ҳама ҳолат барои наслҳои ояндаи миллат намунаи ибрат мебошанд.

СУХАНРОНИИ НАМОЯНДАИ БАХШИ МИЛЛИИ «ХОНУМИ ЯДРОЙ» АЗ ТАРИҚИ РАДИОИ FM «ХОВАР »

10 –уми феврали соли 2023 дар барномаи «Зан ва зиндагӣ»: Саҳмизанон дар рушди илм бахшида ба “Рӯзи байналмилалии занону духтарон дар илм”, мусоҳибаи хабарнигори радиои Агентии миллии иттилоотии Тоҷикистон «Ховар» – Манижа Баҳромзода бо ноиби президенти Бахши миллии «Хонуми ядрой»-и назди Агентии амнияти химиявӣ, биологӣ, радиатсионӣ ва ядроии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, Аъҳлочии тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон, дорандаимедалвашаҳодатномаибайналмилалии KIPO ва KWIA дар Намоишгоҳи байналмилалии занони ихтироъкор «KIWIE-2021» дар Корея, доктори илмҳои тиб, мудири озмоишгоҳи Маркази таҳқиқоти технологияҳои инноватсионии АМИТ ва ҳамзамон директори Институти тибби Авитсенна ва фармакология – Шарофова Мижгона Умедҷоновна баргузор гардид.

Дар мусоҳиба дар мавриди Паёми навбатии Асосогузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ, ки рӯзи 23 декабри соли 2022 ироа гардид, шарҳу мулоҳизаҳо баён шуданд.

Тайи солҳои истиқлол Ҳукумати мамлакат бо мақсади дастгирии занону бонувон ва инчунин баланд бардоштани мавқеи онҳо дар ҷомеа, тадбирҳои судманд амалӣ намуданд. Айни замон, аз шумори умумии хидматчиёни давлатӣ 25%, аз ҷумла кадрҳои роҳбарикунанда наздик ба 20%, дар соҳаи маориф 73%- ро бонувону занон ташкил медиҳанд.

Воқеан ҳам, имрӯз занону бонувон дар рушди соҳаҳои маориф ва илм, аз он ҷумла, рушди илмҳои дақиқ ва табиатшонисӣ саҳмгузор буда, бо дастовардҳои назарраси худ дар пешрафти ҷомеа нақши муассир мегузоранд ва дар ҳоле, ки аз соли 2016 ҳамасола санаи 11-уми феврал ҳамчун «Рӯзи байналмилалии занону духтарон дар илм» ботантана қайд мегардад, пайваста дар тӯли моҳҳо дар пажӯҳишҳои илмӣ фаъол ҳастанд. Ҳадафи ин рӯзро Маҷмааи умумии СММ дастрасии баробари занону духтарон ба дастовардҳо ва рушди илм, техникава фановарӣ (инноватсия) ҷамчун гарави таъмини баробарии гендерӣ дар соҳаи мазкур ном бурдааст.

Дар рафти баргузории суҳбате, ки дар мавриди саҳми занону духтарон дар рушди илм сурат гирифт, назари хешро изҳор намуд. Ҳамзамон, дар хусуси саҳми Бахши миллии «Хонуми ядрой»-и назди Агентии амнияти химиявӣ, биологӣ, радиатсионӣ ва ядроии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон барои ҷалби ҷавондухтарон ва занони фаъолу қавиирода таъкид намуданд. Зикр карданд, бахши мазкур платформаест, ки нисбатан ҷавон аст ва он дар таърихи 8-уми марти соли 2020 ташкил ёфта, имконоти зиёдеро барои занон ва ҷавондухтарон дар фаъолиятҳои илмӣ - амалӣ, созмонҳои хайрия, барномаҳои фарҳангию ватандӯстӣ, маънавию ахлоқӣ, тарҳибу ташвиқи арзишҳои хонавода ва тарзи ҳаёти солим фароҳам менамояд.

Мижгона Шарофова дар ҷараёни мусоҳибаи радиоии худ иртиботи мустақими фаъолияти хешро бо илми тиб доштан ва ангезаҳои рӯй оварданаш ба ин самтро мухтасар тавзеҳ дода дар ин росто дар соҳаи фармакология машғули таҳқиқу кор буданро, вазъи фитофармакология ё илмӣ омода сохтани доруҳо аз рустаниҳои шифобахши кишвар таъбир намуд.

Дар бораи ҳамаи заҳматҳо, натиҷаҳо, ихтироот ва дастовардҳои, ки дар муддати фаъолияти илмӣ доштааст, чанд иттилоъ дода шуд. Дар баробари ҳамаи ин натиҷаҳои фаъолият ва муҳимтарин дастовардҳо, чанд китоб ва мақола таълиф гардида, патентҳо ва пешниҳодҳои ихтироъкорӣ дарёфт шудааст, дар конфронсҳо ва ҳамоишҳои илмии сатҳи ватанӣ ва хориҷӣ иштирок ва суханрониҳо сурат гирифтааст, ҳамкории фаъол бо ҳамкасбону мутахассисон аз хориҷи дуру наздик низ роҳандозӣ шудааст.

Мижгона Шарофова инчунин дар мавриди муҳаққиқи тавоно будани бонувони тоҷик ва ҳамзамон, ҳифзи ҷойгоҳи вай ба унвони кадбону ва нигаҳбони чароғихонавода мулоҳизаҳои хешро ироа намуд.

Дар фарҷоми барномаи «Зан ва зиндагӣ»-и Радиои «Ховар» ӯ ҳамаи бонувону духтаронро бо «Рӯзи байналмилалии занону духтарон дар илм» табрик гуфта, ба онҳо ва ҳамаи шунавандагон орзуи хушбахтӣ ва хушрӯзиҳои беинтиҳо изҳор намуд.

ВОХӮРӢ БО ИШТИРОКИ НОМЗАДҲО ВА ДОКТОРҲОИ ИЛМИИ БАХШИ МИЛЛИИ “ХОНУМИ ЯДРОӢ”

17 феврали соли 2023 дар толори маҷлисгоҳи Агентии амнияти ХБРЯ – и АМИТ бо иштироки номзадҳо ва докторҳои илм аз бахши миллии «Хонуми ядроӣ» вохӯрӣ баргузор гардид.

Вохӯрии мазкур бахшида ба муҳокимаи мавзӯъҳои мизи мудаввари илмӣ бахшида шуда буд. Қарор қабул карда шуд, ки дар самти бехатарии радиатсионӣ (мониторинги касбии радиатсионӣ, масъалаҳои бемориисаратон,мушкилоти партовҳои радиоактивӣ); проблемаи озуқаворӣ (таъсири иловаҳои мухталиф ба сифати маҳсулоти хӯрокворӣ), ва мушкилиҳои маводшиносии фундаменталии муосир се мизи мудаввари илмӣ гузаронида шавад.

Инчунин аз ҷониби аъзоёни бахши миллии «Хонуми ядроӣ» тасмим гирифта шуд, ки вохӯрии навбатӣ бахшида ба Рӯзи Модар дар мавзуи «Нақши занон дар рушди илми Тоҷикистон» бо иштироки бонувони Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ташкил карда шавад.

КОНФРОНСИ ҶУМҲУРИЯВИИ ИЛМӢ-АМАЛӢ ЗЕРИ УНВОНИ “НАҚШИ ЗАНОНДАР РУШДИ ИЛМҲОИ ДАҚИҚ”

24 –уми феврали соли 2023 дар маҷлисгоҳи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Конфронси ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзӯи “Нақши занон дар рушди илмҳои дақиқ” баргузор гардид.

Конференсияро президенти АМИТ, академик Фарҳод Раҳимӣ ифтитоҳ намуда, қайд кард, ки дар рушди илмҳои дақиқ нақши занону бонувон қобили қабул мебошад ва мо ифтихор дорем, ки занони олима дар баробари мардон фаъолияти илмии густурдаро анҷом медиҳанд.

Сипас, раиси Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон - Ҳилолбӣ Қурбонзода зимни баёни андеша таъкид кард, ки зиёд шудани сафи олимаҳо дар миёни занону бонувони кишвар на фақат рушди илм, балки боз ҳам густариш ёфтани низоми хонаводагӣ дар ҷумҳурӣ мебошад.

Дар конфронс ҳамчунин ноиби президенти АМИТ, доктори илмҳои астрофизика, профессор, узви вобастаи АМИТ Гулчеҳра Қоҳирова суханронӣ намуда, иброз дошт, ки нақши зан дар рушди илмҳои дақиқва табиатшиносӣ муҳим мебошад, чунки дар баробари ташвишҳои рӯзгор ҳамзамон машғул шудан ба илм, ки малакаю фаҳмиши болоро талаб менамояд, ниҳоят мушкил аст ва албатта, қайд кардан зарур аст, ки занони олима боис пешравии ҷомеа, насли босавод ва рушди илм дар Тоҷикистон мегарданд.

Дар раванди кори конфронс намояндагон аз Донишгоҳи миллӣ, Донишгоҳи технологӣ, Раёсати АМИТ, Донишгоҳи тиббӣ, Институти геология, сохтмони ба заминҷунбии табовар ва сейсмологияи АМИТ, инчунин намояндагони Бахши миллии “Хонуми ядроӣ” - Ҳакимова Нодира номзади илмҳои химия ва Мамадюсупова Мену номзади илмҳои биология бо маърӯзаҳо баромад намуданд.

БАРГУЗОРИИ ОЗМУНИ «ДАСТУРХОНИ ТАОМҲОИ МИЛЛӢ»

6 марти соли 2023 дар Маркази таълимии минтақавии Агентии амнияти химиявӣ, биологӣ, радиатсионӣ, ва ядроии Академияи миллии илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи чорабиниҳои Бахши миллии WiN Global «Хонуми ядроӣ» (WiN Tajikistan) ҷиҳати таҳкими ҳувияти миллӣ ва фароҳам овардани шароити мусоид барои иштироки фаъолонаи занону ҷавондухтарон дар ҳаёти фарҳангию ҷамъиятӣ озмуни «Дастурхони таомҳои миллӣ», бахшида ба ҷашни давтии Рӯзи Модарон баргузор гардид.

Озмун байни магистрантҳои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон таҳти роҳбарии номзади илмҳои биология, мудири шуъбаи магистратура, аспирантура ва докторантураи PhD-и АМИТ, ва раиси Шӯрои олимони ҷавони Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон - Мамадюсуфова Мену Ғуломҳайдаровна доир гардид. Шартҳои асосии озмун аз тарзи омодасозии таоми миллӣ ва муаррифии он иборат буд.

Мусобиқа дар фазои гарму самимии дӯстона сурат гирифт. Иштирокчиёни озмун таомҳои гуногуни миллӣ омода намуда, аз раванди таомпазӣ, ки дар озмун пешниҳод гардида шуд, наворҳои ҷолиб гирифтанд ва яке аз дастаҳо бо рақсҳои миллӣ, ки инъикосгари манотиқҳои мухталифи ҷумҳуриро муарифӣ мекард, хотири меҳмонон ва ҳозиринро шод намуданд.

Инчунин дар озмун аъзои Бахши миллии WiN Global «Хонуми ядроӣ» (WiN Tajikistan) Меҳрангез Муминова ва Шоира Боқиева, оид ба пухтани таоми миллии оши-бурида дарси маҳорат гузаронидaнд.

Бояд қайд кард, ки баргузории чунин озмунҳои муфид аз ҷониби Бахши миллии “Хонуми ядроӣ” барои тарбия намудани ҷавондухтарони нав ба ҳаёти мустақилона қадам мегузошта хело муфид хоҳад буд.

НАВГОНИҲО

АГЕНТИИ АМНИЯТИ
ХБРЯ

СЕМИНАР ДАР МАВЗУИ: «МУШКИЛОТИ ЭКОЛОГИИ ПАРТОВГОҲҲОИ УРАН ДАР ШАҲРИ ИСТИҚЛОЛ» БАРОИ ХОНАНДАГОНИ ЛИТСЕЙИ ТЕХНИКИИ БАНОМИ АКАДЕМИК МУҲАММАД ОСИМӢ

10-умимарти соли 2023 аъзои Бахшимиллии “Хонуми ядрой” номзади илмҳои химия, ходими калони илмии Агентии амнияти химиявӣ, биологӣ, радиатсионӣ ва ядроии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Ҳакимова Нодира Умаровна, лаборантикалони Агентии мазкур Сабрина ТағоеваваомӯзгорифаннибиологияиЛитсейитехникиибаномиакадемик Муҳаммад Осимӣ- Дон Екатерина Геннадевна дармавзуи«Мушкилотиэкологиипартовгоҳҳоиурандаршаҳри Истиқлол» бароихонандагонисинфи 11-и Литсейитехникии ба номи академик Муҳаммад Осимӣ семинар доирнамуданд.

Хадаф аз баргузории семинари мазкур на танҳо шиносонидани донишҷӯйён бо мушкилоти экологии марбут ба партовгоҳҳои урани шаҳри Истиқлол, балки омузонидани роҳҳои имконпазири олудашавӣ бо радионуклидҳо ва тадбирҳои андешидашуда ҷиҳати кам кардани ин мушкилот, балки кӯмак расонидан ба толибилмон дар интихоби касби оянда, ҳамзамон баин васила бедор намудани шавқу завқи онҳо ба омӯзиши фанҳои дақиқ бахшида ба амалисозии “Барномаи давлатии маҷмуии рушди тарбия ва маърифати экологии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021– 2025” ва инчунин эълон гардидани солҳои 2020 – 2040 “Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф” миёни мактаббачагон ва махсусан духтарон мебошад.

Лозим ба тазаккур аст, ки зимни баромади худ Нодира Ҳакимова ба хонандагон дар бораи самтҳои асосии фаъолияти Агентии амнияти химиявӣ, биологӣ, радиатсионӣ ва ядроии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ва ҳамзамон перомуни корҳои илмӣ - таҳқиқоти гузаронида шуда нақл кард.

Дар раванди баргузории семинар мактаббачагон дар бораи таърихи пайдоиши партовгоҳҳо ва инчунин корҳои барқарорсозии онҳо муфассал маълумот гирифтанд. Ташкил ва баргузории чунин семинари муфид аз ҷониби аъзоёни Бахши миллии “Хонуми ядроӣ” барои муҳаққиқони ҷавону мактаббачагон хело ҳам пурмазмун ва ҷолиби таваҷҷуҳ маҳсуб ёфт.

МИЗИ МУДАВВАР ДАР МАВЗӮИ «БЕХАТАРИИ РАДИАТСИОНӢ ДАР ТИБ ВА ТАБОБАТИ НУРӢ ДАР ЁРИИ ПАЛЛИАТИВӢ»

10-уми марти соли 2023 дар толори маҷлисгоҳи Агентии амнияти химиявӣ, биологӣ, радиатсионӣ ва ядроии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон таҳти роҳбарии муовини президенти Бахши миллии «Хонуми ядроӣ», доктори илмҳои тиб Шарофова Мижгона Умедҷоновна мизи мудаввар дар мавзуи: «Бехатарии радиатсионӣ дар тиб ва табобати нурӣ дар ёрии паллиативӣ» баргузор гардид.

Дар рафти баргузории мизи мудаввар ҳамзамон ба таваҷҷуҳи иштирокчиёни мизи мудаввар, ки ҳамагон аъзои «Хонуми ядроӣ» буданд, ду маърӯза пешниҳод карда шуд.

Дар оғози ҷамъомад Ҳакимова Нодира Умаровна - номзади илмҳои химия, ходими калони илмии Агентии амниятихимиявӣ, биологӣ, радиатсионӣва ядроии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон дар мавзуи «Бехатарии радиатсионӣ дар тиб» ва асосҳои бехатарии радиатсионӣ, вояи солонаи кормандони соҳаи тиб ва инчунин дар бораи ҳолатҳои ҷолиби таваҷҷуҳ аз таҷрибаи касбии худ назди ҳозирин маърӯзаҳо намуд.

Сипас, номбурда инчунин қайд кард, ки бинобар хатарҳои мавҷудава сол аз сол васеъ шудани истифодаи он ба соҳаи татбиқи радиатсияи иондоркунанда дар тиб назорати махсус ҷорӣ гардида, бар замми он таваҷҷуҳи бештарро барои ҳифзи ҳам беморон ва ҳам кормандон тақозо менамояд. Тавоноии истифодаи технологияҳои радиатсионӣ дар ташхис ва табобат тадричан имкониятҳои ҷариб номаҳдуди тиббиро мекушояд. Ҳар қадар тавоноӣ зиёд бошад, масъулият низ ҳамон қадар зиёд мегардад, ки қонуну қоидаҳои дар истифодабарии шуоъҳои иондоркунанда риоя карда шавад. Барои гирифтани иҷозат ҷиҳати анҷом додани ҳама гуна фаъолият

бо истифода аз манбаъҳои афканишотӣ ионизатсиякунанда (МАИ) дар тиб риояи меъёрҳои қонунгузорӣ басо ҳам зарур аст.

Аз ин лиҳоз, азбаски тахассуси кормандони тиббӣ ва техникӣ, ки расмиёти ташхисӣ ё муолиҷавии тиббиро бо нурҳои табобатӣ иҷро мекунанд, бояд ба таври кофӣ баланд бошад.Санҷиши ҳарсолаи таҷҳизот, мавҷудияти системаи назоратии сифат барои усулҳои радиатсионии ташхис ё табобат, сертификатсияи таҷҳизоти ташхиси рентгенӣ ва радионуклидӣ, инчунин усулҳои ташхис ва табобати радиатсионӣ ба рӯйхати ҳуҷҷатҳои зарурӣ барои гирифтани иҷозати кор бо манбаъҳои радиатсионӣ дохил карда мешаванд.

Маърӯзаи дуюм аз ҷониби номзади илмҳои тиб, мушовир-мутахассиси Ассотсиатсияи миллии ёрии паллиативӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ассистенти кафедраи онкология ва табобати нурии Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино, хонум Нигора Нафизовна Абидҷонова оид ба асосҳои кӯмаки паллиативӣ, нақши терапияи радиатсионӣ дар самти паст кардани синдроми дарди беморони саратон ва бо мушкилоти бемороне, ки ба ёрии паллиативӣ ниёз доранд, бахшида шуда буд, назди ҳозирин муаррифӣ гардид.

Бар замми ин қайд карда шуд, ки ёрии паллиативии баландсифат ҷузъи ҷудонашавандаи чаҳорчӯбаи Созмони Умумиҷаҳонии Тандурустӣ оид таҳияимеханизми ҳамгирои хизматрасонии тандурустӣ ба одамон нигаронидашуда мебошад, ки аз ҷониби 69-умин Ассамблеяи Умумиҷаҳонии Тандурустӣ дар соли 2016 тасдиқ шудааст.

Аҳаммияти масъалаҳои кӯмаки паллиативӣ дар ҷаҳони муосирсол то солмеафзояд. Доруҳои табобатии беморихои паллиативӣ, аз ҷумла, доруҳои таскинкунандаи дард дар рӯйхати доруҳои зарурии Созмони Умумиҷаҳонии Тандурустӣ барои калонсолон ва кӯдакон қарор доранд ва онҳо бояд барои ҳама табақаи ниёзмандон дастрас бошанд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ёрии паллиативӣ ба Кодекси тандурустӣ дохил карда шуда, дар ҳамаи сатҳи таҳсилоти тиббӣ низ омӯхта мешавад. Суханронии пурмуҳтавои номзади илмҳои тиб - Абидҷонова Нигора Нафизовна дар байни иштирокчиёни мизи мудаввар таваҷҷуҳи зиёде пайдо кард. Дар ҷараёни баргузории мизи мудаввар аз ҷониби иштирокчиён ба номбурда саволҳои зиёд дода шуданд.

Сипас, дар интиҳои баромади худ номбурда инчунин наворҳои ҷолибу пурмазмун «Дар бораи табобати нурӣ дар 60 сония» ва «Лексияи охирин»-ро назди аҳли ҳузор ба намоиш гузошт.

Мавсуф дар баробари маълумоти хеле ҷолибу зарурӣ додан, инчунин ба ҳар як иштирокчии чорабинии мазкур туҳфаҳои хотиравӣ бо нишон ва навиштаҷоти «Ассотсиатсияи миллии ёрии паллиативии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (васоити электронӣ бо маълумот дар бораи фаъолияти онҳо, дафтарчаҳо ва худкорҳо) ва мачаллаи «Мероси ниёгон»-ротақдим намуд.

ЭКСКУРСИЯ БАРОИ ХОНАНДАГОНИ ЛИТСЕЙ-ИНТЕРНАТИИ «ҲОТАМ ВА ПВ» БАМАРКАЗИ ТАЪЛИМИИ МИНТАҚАВӢ ОИД БА ПАҲН НАКАРДАНИ СИЛОҲИ ҚАТЛИ ОМВА НАЗОРАТИ СОДИРОТ ВА ОЗМОИШГОҲИАГЕНТИИ АМНИЯТИ ХБРЯ-И АМИТ

15 - уми марти соли 2023 дар доираи фаъолияти Бахши миллии WiN Global «Хонуми ядроӣ» (WiN Tajikistan) бо мақсади бедор намудани завқу рағбатинаврасону ҷавонон ба илм бо ибтикори Зарина Шоймардонова- ходими калони илмии Агентии амнияти химиявӣ, биологӣ, радиатсионӣ ва ядроии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон барои хонандагони синфҳои 10-11-и ТРЛИ «Ҳотам ва ПВ» (филиал дар шаҳри Ҳисор) экскурсия ташкил намуд. Толибилмони даъватшуда иштирокчиёни олимпиадаҳои гуногуни байналмилалӣ ва минтақавӣ аз фанҳои физика, химия ва математикамебошанд.

Дар оғози ҷамъомад Зарина Сайфиева - директори Маркази таълимии минтақавӣ оид ба паҳн накардани силоҳи қатли ом ва назорати содиротӣ, президенти Бахши миллии WiN Global «Хонуми ядроӣ» (WiN Tajikistan) оид ба фаъолияти Маркази таълимӣ, аз ҷумла, перомуни доираи васеифаъолияти Маркази минтақавӣ, инчунин дар масъалаи омода намудани кадрҳо ба ҳозирин ва иштирокчиёни ҷамъомад муфассал маълумот дод.

Бояд қайд кард, ки семинар ва курсҳои омӯзишие, ки дар маркази мазкур мегузаранд, оид ба паҳн накардани силоҳи қатли ом ва назорати содироти он, амнияти кимиявӣ, биологӣ, ядроӣ ва радиатсионӣ ва инчунин пешгирии терроризм бо истифодаи СҚО-ро дар бар мегирад.

Маркази таълимии минтақавӣ ҳар сол зиёда аз 500 нафар мутахассисонро аз ҳисоби кормандони вазорату идораҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва инчунин ҳамкасбони худ аз минтақаи Осиёи Марказӣ низ омода менамояд.

Бар замми ин маркази мутазаккир барои кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ оид ба пешгирии терроризм бо истифода аз СҚО ҳам дар Маркази таълимӣ ва ҳам дар нуқтаҳои гузаргоҳҳои мухталифи сарҳадӣ ба таври мунтазам курсҳои омӯзишӣ мегузаронад.

Баъд аз боздиди Маркази таълимӣ ходими пешбари илмии Институти иқтисод ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон,номзади илмҳои иқтисодӣ Довгялло Яна Павловна дар мавзуи «Замин- хонаи умумии мо» дарси кушод гузаронид, ки дар хусуси мушкилоти асосииэкологиява инчунин аҳаммияти муҳофизати табиат барои наслҳои оянда сухан ронда, аз он ҷумла афзуд, ки: “Имрузҳо натиҷаи рушди илму техника инсондар фаъолияти ҳамарӯзаи худ ба муҳити зист бештар таъсир расонидаистодааст.

Аз ин лиҳоз, инсони муосирро зарур аст, ки нисбат ба табиати атроф ҳамеша муносибати хуб дошта, аз ҳар гуна рафторҳои ношоям худдорӣ намояд, табиат ва сарватҳои табииро оқилона ва сарфакорона истифода барад. Табиатро ба наслҳои оянда тавре боқӣ гузорад, ки ҳамон тавр пайдо шуда буд. Зеро нақши экология дар тарбияи иқтисодӣ, эстетикӣ, ҷуғрофӣ, инсонпарварӣ, меҳнатдӯстӣ ва дар маҷмуъ ватандӯстӣ хеле калон аст”.

Инчунин Довгялло Яна Павловна ҳамзамон қайд кард, ки: “Ифлосшавии

атмосфера, вайроншавии қабати озон, биёбоншавии Замин, ғарқшавии пластикӣ дар уқёнусҳо танҳо як қисми хурди мушкилоти экологӣ мебошанд, ки дахолати фавриро талаб мекунанд.

Ҳаллу фасли онҳо вазифаи ҳамаи мамлакатҳои ҷаҳон аст, ки аз фалокати глобалии ҷаҳонӣ пешгирӣ шавад. Дар атрофи корхонаҳо ва қад-қади роҳҳо дарахт шинондан, яъне умуман кабудизор кардан зарур аст, ки ин паҳншавии моддаҳои зарарнокро нисбатан кам мекунад.

Яъне дӯст доштани муҳити зист ва тозаву мубарро нигоҳ доштани табиатро аз даврони наврасӣ бояд омӯхт в-он гоҳ дер мешавад”.

Дарс дар шакли интерактивӣ низ баргузоргардид, ки иштирокчиён сатҳи баланди огоҳии худро нишондода, дар рафти муҳокима ба саволҳои хеш ҷавобҳои мушаххас ва қаноатбахш гирифтанд.

Сипас,экскурсия дар озмоишгоҳиАгентии амнияти ХБРЯ АМИТ идома ёфт. Кормандони озмоишгоҳ – номзади илмҳои техникӣ, мудири шуъбаи илмӣ – тадқиқотӣ Бахтиёр Баротов ва ходими калони илмии озмоишгоҳ Меҳровар Бобоёровоид ба фаъолияти озмоишгоҳ мухтасар суханронӣ намуда, доир ба таҳлилҳои дар озмоишгоҳ гузаронидашуда ва инчунин рафти корҳои илмӣ- таҳқиқотӣ, инчунин таҷҳизоти муосиреро, ки дар озмоишгоҳ мавҷуданд, ба маърази намоиши толибилмон гузоштанд.

Пас аз анҷоми экскурсия ба мактаббачагон китоби дарсии «Қонуни экологияи Тоҷикистон» ва инчунин туҳфаҳои хотиравӣ тақдим карда шуд.

ЧОРАБИНИИ ХАЙРИЯВӢ БАХШИДА БА ҶАШНИ НАВРӮЗИ ОЛАМАФРӮЗ

18-уми марти соли 2023Анҷумани «Занони пиряхшинос»-и назди Маркази омӯзиши пиряхҳои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон дар якҷоягӣ бо Бахши миллии «Хонуми ядрой» бахшида ба муносибати ҷашни Наврӯз барои кӯдаконИМаркази дастгирии оила ва кӯдаки рақами 2-и

Бояд қайд кард, ки аз ҷониби иштирокчиёни чорабинӣ халтаҳои батаври дастӣ дӯхташуда ва тухмҳои рангкардашуда ҳамчун рамзи эҳё, ҳаёти хушу хуррам дар рӯйи олам ба кӯдакони ин даргоҳ тақдим гардид, ки дар дохилаш аз номи кулли иштирокчиёни чорабинӣ қандалотҳо бо навиштаҷоти саршори орзуҳои самимӣ ба бачаҳо супорида шуданд.

Вижагии ин чорабинӣ иштироки кӯдаконе буд, ки худашон барои хушнудии кӯдакони дигар кӯмаки худро бевосита пешниҳод мекарданд. Бачаҳо ҳамчун нишони миннатдорӣ ва арзи сипос ба меҳмонӣ ташриф оварда шеъру сурудҳои дилнишинро дар васфи Тоҷикистон, шаҳриДушанбе ва баҳору Наврӯзи оламафрӯз самимона қироат намуданд.

НАМОИШГОҲИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ ИННОВАТСИОНИИ МАСКАВ «АРХИМЕД»

Аз 28 то 30 март 26-умин Намоишгоҳи байналмилалии технологияҳои инноватсионии Маскав «Архимед» баргузор гардид, ки дар он олимони тоҷик ширкат варзиданд.

Иштироккунандагони Намоишгоҳ намояндагони 221 ташкилот аз 27 давлат ва 35 минтақаҳои Федератсияи Россия буданд, ки ба намояндагони васеи илмӣ-техникӣ қариб 600 лоиҳа ва ихтирооти навоваронаро намоиш доданд, ки 198 адади онҳо аз тарафи муаллифон пешниҳод карда шудаанд. Комиссияи тахассусии коршиносон ва ҳакамони байналмилалӣ озмунҳо- ро ҷамъбаст намуданд, ки дар натиҷаи он иштирокчиёни Намоишгоҳ бо медалҳои тилло, нуқра ва биринҷии Намоишгоҳ ва инчунин мукофотои махсус сарфароз гардонида шуданд.

Бо қарори ҳакамони байналмиллалӣ аз Ҷумҳурии Тоҷикистон – Ғайбуллаева Зумрат Ҳабибовна барои ихтироъ – «Технологияи ҳосилкунии моддаҳои барқароркунанда ҳангоми коркарди ангишт» бо медали нуқра мукофотонида шуд.

ҶАЛАСАИ НАВБАТИИ СЕМОҲАИ БАХШИ МИЛЛИИ WIN GLOBAL «ХОНУМИ ЯДРОЙ» (WIN TAJIKISTAN)

Рӯзи 7 – уми апрели соли 2023 дар толори маҷлисгоҳи Агентии амнияти химиявӣ, биологӣ, радиатсионӣ ва ядроии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон бо иштироки аъзои он, аз он ҷумла бонувони фаъол, ҷаласаи навбатии семоҳаи Бахши миллии WiN Global «Хонуми ядрой» (WiN Тоҷикистон) баргузор гардид.

Дар оғози ҷамъомад Зарина Сайфиева - президенти Бахши «Хонуми ядрой» назди ҳозирин дар хусуси корҳои ба анҷом расидаи бахш дар давраи семоҳаи аввали соли 2023 мухтасар ҳисобот дода, ҳамзамон қайд кард, ки тамоми чорабиниҳои пешбинишудаи бахши мазкур мутобиқи ҷадвали муқаррар гардида ва инчунин саривақт ба иҷро мерасанд.

Мавсуф ҳамзамон қайд кард, ки барои мисол дар давраи ҳисоботӣ ҷамъ 12 номгӯй чорабиниҳои муфид баргузор гардиданд, ки аз он ҷумла баромадҳо тавассути васоити ахбори омма, дарсҳои роҳнамоии касбӣ барои мактаббачагон, ду мизи мудаввар, инчунин иштирок ва баромадҳо дар конференсияҳои сатҳи баланд, Озмуни «Дастархони таомҳои миллӣ», экскурсия ба Маркази таълимии Агентӣ дар вилояти Суғд омода ва гузаронида шуданд. Бар замми ин аз ҷониби Озмоишгоҳи (лабораторияи) Агентии амнияти химиявӣ, биологӣ, радиатсионӣ ва ядроии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон низ як чорабинии хайриявӣ барои атфоли Маркази дастгирии оила ва кӯдакон баргузор карда шуд.

Дар интиҳои ҷамъомад Зарина Сайфиева зикр кард, ки ҳар семоҳа масъалаҳои ташкилии чорабиниҳои минбаъда, аз он ҷумла, Озмуни иншо дар мавзуи «Ҷалби бонувони фаъол дар соҳаҳои илмию техникӣ», сафари фарҳангӣ, чорабинии хайриявӣ дар Хонаи кӯдакон бахшида ба Рӯзи байналмилалии ҳифзи кӯдакон, ташкили семинар оид ба амниятиозуқаворӣ, гузаронидани семинар роҷеъ ба масъалаҳои мубрами бемории саратони пӯст, ташкили озмунҳои “Мусаввараҳои бачагона” ва “Рассоми беҳтарин” низ доир гардиданд.

МАШВАРАТИ МУФИД ДАР МАВЗӮИ «ТАЪСИРИ НУРҲОИ ОФТОБӢ ВА МАСЪАЛАҲОИ МУБРАМИ ПЕШГИРИИ БЕМОРИИ САРАТОНИ ПӮСТ ДАР ҶУМҲУРӢ»

Рӯзи 14 – уми апрели соли 2023 дар доираи фаъолияти Бахши миллии «Хонуми ядроӣ» (WiN Tajikistan) духтури шинохта, номзади илмҳои тиб Абиджанова Нигора Нафизовна дар мавзуи «Таъсири нурҳои офтобӣ ва масъалаҳои мубрами саратони пӯст дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо гурӯҳи бонувони фаъоли Бахши миллии «Хонуми ядроӣ» машварати кушод баргузор намуд, ки он басо ҳам муфид буд.

Номбурда бо забони дастрас дар бораи манфиат ва инчунин зарари шуоъҳои офтоб ба пӯсти инсон, инчунин таъсири радиатсияи ултрабунафш (УВ) аз офтоб ё манбаъҳои сунъӣ, аз қабили таҷҳизоти сунъӣ (солярий), истифодаи мунтазаме, ки тибқи иттилооти Созмони Умумиҷаҳонии Тандурустӣ боиси гирифтор гардидан ба бемории саратони пӯст мегардад, муфассал назди аҳли ҳузор сухан ронда, зикр намуд, ки ин гуна омил махсусан аз он сабаб аст, ки дар катҳои даббоғӣ назар ба нурҳои офтоб 10

маротиба зиёдтар нурҳои ултрабунафш - А бештар вуҷуд доранд.

Таъсири аз ҳад зиёди нурҳои офтоб бо шохиси баланди ултрабунафш ва сӯхтагии ба он алоқаманд дар овони кӯдакӣ ва наврасӣ яке аз омилҳои хатарнокест, ки боиси рушди саратони пӯст дар оянда мегардад. Миқдори муайяни нурҳои ултрабунафш барои саломатӣ, бахусус тавассути истеҳсоли витамини D, истеҳсоли серотонин ва беҳтар шудани рӯҳия, инчунин мустаҳкам кардани системаи масуният хело ҳам муфид аст.

Таъсири манфии шуоъҳои ултрабунафшро бо тадбирҳои мухталифи одӣ ва муассир пешгирӣ кардан мумкин аст. Бо индекси ултрабунафш аз3 ё аз он ҳам баландтар, якчанд роҳҳои муҳофизати мураккаб аз таъсири нурҳои офтоб ба ҷисми инсон тавсия дода мешавад.

Ҳамин тавр, доктор Нигора Нафизовна Абиджанова инчунин перомуни мушкилоти рӯзмарраи бемории саратони пӯст дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз рӯйи паҳншавии саратони ашаддӣ дар ҷойи сеюм қарор дорад, назди ҳозирин муфассал сухан ронда, ҳамзамон дар хусуси хатарҳои марбут ба ин намуди беморӣ ва омилҳои пешгирикунанда, аз он ҷумла роҳҳои истифодаи дурусту оқилонаи муҳофизати худ ва дигаронро аз таъсири нурҳои офтобӣ тавассути истифода аз сарпӯшҳои офтобии рангаш сафед, айнаки муҳофизатӣ ва чатр, ки ба кам кардани хатари саратони пӯст мусоидат мекунанд, тавсияҳои муфид пешниҳод намуд.

ОЗМУНИ ИНШО БАЙНИ ДОНИШҶӮЙЁНИ КУРСҲОИ 1 ВА 2-ЮМИ МАКТАБҲОИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР МАВЗӮИ «РОҲБАРИИ ЗАНОНИ ТОҶИКИСТОН ДАР СОҲАҲОИ ИЛМИЮ ТЕХНИКӢ»

18 - уми апрели соли 2023 дар доираи фаъолияти Бахши миллии “Хонуми ядрой” ва ҳамзамон бо мақсади ҳавасмандгардонии бонувон ба илм дар байни ҷавондухтарон марҳалаи дуюми озмуни иншо дар мавзуи “Роҳбарии занони Тоҷикистон дар касбҳои илмию техникӣ” миёни донишҷӯйёни курсҳои 1-ум ва 2-юми мактабҳои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид.

Чорабинии мазкурро бо сухани ифтитоҳӣ доктори илмҳои химия, профессор, академики Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Мирсаидов Улмас Мирсаидович оғоз намуда, саҳми арзандаи бонувони олимаи Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар рушду нумӯи илми ватанӣ махсус қайд намуданд.

Академик Улмас Мирсаидов аз таҷрибаи пурғановати илмӣ - амалии худ дар соҳаи илм ва инчунин аз нақши боризи бонувони олим, ки бо онҳо солҳои зиёд ҳамкорӣ кардаанд ва бонувони фаъол метавонанд, ки ҳамеша барои тарбияинасли олимони оянда намунаи ибрат бошанд, муфассал нақл намуданд. Мавсуф баргузории чунин чорабиниҳои муфиду судбахшро барои ҷавонон зимнан муҳим арзёбӣ намуда, ҳамзамон иброз доштанд, ки агар имкон бошад баргузории чунин чорабиниҳои мақсаднок боз ҳам бештар карда шавад. Зеро, саҳми занон дар рушди илми ватанӣ бояд ҳамеша назаррас бошад.

Сипас, Зарина Сайфиева - президенти Бахши миллии “Хонуми ядрой” назди аҳли ҳузор доир ба фаъолият, ҳадаф ва ҳамзамон вазифаҳои навбатии Бахши миллии «Хонуми ядрой» ва инчунин дурнамои идомаи фаъолияти

илмӣ пас аз хатми муассисаи таҳсилоти олии касбӣ мухтасар суханронӣ намуд.

Лозим ба тазаккур аст, ки дар марҳалаи аввали баргузории озмун аз навиштани иншо дар мавзуи «Роҳбарии занони Тоҷикистон дар соҳаҳои илмию техникӣ» 20 нафар донишҷӯёни фаъоли курсҳои 1 ва 2 аз Донишгоҳи славянии Русияву Тоҷикистон, Донишгоҳи техникии Тоҷикистон баноми академик Муҳаммад Осимӣ, филиали Донишгоҳи давлатии Москва дар шаҳри Душанбе, Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино ва Донишгоҳи миллии Тоҷикистон фаъолона ширкат варзиданд. Ҳайати ҳакамони масъулиятшинос мутобиқи талаботи меъёрҳои баҳогузории корҳое, ки барои гузаштан ба марҳалаи дуюм холҳои кофӣ гирифтаанд, 10 асарро интихоб карданд.

Марҳалаи дуюми озмун аз пешниҳоди иншо ва муҳокимаи муфассали мавзуъ иборат буд. Раиси ҳакамони озмун - Абдуллоева Саодат Ҳакимовна- котиби илмии Комиссияи аттестатсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон, котиби масъули маҷаллаи «Ахбори АМИТ» Шуъбаи илмҳои дақиқ бо меъёрҳои арзёбии баромадҳо аз наздик шинос шуда, ҳамзамон фикру мулоҳизаҳояшро назди ҳозирин баён намуд.

Иштирокчиёни озмун дар бораи бонувони олимаи маъруфи кишвар, аз қабили Қоҳирова Гулчеҳра Исроиловна, Високовская Галина Сергеевна, Абдусаломова Мақсуда Неъматуллоевна, Мироқилова Муаззама, Райкова Илария Алексеевна ва дигарон баромадҳои ҷолиб омода карданд.

Бархе аз довталабон ҳангоми шиносоӣ мутобиқи иншоҳояшон аз кору рӯзгор ва фаъолияти илмии занони олим ба вақд омада, тасмим гирифтанд, ки дар оянда бо онҳо аз наздик вохӯрда, шахсан мусоҳиба барпо кунанд ва бо баъзе далелҳои зиндагиномаи ин гуна шахсиятҳои шинохтае, ки ба омма алъон он қадар маълум нест, ошно шаванд.

Тибқи ҷамъбасти марҳалаи дуюми озмун чаҳор нафар иштирокчӣ ҷоиза гирифтанд: Елизавета Сирошенко - ҷойи якум; Анисаи Муҳаммадкарим - ҷойи дуюм; Аниса Муъминова ва Нозия Алинбекзода – ҷойи сеюм.

Бо маърӯзаи ғайриозмунӣ хонандаи синфи 9-уми Литсейи филиали Донишгоҳи давлатии Маскав ба номи М.В. Ломоносов дар шаҳри Душанбе Нилуфар Азизова дар мавзуи «Буллинг ҳамчун мушкилоти иҷтимоӣ» баромад намуд.

Дар фарҷоми чорабинӣ ба ғолибон ва иштирокчиёни озмун диплом, шаҳодатнома ва туҳфаҳои хотиравӣ тақдим карда шуд.

Сипас, Умарова Татяна Муксимовнаба маъмурияти Агентии амнияти химиявӣ, биологӣ, радиатсионӣ ва ядроии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ва инчунин ба президенти Бахши миллии “Хонуми ядроӣ” барои ташкил ва баргузории чунин як озмуни муфид изҳори сипос намуда, ҳамзамон хотиррасон кард, ки барои насли наврас ёдоварӣ аз устодон ва донистани ҳаёту фаъолияти олимоне, ки зиндагии хешро ба рушду нумӯи илми тоҷик бахшидаанд, то чӣ андоза муҳим ва ибратбахш мебошад.

ИШТИРОКИ НАМОЯНДАГОНИ БАХШИ МИЛЛИИ WIN GLOBAL «ХОНУМИ ЯДРОЙ» (WIN TAJIKISTAN) ДАР ФОРУМ ВАҶОИЗАИ «КОЛБА»

21 - уми апрели соли 2023 Форум ва Ҷоизаи KOLBA барои занони олим ва мутахассисони соҳаҳои мухталифи касбӣ бори дуюм бо дастгирии Бунёди ташаббусҳои касбии занони саноати ҳастаӣ баргузор гардид. Дар рафти баргузории Форуми байналмилалӣ ва маросими ҷоизасупорӣ 340 нафар иштироки фаъолона доштанд.

Ҷамъомад ба ин муносибат бо суханони табрикотии роботи зеҳнии сунъии «Маша» ва инчунин бунёдгузори портали илмии «Атом энергияи 2.0» Алена Яковлева оғоз гардид.

Сипас, ташаббусро Евгения Еншина - роҳбари Бахши миллии WiN Russia Ҷунбиши байналмилалии WiN Global, асосгузори форум ва Ҷоизаи KOLBA дастгирӣ карда, аз ҷумла чунин иброз дошт: ҳадафи асосии лоиҳаи «Колба» ин маъруфияти илм дар Русия, ҳамзамон ташаккули намунаи ибрат барои занони олими оянда, эҷоди сармояи инсонӣ ва зеҳнӣ дар кишвар, инъикоси дастовардҳо ва коркардҳои илмӣ, табодули таҷриба ва дониш, инчунин таҳкими имкониятҳои касбии занони олим маҳсуб меёбад.

Барномаи тиҷоратии ҳамоиш бо суханронии Оксана Волошина - Евгения Еншина ва президенти Бахши миллии WiN Global “Хонуми ядрои” (WiN Tajikistan) Зарина Сайфиева оғоз шуд. Ҳар кадом аз нотиқон аҳаммияти муҳимми ин мукофотро барои занони олимаи рус хуб арзёбӣ намуданд. Дар рафти баргузории чорабинӣ роҳбари Бахши миллии Win Global «Хонуми ядрой» (Win Tajikistan) Зарина Сайфиева зимни суханронии худ аз он ҷумла, чунин қайд кард:

“Имрӯз, ба шарофати соҳибистиқлолӣ ташкил ва гузаронидани ин гуна чорабиниҳои муфид, аз қабили Форуми «Занон дар илм ва технология» ва Ҷоизаи Колба, бо мақсади дастгирии бевоситаи занҳои олима назар ба

чанд соли пеш хело ҳам шаффоф ва инчунин хушбинтар ба назар мерасад. Тафовути гендерӣ дар илм, технология, муҳандисӣ ва математика бошад торафт камтар мешавад. Барои бовар кардан ба ин гуфтаҳо асосҳои зиёде мавҷуданд, ки дар ояндаи наздик тамоман аз байн мераванд. Аз ин рӯ, тамоюли мушоҳидашуда ба афзоиши шумораи зиёди занони олима оварда мерасонад, ки барои мо бонувони олима ин падида боиси ифтихор аст. Ба ин гуна дастовардҳои нақиб пеш аз ҳама омилҳои зиёде мусоидат намудаву ҳамзамон маънои онро дорад, ки мо дар ояндаи наздик шоҳиди бевоситаи бозёфтҳои беназири бонувон - олимаҳои ҳамзамонони худ хоҳем гардид.

Сипас, дар мавзуи «Илми муосир - кор аз рӯйи иштибоҳҳо ё давраи нави рушд» пленум барпо гардид. Нотиқон дар доираи ин мубоҳиса сухан ронда иброз доштанд, ки дар замони муосир илм ҳамчун раванди мунтазами ҷомеа ба таври пайваста инкишоф ва такмил меёбад. Ҳатто дар соҳаҳое,ки таҳқиқоти илмӣ ба ислоҳи бархе аз иштибоҳҳо нигаронида шудааст, олимон ҳамеша роҳҳои ҳалли нав ва тарзҳои такмилу боз ҳам инкишоф додани технологияҳои мавҷударо меҷӯянду асосҳои онро ба таври пайваста меомӯзанд. Ҳамин тариқ, илми муосирро ҳамчун маҷмӯи фаъолият оид ба иштибоҳҳо ва давраи нави рушд ҳисоб кардан аз эҳтимол дур нест.

Барномаи кории Форум бо суханронии пурмуҳтавои коршиноси масоили этикети тиҷоратӣ Татяна Баранова дар бораи риояи одоби рақамӣ анҷом пазируфт. Маросими ботантанаи супоридани Ҷоизаи KOLBA https://t.me/kolba_science дар қисми дуюми барнома дар 17 номгӯй ва инчунин 3 номинатсияҳои махсус баргузор гардид.

Дар фарҷоми ҳамоиш меҳмонони фахрӣ, аз қабили Олга Тряскова ва Инна Беляева, сарпарасти ҷоиза, сармуҳаррири нашриёти «Алпина» Наталя Нартсиссова ва сафири Ҷоизаи «Колба» дар Улан-Удэ Анастасия Пержакова бо сухани табрикӣ назди ҳозирин баромад карданд. Имсол аз 60 шаҳрҳои Федератсияи Русия ва 4 номгӯй кишвари ИДМ, ки дар номинатсияи «Илм бидуни сарҳад» ширкат доранд, дархостҳо қабул шуданд. Дар маҷмуъ, коршиносони бунёд ғолибони озмунро барои дарёфти Ҷоиза – нишони фарққунандаи “Колба”, ки бо санги қимматбаҳо пӯшонида шудааст бо шаҳодатнома тасдиқ карданд.

Сипас, намояндагони 4 кишвари узви Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил – Қирғизистон (Бишкек), Тоҷикистон (Душанбе), Ӯзбекистон (Бухоро, Тошканд, Намангон) ва Қазоқистон (Алма-Ато) барандаи номинатсияи махсуси “Илм бидуни марз” интихоб карда шуданд.

Ҷумҳурии Тоҷикистонро узви фаъоли Филиали миллии WiN Global «Хонуми ядроӣ» (WiN Tajikistan), доктори илмҳои химия, дотсенти Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик Муҳаммад Осимӣ, Ғайбуллоева Зумрат Ҳабибовна намояндагӣ кардаву муаррифӣ намуд. Ҳамин тариқ, ҳамоиши мазкур хеле хотирмону басо ҳам муфид баргузор гардид, ки таассуротҳои фаромӯшнопазираш дар қалбҳои ғолибону иштирокчиёнаш якумр боқӣ хоҳад монд.

СЕМИНАРИ ИЛМӢ-АМАЛӢ ОИД БА МАВЗӮИ «ҒИЗОИ ФУНКСИОНАЛӢ ВА НАҚШИ ОН ДАР ҶАҲОНИ МУОСИР»

27 апрели соли 2023 дар Донишгоҳи технологии Тоҷикистон дар доираи ҳамкориҳои дучонибаи факултети муҳандисӣ-технологии ДТТ ва ДДТТ семинари муштараки илмӣ-амалӣ дар мавзӯи «Ғизои функционалӣ ва нақши он дар ҷаҳони муосир» баргузор гардид. Филиали миллии WiN Global «Хонуми Ядрудӣ» (WiN Тоҷикистон).

Дар оғози чорабини ноиби президенти Филиали миллии WiN Global «Хонуми ядроӣ» (WiN Тоҷикистон), доктори илмҳои тиб Шарофова Мижгона Умедҷоновна суханронӣ намуд. Дар баромади худӯ қайд кард, ки ғизои функционалӣ, ки асоси илмӣ дорад, дар баробари арзиши ғизоии анъанавӣ, хосиятҳои хоси иловагиро муттаҳид мекунад,зеро ба ҳамагон маълум аст, ки ғизои солим асоси саломатии инсон аст. Асоси некӯаҳволӣ ва тарзи ҳаёти солим ғизои дуруст аст - ҳар чизе, ки инсон истеъмол мекунад ба намуди зоҳирӣ ва рӯҳияи ӯ таъсир мерасонад.

Соли 2019 Созмони Милали Муттаҳид 7-уми июнро Рӯзи ҷаҳонии амнияти озуқаворӣ эълон кард. Ҳадаф аз ин на танҳо ҷалби таваҷҷуҳи ҷомеаи ҷаҳонӣ ба масоили ғизо, балки беҳбуда бахшидани саломатии сокинони ҷаҳон тавассути таъмини амнияти ғизоӣ мебошад.

Аз ҷониби занони олима, намояндаи Бахши миллии WIN Global «Хонуми ядроӣ» доктори илмҳои тиб, профессор Салибоева ЗайнабНурматовна.

Инчунин устодону донишҷӯёни ин донишгоҳ дар мавзӯи омӯзиши ғизоҳои функсионалӣ назди иштирокчиёни чорабини маърӯза карданд.

Раҳбарияти Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик Муҳаммад Осими пешниҳод кардааст, кибарои донишҷӯёни ин факултет аз ҷониби намояндагони Бахши миллии «Хонуми ядроӣ»лексияҳои кушод ва дарсҳо баргузор карда шавад. Инчунин ташаббуси роҳандозии ҳамкориҳои муштараки илмӣ бо омӯзгорони ДТТ ва бонувони олими Бахши миллии «Хонуми ядроӣ» сурат гирифт.

БОЗДИДИ ИШТИРОКЧИЁНИ БАХШИ МИЛЛИИ «ХОНУМИ ЯДРОЙ» АЗ КОРХОНАИ ИСТЕҲСОЛИИ ҶАМЪИЯТИ САҲОМИИ КУШОДАИ «АЗОТ» ВА НЕРУГОҲИ БАРҚИ ОБИИ «САРБАНД» -И ШАҲРИ ЛЕВАКАНДИВИЛОЯТИ ХАТЛОН

27 апрели соли 2023 дар Донишгоҳи технологии Тоҷикистон дар доираи ҳамкориҳои дуҷонибаи факултети муҳандисӣ-технологии ДТТ ва ДДТТ семинари муштараки илмӣ-амалӣ дар мавзӯи «Ғизои функсионалӣ ва нақши он дар ҷаҳони муосир» баргузор гардид. Филиали миллии WiN Global «Хонуми Ядрой» (WiN Тоҷикистон).

11 - уми майи соли 2023 аъзои Бахши миллии «Хонуми ядрой» аз Корхонаи истеҳсолии Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Азот» ва инчунин Неругоҳи барқи обии «Сарбанд»-и шаҳри Леваканди вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон боздид ба амал оварданд.

Лозим ба тазаккур аст, ки ҳадаф аз сафари гурӯҳӣ ин пеш аз ҳамаоммавӣ гардонидани фаъолияти занони олим ва мутахассисони соҳаҳои мухталифи илму техникаи Бахши миллии «Хонуми ядрой» дар шаҳру ноҳияҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳамзамон баҳри боз ҳам рушд ва инкишоф бахшидани ташаббус ва ҳамкории бонувон бо мақсади баланд бардоштани нақши занон дар ҷомеа ва инчунин бо занони дигар вилояту шаҳрҳои ҷумҳурӣ ба роҳ мондани робитаҳои илмию фарҳангӣ маҳсуб меёбад.

Бояд қайд кард, ки бо вуҷуди пешрафти назаррас дар самти ноил шудан ба баробарии гендерӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин дар дигар соҳаҳои гуногун, бонувон ҳанӯз ҳам дар соҳаи касбӣ, аз ҷумла дар соҳаи илму технология ва инноватсия табъизро низ аз сар мегузаронанд. Аз ин рӯ,

оммавигардонии заноне, ки дар ин самт кор мекунанд, як вазифаи муҳим ва таъхирнопазир барои эҷоди сармояи зеҳнӣ дар Тоҷикистон мебошад.

Ҳангоми ворид шудан ба Корхонаи истеҳсолии Ҷамъияти саҳомии кушодаи ҶСК «АЗОТ» иштирокчиёни Бахши миллии «Хонуми ядроӣ»-ро директори техникии завод Тоҷиддин Гадоев истиқбол гирифт, ки дар тамоми давраи сафар дар майдони истеҳсолӣ ҳамроҳи ҳайати гурӯҳ қарор дошт.

Тибқи нақшаи барномаи сафар директори генералии корхона Шарифов Умедҷон Шарофиддинович меҳмононро хайрамақдам гуфта, зимнан қайд кард, ки комбинат дар байни корхонаҳои калонтарини саноати химиявии ҷумҳурӣ яке аз нахустин корхонаҳое мебошад, ки он ҳанӯз соли 1967 бо ду хатти технологии истеҳсолкунандаи маҳсулоти амиак ва карбамид дар давоми сол бо иқтидори истеҳсолии 110,0 ҳазор тонна аммиак ва 180,0

ҳазор тонна карбамид ба кор шуруъ карда буд.

Лозим ба зикр аст, ки комбинати мазкур инчунин мочевина барои соҳаи кишоварзӣ, гази карбон (CO2) барои саноати хӯрокворӣ ва эҳтиёҷоти техникӣ, оксигени газ (O2) барои дору ва металл кафшер, азоти моеъ (N2) барои чорводорӣ, аммиаки моеъ (NH3) барои чархаҳои яхдонҳои саноатӣ низ истеҳсол мекунад.

Маҳсулоти ҶСК «АЗОТ» на танҳо дар дохили ҷумҳурӣ фурӯхта мешавад, балки берун аз он ба хориҷи дуру наздик низ содир карда мешаванд. Зимни баромади пурмуҳтавои худ Умедҷон Шарифов перомуни кору фаъолияти кормандони бахши муҳандисию техникӣ, аз ҷумла фаъолияти бонувоне, ки дар комбинати мазкур солҳои тӯлонӣ софдилона кор мекунанд ва инчунин дар бораи саҳми онҳо дар пешрафти истеҳсолот суханронӣ намуд.

Номбурда ҳамзамон қайд кард, ки имсол Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз фаъолияти истеҳсолии корхонаи мутазаккир дидан намуда, ба корҳои таъмиру навсозии истеҳсолот баҳои мусбат доданд.

Бояд қайд кард, ки айни замон дар корхона таҷҳизоти муосири системаҳои идоракунии Centum VP ва ProSafe RS истифода мешаванд. Базаи моддию техникии пойгоҳҳои истеҳсолӣ бо истифода аз таҷҳизоти ширкатҳои машҳури ҷаҳонӣ, аз ҷумла Siemens, Samson, Emerson, Metran ва ABB, асбобҳо ва системаҳои муҳофизати фавқулода пурра иваз карда шуданд.

Президенти мамлакат зимни боздид аз корхона бо раванди истеҳсолот, истифодабарии таҷҳизоти муосир ва технологияҳои муосири насбшуда таваҷҷуҳи кормандони соҳаро ба истеҳсоли маҳсулоти хушсифат ва омода намудани мутахассисони ҷавони соҳибихтисос ҷалб намуданд.

Дар рафти вохӯрӣ бо бонувон Раиси шаҳри Леваканд – Бунафша Файзиддинзода ширкат варзида, нақши занону кормандони корхонаҳои мазкурро дар самти ободонии шаҳр махсус қайд намуда, фаъолияти занонро дар таҳкими ҳамкории судманд бо сохторҳои тобеи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ва инчунин мактабҳои олии ҷумҳурӣ хуб арзёбӣ намуд.

Сипас, Ғайбуллоева Зумрат Ҳабибовна доир ба ҳадафҳои сафари иштирокчиёни Бахши миллии «Хонуми ядроӣ» ва инчунин нақши занони олимаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар рушди илму технология ва дар бораи фаъолияти омӯзгориашон дар самти омода кардани кадрҳои коргарии Корхонаи истеҳсолии Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Азот» сухан ронда, ҷиҳати ба роҳ мондани ҳамкориҳои муфид изҳори сипоси худро баён намуд. Зарина Сайфиева – роҳбари Бахши миллии «Хонуми ядроӣ» дар навбати худ ҳозиринро бо таърихи таъсисёбӣ, фаъолият ва ҳадафҳои асосии филиали мазкур ошно намуда, инчунин ба роҳбарияти Корхонаи истеҳсолии Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Азот» ва Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Леваканд барои мусоидат дар масъаллаи

баргузории вохӯрии бонувони аъзои Бахши миллии «Хонуми ядроӣ» ва намояндагони Корхонаи истеҳсолии Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Азот» изҳори миннатдорӣ баён намуд.

Сипас, иштирокчиёни «Хонуми ядроӣ» - Ҳакимова Нодира Умаровна, Ғайбуллоева Зумрат Ҳабибовна, Мамадюсуфова Мену Ғуломҳайдаровна ва Абдуллоева Саодат Ҳакимовна дар навбати худ дар бораи роҳу воситаҳои ҳамкории байниҳамдигарӣ мубодилаи афкор карданд.

Дар фарҷоми вохӯрӣ Зарина Сайфиева ба роҳбарияти Корхонаи истеҳсолии Ҷамъияти саҳомии кушоди «АЗОТ» барои тақвияти ҳамкорӣ изҳори сипос арза дошта, ҳамзамон ба онҳо туҳфаҳои хотиравӣ супорид.

Инчунин ҳангоми бо рафти кори истеҳсолот шинос шудан дар дохили корхона бо фаъолзанони комбинат низ як ҷаласаи машвараті барпо гардид, ки дар рафти баргузории он занон аз ҷумла кормандони бахши истеҳсолӣ Шоҳида Рӯзиева - муҳандис оид ба автоматикунонӣ ва идоракунии раванди истехсолот, Сураё Раҳимова – масъули дастгоҳи сехи тозакунии гази табиӣ, Райҳонгул Наимова - устои релеи муҳофизатӣ ва автоматикунонии равандҳои технологии истеҳсолот, Бахтӣ Юсупова ва Фарзона Исоева - кормандони масъули сехи карбамидбарорӣ, Нисо Яҳёева - сардори озмоишгоҳи истеҳсолӣ, Шаҳло Маҳмадалиева ва Собира Ҷӯрахонова - мутасаддиёни озмоишгоҳи тозакунии об, Анна Кирдляшкина – муҳандис - конструктор, Момогул Музаффарова - устои сехи истеҳсоли аммиак ва Меҳринисо Раҳимова - мутасаддии дастгоҳҳои сехи корхонаи ҷудокунии ҳаво фаъолона иштирок карданд.

Ҳамин тариқ, зимни баргузории ин ҷамъомади муфид иштирокчиёнион дар бораи фаъолият, комёбиҳои истеҳсолӣ ва шахсии худ сухан ронда, инчунин дар рафти суҳбатҳо зарурати боз ҳам бештар ҷалб намудани занонро ба истеҳсолот ва ҳамзамон омодаву тарбия намудани кадрҳоро махсус қайд намуда, барои ҳамкорӣ ба Бахши миллии «Хонуми ядроӣ» низ мароқи бештар баён намудаву изҳори сипоси худро изҳор карданд.

Баъд аз шиносоии истеҳсолӣ бо роҳбарияти ҶСК «АЗОТ» аъзои Бахши миллии «Хонуми ядроӣ» аз Неругоҳи барқи обии “Сарбанд” боздид ба амал оварданд. Гурӯҳи меҳмононро дар даромадгоҳи Неругоҳи барқи обии “Сарбанд” директори генералӣ - Ҷамшед Маҳмадхонов самимонаистиқбол гирифт. Зимни мулоқот мавсуф зикр кард, ки Неругоҳи барқи

обии ”Сарбанд” бо иқтидори лоиҳавии 240 МВт 5-умин иншооти бузурги энергетикӣ дар дарёи Вахши Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб меёбад.

Сохтмони ин неругоҳи барқи обӣ дар асоси Пойгоҳи барқи обии “Шаршара” соли 1956 оғоз гардида, чархаи якуми он соли 1962 ба кор андохта шудааст. Айни замон дар НБО “Сарбанд” 162 нафар коргарон, аз он ҷумла 25 нафар занону духтарон, коркунони муҳандисию техникӣ аз 75 нафар иборат мебошанд. Бо мақсади таъмини бехатарӣ ва истифодаи боэътимоди неругоҳ мунтазам дар наҳри (канали) васлкунӣ корҳои муҳофизатии соҳилҳо гузаронида шуда, корҳои рехтани бетон аз сатҳи 455 то 460,5 метр дар ҳаҷми 1800 м^3 ва дарозиаш 90 метр ба нақша гирифта шудаанд.



Зимни вохӯрӣ аъзои Бахши миллии «Хонуми ядрой» аз роҳбарияти неругоҳ дар бораи татбиқи илм дар фаъолияти ин неругоҳ, бехатарӣ ва тобоварӣ ба зилзила, инчунин саҳми занон дар бунёди ин неругоҳ ва ҳамкориҳои муштарак пурсон шуданд.

Дар интиҳои ҷамъомад Зарина Сайфиева – роҳбари Бахши миллии «Хонуми ядрой» кормандони илмию техникӣ, аз ҷумла занони дар неругоҳи барқию обӣ коркунанда ва роҳбариятро барои иштирок дар рафти баргузории Конфронси байналмилалии «Нақши занон дар рушди илм, инноватсия ва технология», ки моҳи августи соли 2023 дар назар аст, даъват намуд. Ҳамин тариқ, мулоқот ва сафар ба шаҳри саноати Леваканд хеле хотирмону муфид доир гардид, ки дар лавҳи хотироти иштирокчиёнаш якумр боқӣ хоҳад монд.

ЧОРАБИНИИ ХАЙРИЯВӢ БАХШИДА БА РӮЗИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ҲИФЗИ КӮДАКОН

25 - уми майи соли 2023 иштирокчиёни Бахши миллии «Хонуми ядроӣ» -и назди Агентии амнияти химиявӣ, биологӣ, радиатсионӣ ва ядроии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон дар Муассисаи давлатии «Маҷмааи таълимию таҷрибавии кори иҷтимоӣ ва инноватсияҳо» барои кӯдакони имконияташон маҳдуд, ки дар шароити реабилитатсионӣ қарор доранд, чорабинии хайриявӣ баргузор намуданд.

Ҳамарӯза ҳудуди 50-60 нафар кӯдакони дорои нуқсонҳои мухталифи ҷисмонӣ ва равонӣ (фалаҷи мағзи сар, синдроми Даун, аутизм ва ғайраҳо)

дар муассисаи мазкур кӯмак гирифта, ҳамзамон аз реабилитатсия мегузаранд, яъне модарони кӯдакдор соати 7 меоянд ва бегоҳӣ соати 18.00 фарзандонашонро ба манзилҳояшон гирифта мебаранд. Дар ин муассиса кӯдакони навзод ва то синни 14 - сола қабул карда мешаванд.

Дар доираи офиятбахшӣ кӯдакон аз ҷониби мутахассисони баланд ихтисоси муассиса табобат ва маҳс низ мегиранд, инчунин малакаҳои хуби ҳаракати дастҳояшонро инкишоф медиҳанд, бо логопедҳо кор мекунанд ва ҳамзамондар тренажерҳои махсус машқҳои гуногун мегузаронанд.

Дар фарҷоми чорабинии хайриявӣ роҳбарияти Муассисаи давлатии «Маҷмааи таълимию таҷрибавии кори иҷтимоӣ ва инноватсияҳо» барои кӯдакони имконияташон маҳдуд ва мутахассисони он, инчунин волидони кӯдакони имконияташон маҳдуд ба маъмурияти Агентии амнияти химиявӣ, биологӣ, радиатсионӣ ва ядроии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ва ба масъулини Бахши миллии «Хонуми ядроӣ» барои кӯмаки расонидашудаашон изҳори миннатдорӣ баён намуданд.

СЕМИНАР ДАР МАВЗУИ «МАСЪАЛАҲОИ РУШДИ ЁРИИ ПАЛЛИАТИВӢ ДАР ТОҶИКИСТОН»

30 - юми июни соли 2023 дар толори маҷлисгоҳи Агентии амнияти химиявӣ, биологӣ, радиатсионӣ ва ядроии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон дар доираи фаъолияти Бахши миллии «Хонуми ядроӣ» семинар оид ба мавзуи: «Масъалаҳои рушди ёрии паллиативӣ дар Тоҷикистон» баргузор гардид.

Сипас, Абиджанова Нигора Нафизовна - мушовири коршиноси Ассотсиатсияи миллии кӯмаки паллиативии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ассистенти кафедраи саратоншиносӣ ва терапияи радиатсионии Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино назди ҳозирин мухтасар дар хусуси рушди ёрии паллиативӣ дар ҷумҳурӣ сухан ронда, иброз дошт, ки Созмони Умумиҷаҳонии Тандурустӣ (СУТ) онро чунин муайян мекунад: кӯмаки паллиативӣ равишест, ки ҳадафи он беҳтар кардани сифати зиндагии бемор ва аъзои оилаи гирифтори бемории хатарноки ҳаёт мебошад.

Лозим ба тазаккур аст, ки зимни суханронии пурмуҳтавои худ Нигора Абиджанова дар бораи таърихи пайдоиши ёрии паллиативӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунгузорӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, инчунин мушкилоти шадиди расонидани ёрии паллиативӣ дар Тоҷикистон, аз ҷумла, дар бораи норасоии шадиди баъзе аз доруҳо сухан ронд.

Дар фарҷоми ҷамъомад директори Ассотсиатсияи ҳамшираҳои шафқат ва момодояҳо Хасанова Ниҳолбӣ Ҳасановна дар бораи таҷрибаи кор бо беморони вазнин, инчунин масъалаҳои амалии ёрии паллиативӣ, аз ҷумла чӣ гуна нигоҳубин кардани беморон, то ин ки мушкилиҳои ҷиддӣ надошта бошанд, муфассал ҳарф зад. Семинар хеле судбахш доир гардид.

КОНФЕРЕНСИЯИ IV БАЙНАЛМИЛАЛИИ ИЛМӢ - АМАЛӢ ДАР МАВЗӮИ «НАҚШИ ЗАНҲОИ ОЛИМ ДАР РУШДИ ИЛМ, ИННОВАТСИЯ ВА ТЕХНОЛОГИЯ»

Рӯзҳои 15-17 августи соли 2023 дар шаҳри Хуҷанд (вилояти Суғд, Тоҷикистон) Конфронси IV байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзӯи «Нақши занони олим дар рушди илм, инноватсия ва технология» баргузор гардид, ки дар кори он зиёда аз 100 нафар ба таври фаъолона иштирок доштанд.

Ташкилкунандагони конфронс:

- Агентии амнияти химиявӣ, биологӣ, радиатсионӣ ва ядроии назди Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон;
- Бахши миллии «Хонуми ядроӣ» дар назди Агентии амнияти ХБРЯ АМИТ.

Аз ҷониби занони олим, омӯзгорон, аспирантҳо, магистрантҳо, донишҷӯён, ки дар пажӯҳишгоҳҳо ва сохторҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон намояндагӣ доштанд, аз ҷумла намояндагони сохтору зерсохтаҳои илмии тобеи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон,

Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ баромад намуданд. Дар рафти баргузори конфронс намояндагони Маркази миллии ташхиси амнияти озуқаворӣ, Институти бехатарии биологӣ ва биотехнологияи Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон, Донишгоҳи Русияву Тоҷикистон, Филиали Донишгоҳи давлатии Маскав ба номи М.В. Ломоносов дар Душанбе, Донишкадаи давлатии тиббии Точикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино, Институти иқтисод ва демографияи АМИТ Муассисаи давлатии Маркази ҷумҳуриявии таҳқиқоти онкологииВазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тотористон, Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи. А Баҳовиддинова ва ғайра.

Дар конфронс ҳамчунин олимони созмонҳои байналмилалӣ ва хориҷӣ, аз қабили: WiN Global, WiN Русия, WiN Қирғизистон, WiN Узбекистон, Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов, Муассисаи илмии «Институти умумироссиягии илмӣ-таҳқиқотии растаниҳои шифобахш ва хушбуй», Москва, РФГ, Маркази давлатии илмии FSBI FMBC ба номи А.И. Бурназян ФМБА-и Русия, Маркази такмили ихтисоси кормандони тиббии Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Ӯзбекистон, Донишгоҳи Мохамед V Работ, Марокаш ва ғайраҳо ширкат варзиданд.

Дар кори конференсия аз ҷумла дар бахшҳои зерин маърӯзаҳо шунида ва муҳокимагардиданд:

1. Масъалаҳои амнияти ХБРЯ;
2. Илмҳои табиатшиносӣ ва экология;
3. Нақши занон дар илм ва масъалаҳои баробарии гендерӣ;
4. Тиб;
5. Масъалаҳои актуалии забоншиносӣ, педагогика ва ҳуқуқ.

То оғози конфронс маҷмӯаи мақолаҳо омода карда шуд, ки дар он зиёда аз 70 асари аслӣ пешниҳод шудаанд.

ҚАТЪНОМА

аз рӮи натиҷаҳои конференсияи IV байналмалалии илмию амалии «Нақши занҳои олим дар рушди илм, инноватсия ва технология»
15-17 августи соли 2023, ш. Хуҷанд, Ҷумҳурии Тоҷикистон

Аз рӯйи натиҷаҳои муҳокимаи маърӯзаҳо дар сексияҳо хулосаю тавсияҳои зерин қабул карда шуданд:

1. Ин конфронс як платформаи байналмилалиест, ки бонувону олимони соҳаҳои мухталифи илмро бо ҳамдигар муттаҳид намуда, ба таҳкими робитаҳои пажӯҳишгоҳҳои таҳқиқотии кишварҳои муҳталиф, табодули таҷриба дар соҳаи амнияти радиатсионӣ ва ядроӣ, математика ва информатика, химия, биология, тиб, геология, экология, илмҳои ҷамъиятшиносӣ ва ғайраҳо мусоидат мекунад.

2. Нақши рӯзафзуни занони олим дар илм, дар соҳаҳои ҷамъиятӣ қайд карда шуд. Иштирокчиёни конфронс бо назардошти доираи васеи самтҳои илмии конфронс пешниҳод намуданд, ки табодули бештари таҷриба дар корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва дастовардҳои инноватсионӣ тавассути иштироки донишҷӯён, олимони ҷавон, олимон, аз ҷумла мардон ташкил карда шавад.

3. Ҳамкории зичтари муассисаҳои илмӣ - таҳқиқотӣ ва муассисаҳои

таҳсилоти олӣ бо мақсади ҷалби духтарон ба фаъолияти илмӣ-таҳқиқотӣ дар соҳаи илмҳои бунёдӣ ва амалӣ, оммавӣ гардонидани касбҳо дар соҳаи бехатарии ядроӣ ва радиатсионӣ, бехатарии биологӣ, биология, математика ва информатика, химия, физика ва техника, геология ва тиб.

4. Дастгирии ҳамаҷониба ба бонувони ҷавони олима, аспирантҳо, донишҷӯён, мусоидат ба табодули дониш, иттилоот ва таҷрибаи пешқадаму муваффақона, дастовардҳои касбии занон (истифода аз таҷрибаи кишварҳои иштирокчии WiN Global).

5. Идома додан ва такмил додани равишҳое, ки ба нигоҳ доштани муттасилии дониш ва малакаҳои касбии мутахассисони насли калонсол то насли ҷавон нигаронида шудаанд.

6. Иштирокчиёни Конфронси IV байналмилалии илмию амалии «Нақши занҳои олим дар рушди илм, инноватсия ва технология»- ро бомуваффақият шумориданд.

Мо ба роҳбарияти Агентии амнияти ХБРЯ-и Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон барои расонидани кумакҳои ташкилӣ ва молиявӣ дар баргузории конфронс изҳори сипос намоем.

ИҚДОМИ НАҶИБ

Тавре, ки иттилоъ доред, охири моҳи августи соли 2023 дар ҳудуди баъзе аз навоҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон обхезии шадид ба вуқуъ пайваста, дар натиҷа боиси фаромадани сел, ярч ва сангрезиҳои зиёд гардида буд.

Аъзои Бахши миллии “Хонуми ядрои”-и Агентии амнияти химиявӣ, биологӣ, радиатсионӣ ва ядроии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон тасмим гирифтанд, ки ба ду хонаводаи аз ҳама зиёд осебдидаи маҳаллаи Гулпистаи ноҳияи Варзоб, ки дар натиҷаи обхезӣ хонаҳояшон осеб дидаанд, кӯмаки амалии худро расонанд.

Санаи 3-юми октябри соли 2023 ба оилаҳои аз обхезии шадид осебдида ҷузъдонҳо бо ашёи хониш барои 5 нафар фарзандони мактабхонашон ва инчунин маводи ғизоӣ супорида шуд, ки ин амали хайру башардӯстона як иқдоми наҷиб маҳсуб меёбад.

VII ОЗМУНИ СОЛОНАИ ЛОИҲАҲО ДАР СОҲАИ ФАЪОЛИЯТИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ДОНИШГОҲҲОИ РУСИЯ ВА КИШВАРҲОИ ИДМ “ҶОИЗАИ EEUA 2023”

Аз 4-ум то 8-уми октябри соли 2023 дар Донишгоҳи политехникии Санкт-Петербурги баноми Пётри Кабир Озмуни VII солонаи лоиҳаҳо дар соҳаи фаъолияти байналмилалии донишгоҳҳои Русия ва кишварҳои ИДМ “Ҷоизаи EEUA 2023” баргузор гардид, инчунин Конфронси X байналмилалӣ оид ба содироти таҳсилоти олӣ https://iunc.net/eurasia-cis.

Иштирокчиёни озмун ва конфронс намояндагони донишгоҳҳои Русия, Беларус, Маҷористон, Ҳиндустон, Эрон, Бразилия, Аргентина, Аморати Муттаҳидаи Араб, Эфиопия, Алҷазоир, Мали ва ғайра буданд.

Бояд гуфт, ки дар Донишкадаи политехникии Санкт-Петербург олимони машҳури сатҳи ҷаҳонӣ таҳсил кардаанд. Таърих ва шуҳрати Донишкадаи политехникиро дар давоми зиёда аз 100-сол одамоне, ки дар он ҷо таҳсил кардаанд, лауреатҳои мукофоти Нобелӣ: П. Капитса, Н. Семёнов, Ж.И. Алферов, академикҳо А.Ф. Иоффе, И.В. Курчатов, А. Радтсиг, Ю.Б. Харитон, конструктори генералӣ О. Антонов. Бояд кайд кард, ки SpbPU 12 институтро дар бар мегирад, Осорхонаи таърихии SPbPU мавҷуд аст, ки он яке аз бузургтарин осорхонаҳои донишгоҳӣ бо коллексияи васеи асбобҳо аз охири асри XIX - ибтидои асри XX, объектҳои беназири илм ва техника мебошад.

Тоҷикистонро ягона лоиҳаи «Маъмулгардонии илмҳои табиатшиносӣдар Тоҷикистон ва ҳамгироии он ба ҳаёти донишҷӯй», ки роҳбари он узви Бахши миллии «Хонуми ядроӣ» - Татяна Мухсиновна Умарова, доктори илмҳои техникӣ, сармутахассиси ДДТТ ба номи А. Сино, инчунин кафедраи илмии Филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М. В. Ломоносов дар Душанбе мебошад.

Боиси хушнудист, ки лоиҳаи Татяна Мухсиновна дар номинатсияи «Рушди ҳамкории байни донишгоҳҳо» ғолиб омад. Маросими тантанавии супордани барандагони ҷоизаи EEUA 2023 дар бинои нави Технополис Политех, рӯзи 4 октябри соли 2023 баргузор гардид.

«Ҷоизаи EEUA 2023 аз ҷониби Ассотсиатсияи донишгоҳҳои Аврупои Шарқӣ таъсис дода шуда, озмуни ҳамасолаи лоиҳаҳои донишгоҳӣ дар соҳаи байналмилалӣ гардонидани таҳсилоти олӣ дар Русия ва ИДМ мебошад, ки ба шарофати он беҳтарин лоиҳаҳои донишгоҳии байналмилалӣ эътироф ва шуҳрат пайдо мекунанд.

Муҳтавои лоиҳаи пешниҳодшуда ба таҳкими робитаҳои илмӣ байни донишгоҳҳои Тоҷикистон бо кишварҳои шарик, ҷалби бештари донишҷӯён ба илм, рушди неруи эҷодии донишҷӯён, фароҳам овардани шароит барои роҳнамоии илмии касбии онҳо аз рӯзҳои аввали таҳсил дар донишгоҳ, мавқеи махсус дар лоиҳа ба ҷалби духтарон ба илм, иштироки фаъолонаи онҳо дар чорабиниҳои илмии сатҳҳои мухталиф, ки ба фаъолияти асосии Бахши миллии «Хонуми ядроӣ» мувофиқ аст, нигаронида шудааст.

30-ЮМИН КОНФРОНСИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ WIN GLOBAL12-16 НОЯБР, АСУАН, МИСР

Аз 12 то 16 ноябр дар шаҳри Асуан (Миср) 30-юмин Конфронси байналмилалии солона дар мавзӯи «Занон барои рушди устувори технологияҳои ҳастаӣ ва радиатсионӣ» баргузор гардид.

Мавзӯи мазкур барои таъмини ҳамгироии муаррифинамоиҳо перомуни татбиқи технологияҳои ҳастаӣ, аз истеҳсоли энергия ва пешрафтҳодар технологияи неругоҳи атомӣ то таҳқиқоти тиббии начотбахш дар радиотерапия интихоб карда шудааст. Тибқи Консепсияи ин конфронс, мавзӯъҳои иловагӣ муаррифии ғояҳои нав дар бахшҳои татбиқи радиатсионӣ дар тибби ҳастаӣ, биология, физика ва ҳифзи радиатсионӣ ва амнияти озуқаворӣ буданд.

Ин чорабинӣ имкон дод, ки коршиносони занону мардон аз соҳаҳои гуногун барои табодули дониш ва таҷрибаи касбӣ ва байнисоҳавӣ дарин соҳа ва ҳамчун як платформаи илҳом бахшидан ба занон барои идома додани пешсафон дар соҳаи худ ва дастгирии ҳамаҷонибаи ҳамдигар хизмат намояд.

Дар конфронс Сайфиева Заррина президенти Бахши миллии «Хонуми ядроӣ» иштирок намуда бо ду маърӯза таҳти унвонҳои «Ҳисобот дар бораи фаъолияти Бахши миллии «Хонуми ядроӣ» ва «Пешрафтҳои охирин дар соҳаи бехатарии радиатсионӣ, ҳифзи ҷисмонӣ ва кафолатҳо дар мисоли фаъолияти Марказиминтақавии таълимӣ ва омӯзишӣ дар соҳаи амнияти ХБРЯ ва муқовиматбо терроризм бо истифода аз силоҳи қатли ом» баромад намуд.

Инчунин дар бораи Конфронси глобалии WiN, ки соли 2027 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе баргузор мешавад ва дар бораи таъсиси шабакаи занони Осиёи Марказӣ дар майдони ҳастаӣ (Шабакаи WINCA Network) эълони расмӣ низ ба чоп дода шуд.

СЕМИНАР ДАР МАВЗӮИ: «БИОМАТЕРИАЛҲОИ СОХТОРИИ ҒАЙРИОРГАНИКӢ»

21-уми ноябри соли 2023 дар доираи фаъолияти Бахши миллии “Хонуми ядрои” барои табодули дониш ва таҷриба Филиали Донишгоҳи давлатии Маскав ба номи М.В. Ломоносов дар шаҳри Душанбе дар якҷоягӣ бо Агентии амнияти химиявӣ, биологӣ, радиатсионӣ ва ядроии назди Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, инчунин Бахши миллии «Хонуми ядрой» дар мавзӯи «Биоматериалҳои сохтории ғайриорганикӣ», семинари илмӣ барпо гардид. Маърӯзаро доктори илмҳои химия, профессори факултети маводшиносии Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М. Ломоносов - Кнотко Александр Валерьевич кироат намуд.

Директори филиал Сергей Викторович Трофимов бо сухани ифтитоҳӣ баромад карда, ҳамзамон қайд кард, ки семинар дар доираи татбиқи Барномаи давлатии «Бист соли омӯзиш ва рушди илмҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва математика», ба ҷашни солгарди дар пешистодаи 270-солагии Университети Москва ва инчунин 15-солагии Филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М. В. Ломоносов дар ш. Душанбе, ташкил карда шудааст.

Номи дақиқи ин вохӯрӣ «Семинари илмӣ» аст, ки дар толори маҷлисгоҳи Агентии амнияти химиявӣ, био- логӣ, радиатсионӣ ва ядроии АМИТ баргузор шуда, олимони ҳам-

ақидаи илмию таҳқиқотии Академияи миллии илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистонро гирди ҳам овард. Раёсати ҳамоҳангсозии корҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва коркарди АМИТ, Маркази таҳқиқоти технологияҳои инноватсионии назди АМИТ, ҳайати омӯзгорони факултети материалшиносии Донишгоҳи давлатии Маскав, Филиали Донишгоҳи давлатии Маскавба номи М.В. Ломоносов дар шаҳри Душанбе, олимони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино ва ғайраҳо; Роҳбари WIN Русия Евгения Еншина ба таври маҷози ширкат кард. Боиси хушнудист, ки дар семинар ва муҳокимаҳои илмӣ, дастпарварони риштаи «Химия, физика ва механикаи мавод»-и филиал, фаъолона иштирок намуданд.

Иштирокчиёни семинар аҳаммияти ин мавзуъ, ҳосилнокӣ ва дурнамои баргузории вохӯриҳои минбаъдаи илмиро муфид қайд карданд, ки ин ба онҳо имкон медиҳад, ки бо навтарин дастовардҳои инноватсионӣ дар соҳаи маводшиносии муосир шинос шаванд, имкони мубодилаи афкор ва муҳокимаи озодонаро, низпайдо кунанд.

ФОРУМ - МУКОЛАМАИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ «ЗАНОНИ ҚАЗОҚИСТОН ВА РУСИЯ: ЭНЕРГИЯИ ҲАМКОРӢ БАРОИ РУШДИУСТУВОРИ СОҲАҲОИ ТЕХНОЛОГӢ»

21-уми ноябри соли 2023 дар доираи фаъолияти Бахши миллии “Хонуми ядрои” барои табодули дониш ва таҷриба Филиали Донишгоҳи давлатии Маскав ба номи М.В. Ломоносов дар шаҳри Душанбе якҷоя бо Агентии амнияти химиявӣ, биологӣ, радиатсионӣ ва ядроии назди Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, инчунин Бахши миллии «Хонуми ядроӣ» дар мавзуи «Биоматериалҳои сохтории ғайриорганикӣ», семинари илмӣ барпо гардид. Маърӯзаро доктори илмҳои химия, профессори факултети маводшиносии Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М. В. Ломоносов - Кнотко Александр Валеревич қироат намуд.

27-уми ноябри соли 2023 дар шаҳри Остонаи Ҷумҳурии Казокистон Ассотсиатсияи «Ҷамъияти ҳастаии Қазоқистон» ва Фонди дастгирӣ ва рушди ташаббусҳоизанон «Муттаҳид кардани занон дар саноати ҳастаӣ» бо дастгирии Корпоратсияи давлатии «Росатом» Форум-муколама «Занони Қазоқистон ва Русия: энергияи ҳамкорӣ барои рушди устувори соҳаҳои технологияҳоибаланд» баргузор гардид.

Меҳрангез Муминова, котиби матбуотии Бахши миллии “Хонумиядроӣ”, котиби илмии Агентии амнияти ХБРЯ АМИТ, дар ҷаласаи панелии “Муколамаи кушоди байналмилалии занон дар саноати ҳастаӣ” баромад кард. Номбурда зимни суханронии худ дастгирии ташаббусҳои занон дар соҳаи ҳастаӣ ва радиатсионӣ ва ҷалби насли наврасро ба ин соҳа муҳим арзёбӣ намуд.

Форум-муколама мутахассисони соҳаҳои технологӣ, аз ҷумла саноати атомиро гирди ҳам овард: намояндагони Раёсати энергетикаи атомӣ ва саноати Вазорати энергетикаи Ҷумҳурии Қазоқистон, Вазорати маорифи Ҷумҳурии Қазоқистон, Ассотсиатсияи KAZENERGY, Маркази миллии ҳастаии РСБ Ҷумҳурии Қазоқистон, Агентии УзАтом, филиалҳои WiN Global аз Тоҷикистон, Ӯзбекистон ва Қазоқистон, Донишгоҳи Тунис Эл Манар (Шӯрои байналмилалии дастгирӣ ва рушди занон дар саноат ва Технология), коршиносони Корпоратсияи давлатии “Росатом”, ҶСК ОКБ “ Гидропресс”, ҶСК «Атомэнергопроект».

Дар рафти чорабинӣ иштирокчиён таҷрибаи пешқадам оид ба фароҳам овардани фазои мусоид барои рушди касбии занон, ҳавасмандгардонии фаъолияти илмӣ, ҷалби насли наврас ба касбҳои STEM, инчунин рушди муколамаи байналмилалӣ дар соҳаи илму техникаро муаррифӣ намуданд. Чорабинӣ як платформаи табодули таҷриба байни занони коршинос дар ҷомеаҳои ҳастаӣ ва баландтехнологии байналмилалӣ оид ба истифодаи пешрафтҳои инноватсионӣ ва технологӣ барои ноил шудан ба ҳадафҳои рушди устувор, аз ҷумла технологияҳои ҳастаӣ гардид.

ЭКСКУРСИЯ БАРОИ ХОНАНДАГОНИ МАКТАБИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ КОНТОФИЛД БА МАРКАЗИ МИНТАҚАВИИТАЪЛИМӢ ВА ОМӮЗИШӢ ДАР СОҲАИ АМНИЯТИ ХБРЯ ВА МУҚОВИМАТБО ТЕРРОРИЗМ БО ИСТИФОДА АЗ СИЛОҲИ ҚАТЛИ ОМ ВА ОЗМОИШГОҲИАГЕНТИИ АМНИЯТИ ХБРЯ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

29-уми ноябри соли 2023 дар доираи фаъолияти Бахши миллии “Хонуми ядрой” бо мақсади ҳавасмандгардонии шавқу рағбат ба илм дар байни ҷавонон барои хонандагони синфҳои 10-11 дар Мактаби Байналмилалии Контофилд, омӯзгори фанҳои биология ва география Екатерина Геннадевна Дон ба Маркази минтақавии таълимӣ ва омӯзишӣ дар соҳаи амнияти ХБРЯ ва муқовимат бо терроризм бо истифода аз силоҳи қатли оми ва озмоишгоҳи Агентии Амнияти ХБРЯ Ҷумҳурии Тоҷикистон экскурсияи шиносой ташкил намуд.

Ҳадаф аз баргузории чорабинӣ шинос намудани донишҷӯён бо тадқиқоти илмӣ дар соҳаи амнияти ядроӣ ва радиатсионӣ, усулҳои мониторинги радионуклиди муҳити биологии Тоҷикистон буд.

Зарина Сайфиева, директори Маркази минтақавии таълимӣ ва омӯзишӣ дар соҳаи амнияти ХБРЯ ва муқовимат бо терроризм бо истифода аз силоҳи қатли оми, президенти Бахши миллии «Хонуми ядроӣ» ба донишҷӯён дар бораи самтҳои асосии фаъолияти маркази таълимӣ ва Агентии амнияти ХБРЯ маълумот дод.

Яна Павловна Довгялло, ходими пешбари илмии Институти иқтисод ва демографияи АМИТ - номзади илмҳои иқтисодӣ, иштирокчии Бахши миллии «Хонуми ядроӣ» бо маърӯзаи худ «Асосҳои экология»донишҷӯёнро дар бораи мушкилоти глобалии экологӣ ва роҳҳои имконпазири ҳалли онҳо шинос кард. Ҳамзамон зимни суханронии худба он таваҷҷуҳ кард, ки ҳар яки мо чиро бояд тағйир диҳем ва муносибати худро бо муҳити зист чӣ гуна ташкил кунем, то сарбории антропогенироба ҳадди ақал кам кунем.

Сипас, дар бораи таҳқиқоти гузаронидашуда, н.и.т., ходими калони илмии

озмоишгоҳи Агентии амнияти ХБРЯ-и Ҷумҳурии Тоҷикистон Меҳровар Бобоёров ва мудири сектори назорати беморон ва таъсири ҷамъиятӣ Сафаралӣ Муъминов суханронӣ карданд. Озмоишгоҳ, таҷҳизоти ҳозиразамонро намоиш дод, ки дар Ҷумҳурӣ мислаш нест.

Бобоёров Меҳровар яке аз самтҳои асосии озмоишгоҳ мониторинги радиатсионии муҳити зистро таъкид намуда, нишон дод, ки чӣ гуна намунаҳои хок, об ва хок барои таҳлил омода мешаванд. Озмоишгоҳи криминалистии ядроӣ, ки ба тафтиши ҷиноятҳои вобаста ба муомилоти ғайриқонунии маводи ядроӣ ёрӣ мерасонад, шавқу ҳаваси зиёди донишҷӯёнро ба амал овард.

Экскурсия бисёр пурмазмуну шавқовар гузашт ва ба догишҷӯён имконият фароҳам, ки таҳқиқоти илмии соҳаи амнияти ядроӣ ва радиатсиониро ба таври аз мадди овар, ки назар гузаронем.

СЕМИНАР «РОҲБАР ЧИСТ?»

1-уми декабри соли 2023 дар доираи фаъолияти Бахши миллии “Хонуми ядрой”, роҳбари филиали /давлатӣ, намоядаи Тоҷикистон ICAP Global Health, оиди масъалаҳои саратон ва саломатии аҳолӣ, н.и.т. Абиҷонова Нигора Нафизовна ба сифати сухангӯй дар семинар оиди мавзӯи “Роҳбари чист?”. баромад намуд.

Ҳар як шахс новобаста аз вазифа метавонад роҳбар бошад, барои ин мудир будан шарт нест. Малакаҳои роҳбарӣ ҳам барои роҳбарон ва ҳам барои кормандони одӣ басо ҳам заруранд.

Тавре, ки Нигора Нафизовна зимни суҳанронии пурмуҳтавои қайд намуданд, сарварӣ, маҳорат илҳомбахшӣ, ҳавасмандкунӣ, пайдо намудани забони умумӣ, ташаббус ва масъулиятшиносист. Сифати роҳбар ин малакаҳои ба истилоҳ нарм мебошад, яъне ин қобилияти ҳамдард будан, гӯш намудан ва шунидани тарафи муқобил, маҳорати эҷодкорӣ, масъулият, қобилияти омӯзиш ва интиқол додани дониш, пайхас намудан ва дарёфти истеъдод ба дигаронро тақозо менамояд. Роҳбарти табиӣ сифатҳое доро аст, ки ба онҳо имкон медиҳанд, ки ҳар як шахсро дар даста ва маҷмӯъ гурӯҳ мустаҳкам намояд. Онҳо манфиятдоранд, ки ба ҳар як аъзои дастаи худ барои рушд ва нуфуз кӯмак расонад.

Нигора Нафизовна бо ёрии як чанд машқҳои начандон душвор нишон доданд, ки чи гуна метавон роҳбаро дар гурӯҳ муайян намуд ва инчунин босаволҳои муайян метавон фарқ миёни роҳбар ва сардор (босс) – ро пайдо каврд.

АГЕНТИИ АМНИЯТИ
ХБРЯ

НАВГОНИҲО

АҶЛИСИ СОЛОНАИ БАХШИ МИЛЛИИ «ХОНУМИ ЯДРОЙ»

27 декабри соли 2023 ҷаласаи Бахши миллии «Хонуми ядроӣ» баргузор гардид, ки ба ҷамъбасти сол бахшида шуд.

Директори Агентии амнияти химиявӣ, биологӣ, радиатсионӣ ва ядроии АМИ Тоҷикистон, доктори илмҳои техникӣ. - Илҳом Мирсаидзода ба фаъолият ва дастовардҳои Бахши миллии «Хонуми ядроӣ» баҳои баланд дод.

«Ман фахр мекунам, ки Бахши миллии «Хонуми ядроӣ» фаъолона инкишоф меёбад ва ин эътирофи аҳамияти нақши занон дар соҳаи амнияти ХБРЯ мебошад. Ҷамъияти мо занонеро дар бар мегирад, ки малакаҳои барҷастаи касбӣ, роҳбарӣ ва фидокорӣ нишон медиҳанд. Занон дар илм ва технология нақши калидӣ доранд - аз тадқиқот ва муҳандисӣ то бехатарӣ ва танзим. Занон потенсиал ва истеъдоди раднашаванда доранд, ки бояд инкишоф ва дастгири карда шаванд. Онҳо қодиранд, ки ҳама гуна монеаҳоро паси сар кунанд ва ба комёбиҳо дар илм ноил шаванд, бо назардошти имкониятҳои баробар ва дастрасии одилона ба захираҳо ва ман ҳамчун роҳбари Агентии амнияти ХБРЯ ҳамеша омодаам, ки дар ин раванд саҳм гузорам», - директори Агентии амнияти ХБРЯ дар нутқи худ таъкид карданд.

«Занон дар илм қувваи бузурганд! Миқдори зиёди кашфиётҳои илмӣ, махсусан дар соҳаҳои химия ва физика аз тарафи занон ба даст оварда шудаанд.

Ман метавонам аз занони барҷастаи олим, лауреатҳои Мукофоти Нобелӣ - Мари ва Ирен Кюри, ки барои рушди физикаи ҳастаӣ хидматҳои зиёде кардаанд, чанд мисол оварда метавонам. Мари Кюри нахустин барандаи ҷоизаи зан шуд ва то соли 1935, вақте ки духтараш Ирен сазовори ҷоизаи Нобел шуд, ягона ҷоиза боқӣ монд. Дар ҳақиқат занон дар илм нақши бузург доранд ва ман аз рушди Бахши миллии «Хонуми ядроӣ» шодам, - қайд кард Мирсаидов Улмас Мирсаидович, доктори илмҳои химия, профессор, академики Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон.

Сайфиева Заррина, президенти Бахши миллии «Хонуми ядроӣ» оид ба фаъолияти филиал барои соли 2023 баромад намуд. Дар фарҷоми вохӯрӣ ба иштирокчиёни фаъол сипоснома ва туҳфаҳои хотиравӣ супорида шуд.

МУНДАРИҶА

ДАР БОРАИ МО 2

I. ЧОРАБИНИҲОИ УМУМӢ 7

ҲИМОЯИ РИСОЛАИ НОМЗАДИИМУМИНОВ САФАРАЛӢ ДАР ДОНИШГОҲИ ТЕХНИКИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ АКАДЕМИК МУҲАММАД ОСИМӢ 8

ДИРЕКТОРИ АГЕНТИИ АМНИЯТИ ХБРЯ-И АМИТ ИЛҲОМ МИРСАИДЗОДА ҒОЛИБИ ОЗМУНИ ЭКОЛОГИИ МАҶЛИСИНАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ГАРДИД 10

ЧОРАБИНИИ ВАРЗИШӢ БАХШИДА БА РӮЗИ АРТИШИ МИЛЛӢ 14

ИФТИТОҲИ КОРҲОИ БАРҚАРОРСОЗӢ ДАР ПАРТОВГОҲИ ПАРТОВҲОИ САНОАТИ УРАН ДАР ШАҲРИ ИСТИҚЛОЛ 16

БОЗДИДИ МАКТАББАЧАГОНИ ГИМНАЗИЯИ № 1 БАРОИ КӮДАКОНИ ЛАЁҚАТМАНДИ ШАҲРИ ДУШАНБЕ АЗ ОЗМОИШГОҲИ ИЛМИИ АГЕНТИИАМНИЯТИ ХИМИЯВӢ, БИОЛОГӢ, РАДИАТСИОНӢ ВА ЯДРОИИ АКАДЕМИЯИМИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН 21

ФОРУМИ МИЛЛИИ «ҲАМКОРӢ БО ҶОНИБҲОИ МАНФИАТДОР ОИД БА БАРҚАРОРСОЗИИ МАВЗЕЪҲОИ МЕРОСИ УРАНИУМ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН» 24

КОНФРОНСИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ИЛМӢ - АМАЛИИ “АМНИЯТИ ХИМИЯВӢ, БИОЛОГӢ, РАДИАТСИОНӢ ВА ЯДРОӢ:ДАСТОВАРДҲО, МУШКИЛОТ ВА ДУРНАМО” БАХШИДА БА 20-СОЛАГИИ ТАЪСИСЁБИИ АГЕНТИИАМНИЯТИ ХБРЯ-И АМИТ 27

ҶАЛАСАИ ИДОНА БА ИФТИХОРИ 32-юмин СОЛГАРДИ ИСТИҚЛОЛИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН 33

ИШТИРОҚ ДАР 67-УМИН ҶАЛАСАИ КОНФРОНСИ УМУМИИ АГЕНТИИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ НЕРУИ АТОМӢ (АБНА) 36

ИҚДОМИ ФАРҲАНГӢ БАХШИДА БА РӮЗИ ЗАБОНИ МОДАРӢ 38

ТАҶЛИЛИ РӮЗИ ПРЕЗИДЕНТИҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР АГЕНТИИ АМНИЯТИ ХБРЯ АМИТ 39

ТАҶЛИЛИ РӮЗИ ПАРЧАМИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР МАРКАЗИМИНТАҚАВИИ ТАЪЛИМӢ ВА ОМӮЗИШӢ ДАР СОҲАИ АМНИЯТИ ХБРЯ ВА МУҚОВИМАТ БО ТЕРРОРИЗМ БО ИСТИФОДА АЗ СИЛОҲИ ҚАТЛИ ОМ 41

ТАМОШОИ ДАСТАҶАМЪОНАИ ПАХШИ МУСТАҚИМИ ПАЁМИ АСОСГУЗОРИ СУЛҲУ ВАҲДАТИ МИЛЛӢ – ПЕШВОИ МИЛЛАТ,

МУНДАРИҶА

АГЕНТИИ АМНИЯТИ ХБРЯ

ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ЭМОМАЛӢ РАҲМОН «ДАР БОРАИ САМТҲОИ АСОСИИ СИЁСАТИДОХИЛӢ ВА ХОРИҶИИ ҶУМҲУРӢ» 42
ҚАЛАСАИ ҚАМЪБАСТИИ 44
НАТИҶАҲОИ СОЛИ 2023 44

II. КОРҲОИ ИЛМӢ – ТАҲҚИҚОТӢ 47

ДАР СОЛИ 2023 АГЕНТӢ ФАЪОЛИЯТИ ИЛМИИ ХУДРО ДАР АСОСИ МАВЗӮЪҲОИИЛМИИ ЗЕРИН БА РОҲ МОНДААСТ: 48

III. ҲАМКОРИҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ 56

ТАТБИҚИ ЛОИҲАИ МИЛЛИИ АБНА БО МАРКАЗИ МИЛЛИИ ТАШХИСИ АМНИЯТИ ОЗУҚАВОРИИ КУМИТАИБЕХАТАРИИ ОЗУҚАВОРИИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН 57
МАРОСИМИ СУПОРИДАНИ ТАҶҲИЗОТБА МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ ИЛМИИ “МАРКАЗИ ОМӮЗИШИ ПИРЯХҲОИ АМИТ”ДАР ДОИРАИ ҲАМКОРИҲОИ ТЕХНИКИИ АБНА 59
МАРОСИМИ СУПОРИДАНИ ЛАВОЗИМОТ БА КДАМ ҶТ 62
МАРОСИМИ РАСМИИ СУПОРИДАНИ ДЕТЕКТОРҲОИ МАХСУС БАРОИ КАШФИ МАВОДИ ЯДРОӢ ВА РАДИОАКТИВӢ ДАР ФУРУДГОҲИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ХУҶАНД 63
ҚАЛАСАИ СЕРӮЗАИ МИНТАҚАВИИ ҲАМОҲАНГСОЗӢ 66
НИШАСТИ БАЙНАЛМИЛАЛИИҲАМОҲАНГСОЗОНИ МИЛЛИИ ИРТИБОТИИ АБНА ДАР ҶУМҲУРИИТОҶИКИСТОН 68
МАРОСИМИ РАСМИИ СУПОРИДАНИАВТОМАШИНАҲО БА КУМИТАИ ДАВЛАТИИ АМНИЯТИ МИЛЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ДОИРАИ ҚАТЪНОМАИ 1540 ШУРОИ АМНИЯТИ СММ 70
МАРОСИМИ РАСМИИ СУПОРИДАНИАСБОБУ ТАҶҲИЗОТ БА ИНСТИТУТИБОТАНИКА, ФИЗИОЛОГИЯ ВА ГЕНЕТИКАИ РАСТАНИИ АМИТ 72
МАРОСИМИ СУПОРИДАНИ ВОСИТАҲОИ НАҚЛИЁТ БА ҚӮШУНҲОИ САРҲАДИИ КДАМ ҶТ ДАР ДОИРАИ ТАТБИҚИ БАРНОМАИ МИЛЛИИ ЧОРАБИНИҲОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН 74
МАРОСИМИ РАСМИИ СУПОРИДАНИ ТАҶҲИЗОТИ ТАШХИСӢ ВА ТАБОБАТӢ БА МАРКАЗИ ҶУМҲУРИЯВИИ ИЛМИИ САРАТОНШИНОСИИ ВТҲИА ҶТ 76
МАРОСИМИ РАСМИИ СУПОРИДАНИ ТАҶҲИЗОТИ ТАШХИСӢ БА МАРКАЗИВИЛОЯТИИ САРАТОНШИНОСӢ ДАР ШАҲРИ КӮЛОБ 78
МАРОСИМИ РАСМИИ СУПОРИДАНИ ХРОМАТОГРАФИ ИОНӢ БА

МУНДАРИҶА

МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ ИЛМИИ “МАРКАЗИ ОМӮЗИШИПИРЯХҲОИ АМИТ” 80
МАРОСИМИ СУПОРИДАНИ ТАҶҲИЗОТВА ТАТБИҚИ ЛОИҲАИ АБНА ДАР ИНСТИТУТИ ТИББИ ВЕТЕРИНАРИИ АКАДЕМИЯИ ИЛМҲОИ КИШОВАРЗИИ ТОҶИКИСТОН 82
МУЛОҚОТ БО МУТАХАССИСОНИ 86
МАРКАЗИ САРАТОНШИНОСИИ ВИЛОЯТИСУҒД, КИ ДАР ДОИРАИ ҲАМКОРИҲО 86
БО АБНА ДАР ХОРИҶИ КИШВАР АЗТАҶРИБАОМӮЗӢ ГУЗАШТААНД 86
МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ ИЛМИИ “МАРКАЗИ ОМӮЗИШИ ПИРЯХҲОИ АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН” АЗ МАГАТЭ ДАСТГОҲИНАВИ ОМӮЗИШИ ПИРЯХҲОРО ДАР ШАРОИТИ САҲРО ДАСТРАС НАМУД 89
МАРОСИМИ РАСМИИ СУПОРИДАНИМОШИНҲО БА РАЁСАТИ ВОҲИДҲОИ ТАЪИНОТИ МАХСУСИ ВАЗОРАТИ КОРҲОИДОХИЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАРДОИРАИ ТАТБИҚИ ЧОРАБИНИҲОИ МИЛЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ОИДБА ҚАТЪНОМАИ 1540 ШУРОИ АМНИЯТИ СОЗМОНИ МИЛАЛИ МУТТАҲИД 94

IV. БАХШИ МИЛЛИИ ХОНУМИ ЯДРОЙ 96

БАРОМАДИ АЪЗОИ БАХШИ МИЛЛИИ «ХОНУМИ ЯДРОЙ» АЗ ТАРИҚИ РАДИОИ FM «ХОВАР » 97
ДАРСҲОИ РОҲНАМОИИ КАСБ БАРОИ ТАЛАБАГОНИ МАКТАБҲОИ МИЁНА 100
РӮЗИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ЗАНОН ВА ДУХТАРОН ДАР ИЛМ 102
СУХАНРОНИИ НАМОЯНДАИ БАХШИМИЛЛИИ «ХОНУМИ ЯДРОЙ» АЗ ТАРИҚИ РАДИОИ FM «ХОВАР » 104
ВОҲӮРӢ БО ИШТИРОКИ НОМЗАДҲО ВА ДОКТОРҲОИ ИЛМИИ БАХШИ МИЛЛИИ “ХОНУМИ ЯДРОЙ” 107
КОНФРОНСИ ҶУМҲУРИЯВИИ ИЛМӢ-АМАЛӢ ЗЕРИ УНВОНИ “НАҚШИ ЗАНОНДАР РУШДИ ИЛМҲОИ ДАҚИҚ” 108
БАРГУЗОРИИ ОЗМУНИ «ДАСТУРХОНИ ТАОМҲОИ МИЛЛӢ» 110
СЕМИНАР ДАР МАВЗУИ: «МУШКИЛОТИЭКОЛОГИИ ПАРТОВГОҲҲОИ УРАН ДАР ШАҲРИ ИСТИҚЛОЛ» БАРОИ ХОНАНДАГОНИ ЛИТСЕЙИ ТЕХНИКИИ БАНОМИ АКАДЕМИК МУҲАММАД ОСИМӢ 112
МИЗИ МУДАВВАР ДАР МАВЗӮИ «БЕХАТАРИИ РАДИАТСИОНӢ ДАР ТИБ ВА ТАБОБАТИ НУРӢ ДАР ЁРИИ ПАЛЛИАТИВӢ» 114
ЭКСКУРСИЯ БАРОИ ХОНАНДАГОНИ ЛИТСЕЙ-ИНТЕРНАТИИ «ҲОТАМ ВА ПВ» БАМАРКАЗИ ТАЪЛИМИИ МИНТАҚАВӢ ОИД БА ПАҲН

МУНДАРИҶА

АГЕНТИИ АМНИЯТИ ХБРЯ

НАКАРДАНИ СИЛОҲИ ҚАТЛИ ОМВА НАЗОРАТИ СОДИРОТ ВА ОЗМОИШГОҲИАГЕНТИИ АМНИЯТИ ХБРЯ-И АМИТ 122
ЧОРАБИНИИ ХАЙРИЯВӢ БАХШИДА БА ҶАШНИ НАВРӮЗИ ОЛАМАФРӮЗ 125
НАМОИШГОҲИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ ИННОВАТСИОНИИ МАСКАВ «АРХИМЕД» 126
ҶАЛАСАИ НАВБАТИИ СЕМОҲАИ БАХШИ МИЛЛИИ WIN GLOBAL «ХОНУМИ ЯДРОӢ» (WIN TAJIKISTAN) 127
МАШВАРАТИ МУФИД ДАР МАВЗӮИ «ТАЪСИРИ НУРҲОИ ОФТОБӢ ВА МАСЪАЛАҲОИ МУБРАМИ ПЕШГИРИИБЕМОРИИ САРАТОНИ ПӮСТ ДАР ҶУМҲУРӢ» 129
ОЗМУНИ ИНШО БАЙНИ ДОНИШҶӮЙЁНИ КУРСҲОИ 1 ВА 2-ЮМИ МАКТАБҲОИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР МАВЗӮИ «РОҲБАРИИ ЗАНОНИ ТОҶИКИСТОН ДАР СОҲАҲОИ ИЛМИЮ ТЕХНИКӢ» 131
ИШТИРОКИ НАМОЯНДАГОНИ БАХШИ МИЛЛИИ WIN GLOBAL «ХОНУМИ ЯДРОӢ» (WIN TAJIKISTAN) ДАР ФОРУМ ВАҶОИЗАИ «КОЛБА» 134
СЕМИНАРИ ИЛМӢ-АМАЛӢ ОИД БА МАВЗӮИ «ҒИЗОИ ФУНКСИОНАЛӢ ВА НАҚШИ ОН ДАР ҶАҲОНИ МУОСИР» 137
БОЗДИДИ ИШТИРОКЧИЁНИ БАХШИМИЛЛИИ «ХОНУМИ ЯДРОӢ» АЗ КОРХОНАИ ИСТЕҲСОЛИИ ҶАМЪИЯТИСАҲОМИИ КУШОДАИ «АЗОТ» ВА НЕРУГОҲИ БАРҚИ ОБИИ «САРБАНД» -И ШАҲРИ ЛЕВАКАНДИ ВИЛОЯТИ ХАТЛОН 139
ЧОРАБИНИИ ХАЙРИЯВӢ БАХШИДА БА РӮЗИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ҲИФЗИ КӮДАКОН 145
СЕМИНАР ДАР МАВЗУИ «МАСЪАЛАҲОИ РУШДИ ЁРИИ ПАЛЛИАТИВӢ ДАР ТОҶИКИСТОН» 147
КОНФЕРЕНСИЯИ IV БАЙНАЛМИЛАЛИИ ИЛМӢ - АМАЛӢ ДАР МАВЗӮИ «НАҚШИ ЗАНҲОИ ОЛИМ ДАР РУШДИ ИЛМ, ИННОВАТСИЯ ВА ТЕХНОЛОГИЯ» 149
ИҚДОМИ НАҶИБ 153
VII ОЗМУНИ СОЛОНАИ ЛОИҲАҲО ДАР СОҲАИ ФАЪОЛИЯТИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ДОНИШГОҲҲОИ РУСИЯ ВА КИШВАРҲОИ ИДМ “ҶОИЗАИ EEUA 2023” 154
30-ЮМИН КОНФРОНСИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ WIN GLOBAL 12-16 НОЯБР, АСУАН, МИСР 156
СЕМИНАР ДАР МАВЗӮИ: «БИОМАТЕРИАЛҲОИ СОХТОРИИ ҒАЙРИОРГАНИКӢ» 158

МУНДАРИҶА

ФОРУМ - МУКОЛАМАИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ «ЗАНОНИ ҚАЗОҚИСТОН ВА РУСИЯ: ЭНЕРГИЯИ ҲАМКОРӢ БАРОИ РУШДИУСТУВОРИ СОҲАҲОИ ТЕХНОЛОГӢ» 160
ЭКСКУРСИЯ БАРОИ ХОНАНДАГОНИМАКТАБИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ КОНТОФИЛД БА МАРКАЗИ МИНТАҚАВИИТАЪЛИМӢ ВА ОМӮЗИШӢ ДАР СОҲАИ АМНИЯТИ ХБРЯ ВА МУҚОВИМАТБО ТЕРРОРИЗМ БО ИСТИФОДА АЗ СИЛОҲИ ҚАТЛИ ОМ ВА ОЗМОИШГОҲИАГЕНТИИ АМНИЯТИ ХБРЯ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН 162
СЕМИНАР «РОҲБАР ЧИСТ?» 165
АҶЛИСИ СОЛОНАИ БАХШИ МИЛЛИИ «ХОНУМИ ЯДРОӢ» 166